ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

# ПАЁМИ

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ**
**БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

(маҷаллаи илмӣ)

1 (16) 2017

# ВЕСТНИК

**КУЛЯБСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ**

(научный журнал)

1 (16) 2017

**ДУШАНБЕ**
**КОНТИНЕНТ -ТҶ**
**2017**

**ББК 74.58 (2тоҷик)**
**П-14**
**УДК 378.4 (575.3)**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ
БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

КУЛЯБСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ АБУАБДУЛЛОХ РУДАКИ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 2009 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 2009 ГОДУ.

**Ҳайати тахририя:**
**Редакционная коллегия:**

**Абдулло Ҳабибулло,** доктори илмҳои физика-математика, профессор
сармуҳаррир
**Муродова Г.Р.,** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент
ҷонишини сармуҳаррир
**Сафаров Б.Қ.,** котиби масъул

**Ҳайати тахририя:**
**Члены редколлегии:**

**Каримов С.К.,** доктори илмҳои химия, академики АМ ФР ва Арбоби илму техникаи ҶТ, **Ҷ. Алимӣ**, доктори илмҳои филология, профессор, **Ибодов М.О.,** доктори илмҳои фалсафа, профессор, **Ғуломов И.,** доктори илмҳои педагогика, профессор, **Абдуллоев М.**, доктори илмҳои таърих, профессор, **Мирзоев С.С.,** доктори илмҳои педагогика, профессор, **Азамов Х.С.,** номзади илмҳои таърих, дотсент, **Сайдалиев Д.,** номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент **Сангов Қ.,** номзади илмҳои педагогика, дотсент, **Расулов Д.,** номзади илмҳои педагогика, дотсент, **Мирзоев Ғ.,** номзади илмҳои филология, дотсент, **Мустафоқулов Т.,** номзади илмҳои психология, дотсент, **Холиқов С.,** номзади илмҳои химия, дотсент.

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

ISBN 978-99975-959-1-7

© Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2016. Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ
Вестник Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки.

Тел/Факс: 2-35-06
Email: kgurektor@mail.ru

# ТОҶИКИСТОН ТАШАББУСКОРИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛӢ ОИД БА ОБ

**Хидирзода М.У., профессор**

Ҷаҳони имрӯза ҳамчун арсаи васеи муносибатҳои гуногунҷабҳа байни давлатҳои мустақил дар робита ба густариши равандҳои ҷаҳонишавӣ бо мушкилиҳое низ рӯ ба рӯ гашта истодааст, ки маҳз якдилӣ ва якмаромии тамоми кишварҳои сайёра метавонанд ба ҳалли онҳо мусоидати комил намоянд.

Авҷ гирифтани мушкилиҳои вобаста ба паҳншавии ифротгароию терроризм, хавфи паҳншавии бемориҳои гуногуне, ки инсоният дар роҳи табобату пешгирии онҳо то ҳол комёб нашудааст, гармшавии иқлим, мубаризаҳо баҳри ба даст овардани захираҳои нав, васеъ намудани доираи нуфуз байни абарқудратҳо ва ғайраҳо имрӯз ба қатори мушкилиҳои глобалӣ табдил ёфтаанд. Дар ин раванд масъалаи об ва таъмини дастрасӣ ба захираҳои обӣ низ ба қатори масоили муҳими сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии хусусияти глобалӣ дошта мубаддал гаштааст.

Вобаста ба ин масъала, гузоришҳои амиқ ва илман асосноки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҷалби диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи мазкур аҳамияти муҳими байналмилалӣ доранд.

Боиси ифтихор ва сарфарозии ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аст, ки ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ дастгирӣ ёфта, вобаста ба он 21 декабри соли 2016 Қатъномаи СММ  бо ҳаммуаллифии 177 кишвари узви СММ қабул гардид. Мутобиқи Қатъномаи мазкур давраи солҳои 2018-2028 ҳамчун даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон мешавад, ки он аз 22 марти соли 2018 шурӯъ шуда, дар рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об 22 марти соли 2028 ба анҷом мерасад.

Саҳми кишвари мо дар ҳалли масъалаҳои глобалии вобаста ба об дар ҷаҳон калон буда, ин иқдоми чоруми сарвари давлати мост, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ ҳамовозии гарм пайдо мекунад. Эълон шудани Соли 2003 - Соли оби тоза, солҳои 2005-2015 – Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт», Соли 2013 – Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об ва инак, даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» иқдомҳое мебошанд, ки баҳри ҳалли яке аз мушкилиҳои глобалӣ равона карда шудаанд.

Аҳамияти ин иқдомҳоро вокеияти мавҷуда собит намуда истодааст. Зеро тибқи оморҳои сохторҳои дахлдори СММ барои зиёда аз 40 фоиз  аҳолии ҷаҳон дастрасӣ ба оби ошомиданӣ ҳанӯз ташвишовар боқӣ монда, ин масъала дар солҳои минбаъда эҳтимолияти тезутундшавиро пайдо хоҳад кард. 70 фоизи ҳолатҳои марговаре, ки дар

натиҷаи ҳодисаҳои табиӣ ба амал меоянд, ба обхезиҳо ва дигар офатҳо вобаста ба об рабт доранд.[1]

Чуноне ки аз ҳуҷҷати муҳими аср «Ҳадафҳои рушди устувор» бармеояд, оби тоза ва дастрасӣ ба он қисми таркибииоламест, ки мо дар он зиндагӣ мекунем. Захираҳои оби нӯшокӣ дар ҷаҳон ҳамон қадаре ҳастанд, ки имконият медиҳанд инсоният ин орзуи худро амалӣ намояд. Вале бо сабаби банақшагирии нодурусти иқтисодиёт ва инфрасохтори сустмиллии онҳо одамон босабаби дастрасӣ надоштан ба оби ошомиданӣ ба мушкилот мувоҷеҳ ҳастанд.[2]

Норасоии оби ошомиданӣ ва шароитҳои номусоиди беҳдоштӣ таъсири худро ба амнияти озуқаворӣ, интихоби василаҳо барои ҳаёт, гирифтани таҳсилоти зарурӣ расонида, вазъи иҷтимоии гурӯҳҳои иҷтимоиро осебпазир гардонида, боиси авҷ гирифтани масъалаҳои фақр ва гуруснагӣ мегарданд.

Таҷрибаи муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ба хусусияти равобити байналмилалӣ дар баробари дигар омилҳо масъалаҳои вобаста ба об низ таъсири худро расонида истодаанд. Яъне, масъалаи дастрасӣ ба захираҳои обӣ, ба масъалаҳои амнияти давлатҳо ва минтақаҳо таъсири худро расонида, яке аз мушкилиҳое мебошад, ки эҳтимолияти баланди хавфи сар задани низоъҳои байни давлатиро пеш овардааст.

Мунокиша ва низоъҳои байниқавмӣ, байнидавлатӣ ва байнимиллатҳо вобастаба об воқеиятест, ки роҳандозии хамкориҳои самарабахшро дар самти дипломатияи об тақозо менамояд. Тибқи таҳлилҳои олимон дар ҷаҳон дар 50 соли охир 507 мунокиша маҳз бо сабаби дастрасӣ ба об рух дода, 21-тои онҳо ба задухӯрдҳои рӯйирости ҳарбӣ оварда расонидаанд. Эҳтимолияти баланди шиддат гирифтани ин низоъҳои нав дар ин замина мавҷуд аст.

Ҳавзаи зиёда аз 260 дарёҳои ҷаҳон байни ду ва ё зиёда давлатҳо тақсим шудаанд, ки дар ҳолати набудани мувофиқаҳои аниқ ва ё ниҳодҳои мустақил тағйир додани ҳавзаҳо метавонанд ба мушкилиҳои ҷиддӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ оварда расонанд.[3]

Маҳз бо назардошти муҳиммияти масъала лозим ба ёдоварист, ки инсоният бояд аз манбаъ ва захираҳои обӣ бо мақсади рушди устувор, таъмини зиндагии арзанда, мусоидат ба рушди имконият ва қобилияти фардии инсонҳо истифода барад.

Таҷрибаи ҳаёт нишон медиҳад, ки имрӯз масъалаи об на танҳо масъалаи экологӣ, балки масъалаи беҳдоштӣ ва тандурустӣ, омили таъмини рушди иқтисодӣ, таъмини манбаъҳои энергия, аз он ҷумла инкишофи бемайлони гидроэнергетика, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, омили таъмини ҳамзистии осоишта байни давлатҳо ва миллатҳо мебошад.

Дар баробари ин масъалаи об ҳамчун масъалаи муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ баромад намуда, таъсири худро ба рушди нерӯи инсонӣ низ мерасонад. Олимон собит намудаанд, ки дар бисёр кишварҳое, ки дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ маҳдуд аст, мушкилиҳои ҷиддӣ дар самти таъмини рушди сармояи инсонӣ низ ҷой доранд. Ин мушкилӣ таъсири худро, пеш аз ҳама, ба вазъи иҷтимоии занону кӯдакон расонида, имкониятҳои онҳоро бахри бомаърифат гаштан маҳдуд менамоянд. Зеро вақти зиёди

---

[1] Цели в области устойчивого развития.//www.un.org
[2] Цели устойчивого развития //www.un.org
[3] Водные конфликты.Геополитическая ситуация в регионах мира.// http://www.gumilev-center.ru

онҳо ва қувваашон барои кашонидани он ва таъмини ҳолати беҳдоштӣ дар шароити вазнини маҳдудият ба оби ошомиданӣ мегузарад.

Вазъи таъминот ва дастрасӣ ба шароитҳои хуби беҳдоштӣ бошад, масъалаи муҳим дар самти беҳтаршавии вазъи саломатии ҷомеа мебошад. Пайдоиши бемориҳои гуногуни сироятии вобаста ба об яке аз мушкилиҳои ҷиддӣ дар роҳи ба даст овардани Ҳадафҳои рушди устувор барои бисёр давлатҳои дунё мебошад. Тибқи оморҳои сохторҳои дахлдори СММ қариб 1,8 млрд. нафар дар тамоми ҷаҳон аз манбаъҳои ифлоси оби нушокӣ истифода мебаранд, 2,4 млрд. нафар ба шароитҳо ва хизматрасониҳои зарурии беҳдоштӣ дастрасӣ надоранд. Зиёда аз 80 фоиз пасобҳои дар натиҷаи фаъолияти инсон ҳосилшуда, ба дарёҳо ва баҳрҳо бе тозакунии иловагӣ партофта мешаванд. Ҳамарӯза қариб ҳазор нафар кӯдакон дар ҷаҳон аз касалиҳои дарунравии вобаста ба об ва беҳдошт мефавтанд.[4]

Ин ҳама гувоҳи он аст, ки об ҳамчун неъмати бебаҳои табиӣ имрӯз ҳамчун захираи боэътимод дар таъмини рушди устувори инсоният метавонад нақши муҳим дошта бошад. Дар баробари ин набояд фаромӯш кард, ки ин неъмат дар табиат бебақо набуда, истифодаи самараноки он яке аз омилҳои мусоидат дар самти ба даст овардани мақсадҳои наҷиб дар ин самт мебошанд. Зеро ба гуфтаи коршиносон айни ҳол 1,7 млрд. нафар одамон дар ҳавзаи дарёҳое зиндагӣ мекунанд, ки истифодабарии об аз имкониятҳои захиравии оби истифодашаванда кам мебошанд. Чунин оморҳо ба он ҳушдор месозанд, бояд сари дарёфти механизмҳо ва роҳҳои дурусти идоракунии захираҳои обӣ андеша кард.

Маҳз аз ҳамин сабаб, боло бурдани маърифати экологии аҳолӣ, таҳкими донишҳо дар самти истифодаи самараноки захираҳои обӣ бо мақсади ба даст овардани ҳадафҳои рушди устувор, такмили инфрасохтори мавҷудаи обёрикунӣ, истифодаи техника ва технологияҳои навин дар ин самт ва банақшагирии дурусти иқтисодиёт аҳамияти муҳим доранд.

Лозим ба ёдоварист, ки талаботи инсон дар самти ба даст овардани неъматҳои моддӣ беканор аст. Дар ин замина масъалаҳои дар боло зикршуда, маҳз ба масоили обӣ ва истифодаи самараноки он ҳамчун захираи бебаҳои табиат робита доранд. Маҳз аз ҳамин сабаб, дарёфти механизмҳои нигоҳдорандаи тавозун байни талаботҳо ва имкониятҳо бо мақсади халалдор накардани чӣ низоми табиат ва чӣ низоми ҷамъият зарур мебошанд.

Дар баробари ин, такмили инфрасохтори обрасонӣ низ яке аз василаҳои муҳими ҳалли масъалаи мавҷуда ба ҳисоб меравад. Олимон қайд менамоянд, ки зарурати сармоягузорӣ ба инфрасохтори об баҳри баланд бардоштани сатҳи муассири он бевосита аз сиёсати дурусти иқтисодӣ дар самти об вобаста аст.[5] Ҳамзамон, дар ин ҷо на фақат манфиати иқтисодӣ, балки манфиатҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва болотар аз ҳама, рушди нерӯи инсонӣ меистад, ки сармояи бебаҳои дилхоҳ ҷомеа мебошад.

Метавон хулоса намуд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути масъалагузориҳои сарвари сиёсии кишвари мо мавҷудияи мушкилии вобаста ба обро ҳамчун мушкилии глобалӣ эътироф намудааст. Фаъолияти ҳамоҳангу дастаҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин самт метавонад омили муҳим дар роҳи ҳалли аксари мушкилиҳои вобаста ба об гардад.

---

[4] Ҳамон ҷо.

[5] Мирзоев Б.,Расулов Ҷ. Об: таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ бештар мегардад.// Ҷумҳурият, 20 январи соли 2017, №16.

# АҲАМИЯТИ ҶАҲОНӢ ДОШТАНИ МАСЪАЛАҲОИ ОБ ВА ЗАХИРАҲОИ ОБӢ – ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ РУШДИ УСТУВОР

**Обидҷони Шаҳобиддини Қувватзода,**
**Донишкадаи Энергетикии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии об дар кураи замин 1386 млн. км$^3$ буда, аз ин 34,65 млн. км$^3$ ё 2,5 %-и онро оби тозаи ошомиданӣ ташкил медиҳад, ки аз 3/2 ҳиссаи он дар пиряххо ва барфҳои бисёрсола тааллуқдошта, барои истифода дастнорас аст.

Аз ҳаҷми обҳое, ки дар кураи замин мавҷуд аст, танҳо 0,0002 %-и онро инсон бо мақсадҳои гуногун истифода мекунад. Онҳо чи дар сатҳи болои замин ва чи дар вақтҳои сол нобаробар тақсим шудаанд.

Рушди устувори иқтисодии ҳар як давлат, бехатарии миллӣ, сатҳи зиндагии мардум аз истиклолияти энергетикӣ ва истифодабарии мақсадноки энергия вобастагӣ дорад.

Дар шароити гармшавии иқлим аз ҳисоби партовҳои неругоҳҳои ҳароратӣ, корхонаҳои саноатӣ ва ғайра, ки боиси обшавии пиряххо, ба амал омадани ҳодисаҳои нохуши табиӣ ва биёбоншавии заминҳо гардидааст, истифодаи мақсаднок ва самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ манфиатнок аст. Дар ҳоли ҳозир аз ҳама манбаи энергияе, ки азхудкунии дурусти он аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар аст, ин энергияи барқароршавандаи захираҳои обӣ мебошад.




***Расми 1.*** Нақшаи истифодабарии захираҳои обӣ-энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар Тоҷикистони навин гидроэнергетика ҷузъи асосии энергетикаи миллӣ ба ҳисоб рафта, 98 %-и барқи истеҳсолшаванда аз ҳисоби неругоҳҳои барқии обӣ мебошанд. Аз ҳамин лиҳоз, ҷумҳурӣ дар қатори 8- давлати пешқадами истеҳсолкунандаи энергияи сабз, яъне аз ҷиҳати экологӣ тоза дар ҷаҳон қарор дорадва дар мувофиқа бо стратегияи қабулкардаи Ҳукумати Ҷумҳурӣ оид ба рушди устувори иқтисодӣ дар ояндаҳам,соҳаи гидроэнергетикаҳамин мақомро ишғол хоҳад кард. Зеро Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ-энергетикӣмебошад ва дар оянда аз худ кардани онҳо ҷумҳуриро ба зинаи нави тараққиёт мебарорад.

Тоҷикистон аз рӯи захираҳои обӣ-энергетикӣ, ки ҳаҷми умумии он 527 млрд. кВт. соат дар солро ташкил медиҳад,дар Осиёи Марказӣ дар ҷои аввал ва дар ҷаҳон дар ҷои

ҳаштум меистад. Аз рӯи ҷойгиршавии миқёсӣ бошад захираҳои обӣ-энергетикӣ, ки ба 1 км$^2$ ҳудуди ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна зиёда 3682 .кВт.соат дар як солро ташкил медиҳад,ки дар ҷаҳон дар ҷои аввал меистад. (Расми 1)

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи дарёҳое, ки дарозиашон аз 10 км зиёд мебошанд, ба 947 адад расида, дарозии умумии онҳо 28000 км – ро ташкил медиҳанд. Инчунин зиёда аз 25000 дарёча ва обравҳо бо дарозии умумии 90000 км мавҷуд аст.

Зичии миёнаи байни дарёҳо дар ҷумҳурӣ наздики 0,6 км$^2$–ро ташкил медихад. Ҳаҷми умумии обе, ки дарёҳои Тоҷикистон дар як сол ба ҳисоби миёна мегузаронанд 76,7 км$^3$ мебошад, ки аз ин 22,1 км$^3$ ё худ 28,8 %-и он аз ҳудуди давлатҳои ҳаммарз дар шакли дарёҳои сарҳадгузар ба ҳудуди кишвар дохил мешавад ва 54,6 км$^3$ ё худ 71,1 %-и он дар ҳудуди ҷумҳурӣ тавлид мешаванд (Расми 2)




***Расми 2.*** *Харитаи гидрологӣ-географии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

(Ҷадвали 1)

ЗАХИРАҲОИ ОБӢ-ЭНЕРГЕТИКИИ ТОҶИКИСТОН

| Ҳавзаи дарё | Тавоноии миёнасола, мВт | Истеҳсоли миёнасола, тВт. соат | Саҳм дар ҳаҷми умумӣ бо фоиз, % |
|---|---|---|---|
| Панҷ | 14030 | 122,90 | 23,20 |
| Ғунд | 2260 | 19,80 | 3,73 |
| Бартанг | 2969 | 26,01 | 4,93 |
| Ванҷ | 1191 | 10,34 | 1,96 |
| Язғулом | 845 | 7,40 | 1,39 |
| Қизил-Су | 1087 | 9,52 | 1,78 |
| Вахш | 28670 | 251,15 | 48,00 |
| Кофарниҳон | 4249 | 37,22 | 7,00 |
| Кӯли Қара-Кул | 103 | 0,90 | 0,17 |
| Сурхон-Дарё | 628 | 5,50 | 1,03 |
| Зарафшон | 3875 | 33,94 | 6,38 |
| Сир-Дарё | 260 | 2,28 | 0,43 |
| Ҳамагӣ | 60167 | 527,06 | 100,00 |

Манбаи асосии ташкилёбии дарёҳо дар кишвар ин аз ҳисоби обшавии барфҳои мавсимӣ мебошад, ки ин 75-80 %-ро ташкил медиҳад. Инчунин 15-20 % аз ҳисоби пиряххо ва то 5% аз ҳисоби борон мебошад.




Шумораи умумии пиряхҳо зиёда аз 14500 адад мебошад ва майдони умумии яхпӯшшуда 11000 км$^2$ ё 8% ҳудуди ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Инчунин, дар кӯлҳоиТоҷикистон 46,3 км$^3$ об мавҷуд аст.

Барои азхуд кардани захираҳои обӣ-энергетикии дарёҳо асосан дар маҷрои дарё дарғот месозанд, ки сабабгори дар водии дарё пайдо шудани обанбор мегардад.

Обанбор ин кули сунъие мебошад, ки барои ҷамъоварӣ, захира ва дар оянда истифодаи об (барои истеҳсоли неруи барқ, барои пешгирӣ аз офатҳои табиӣ, обтаъминкунӣ ва обёрии заминҳо, тақсимоти об ба шохаҳо, ташкил намудани роҳи обӣ, моҳипарварӣ ва ғайра) сохта мешавад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбат доштан, обанбор ҷиҳатҳои манфӣҳам дорад. Яъне баъд аз пайдо шудани обанбор чи ҳавзаи боло ва чи поёнӣ аз дарғот реҷаи табиии гидрологиидарё иваз мешавад.Инчунин дар муҳити атрофи обанбор равандҳои табии нав пайдо мешавад. Обанборҳо аз рӯи ҷойгиршавияшон ба кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва водигӣ ҷудо мешаванд. Барои ҳамин ҳам дигаргуншавиҳои табиӣ (экологӣ, гидрологӣ, геологӣ, гидрогеологӣ, географӣ ва иқлимӣ) дар ҳар як обанбор гуногун мешаванд. Масалан: дигаргуншавии равандҳои табиӣ дар ҳавзаи боло (верхние бьеф) вобастагӣ дорад, аз бузургиҳо чун андозаҳои обанбор (масоҳати сатҳи обанбор, ҳаҷм, дарозӣ, паҳной ва чуқурӣ) ва шароитҳои шакл аз боло, гидрографияи минтақа, намудҳои ҷинсҳои кӯҳие, ки дар таги обанбор хобанд, хусусияти идоракунӣ (бисёрсола, мавсимӣ, ҳафтагӣ ва шабонарӯзӣ) ва иқлим.

Дигаргуншавии равандҳои табиӣ дар ҳавзаи поёнӣ (нижние бьеф) аз сифати об дар ҳавзаи поёнӣ ва омилҳои дар боло овардашудавобастагӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93%-и ҳудуди онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд ва ҳавзаи ташкилшавии дарёҳо 2500 – 3000 м аз сатҳи баҳр баланд мебошанд, ки барои сохтани обанборҳои кӯҳӣ хеле қулай мебошад. Ин намуди обанборҳо аз ҷиҳати экологӣ, бехатарӣ ва иқтисодӣ нисбат ба обанборҳои водигӣ бартарӣ дорад.

Бартарияти экологии обонборҳои кӯҳӣ аз водигӣ дар он аст:

1. Сатҳи обҳои зеризаминӣ дар атрофи обанбор наонқадар баланд мешавад.Сабаб ин аст, киобанборҳои кӯҳӣ дар минтақаҳои харсангии нокорам ҷойгир буда, $К_ф$=0-коэфитсиенти полоиш ба сифр баробар аст ва ин сабаб мешавад, ки ботлоқшавии заминҳо кам шавад.

Ҳаҷми обҳои полоишӣ дар асос бо баробарии зерин ҳисоб карда мешавад

$$W_{пол} = 0,001 * h_п * F_{НПУ}. м^3 \quad (1)$$

*дар инҷо: $h_{и}$-гафсии қабати полоиш, ки аз намуди хоки асос ва ё ҷинсҳои кӯҳӣ вобастагӣ дорад; $F_{НПУ}$-масоҳати обанбор ҳангоми сатҳи нормалии об дар обанбор.*

2. Аз сабаби кам будани майдони сатҳи болоии обанбор ва паст будани ҳарорат дар баландкӯҳҳо бухоршавии об кам ба назар мерасд, ки ин ба дигаргуншавии иқлим на онқадар тасир мерасонад.

Ҳаҷми оби бухоршаванда дар обанбор бо баробарии зерин муайян карда мешавад:

$$E_{бух} = W_{бух} * S_{НПУ}.\ м^3 \quad (2)$$

*дар инҷо: $W_{бух}$-гафсии қабати бухоршавӣ, ки аз ҳарорати ҳаво, ҳарорати об, намнокии ҳаво, суръати вазиши шамол вобастаги дорад(мм); $S_{НПУ}$-масоҳати обанбор ҳангоми сатҳи нормали об дар обанбор.*




***Расми3.*** *Нақшаи ташкилшавии манбаҳои обанбор ва талафёбии об аз обанбор.*

Ҳаҷми оби талафёфтаи обанбор бо баробарии зерин чунин муайян карда мешавад:

$$V_{тал} = E_{бух} + W_{пол} - V_{бори} \quad (3)$$

*дар инҷо:.$V_{бори}$-ҳаҷми боришоти як сола дар обанбор.*

*Ҳаҷми боришоти яксола дар ҳудуди обанбор*

$$V_{бори} = 0{,}001 * X_{бори} * F_{НПУ} \quad (4)$$

*дар инҷо: $X_{бори}$ –гафсии қабати боришот (мм).*

Бартарии иқтисодии обанборҳои кӯҳӣ аз обанборҳои водигӣ дар он аст:

1. Барои сохтани обанбор бояд дарғот сохт ва дарғотҳои кӯҳӣ асосан дар дарраҳои танггузари V- шакл ё U- шакл ба лоиҳа гирифта мешаванд, ки то 70%-и корҳои сохтмонии дарғотро кам мекунад. Обанборҳои водигӣ бошанд дар минтақаҳои полегоналӣ ё параболӣ кулшакл сохта мешаванд, ки сарфи зиёди маблағро талаб менамояд.




***Расми 4****.Буриши кундалангии ҷои сохтмони дарғот.* ***а,б,в,г-*** *дарғотҳои кӯҳӣ;*
***д,е,ж-*** *дарғотҳои водигӣ.*

2. Ҳудуде, ки зери обанбор мемонад дар обанборҳои кӯҳӣ кам буда, ҷойҳое мебошад, ки нокорам ва аз ҷиҳати саноатӣ камманфиат мебошад. Обанборҳои водигӣ бошад баръакс ҳудуди зиёди заминҳои ҳосилхези корамро ки аз ҷиҳати саноатӣ манфиатовар мебошад, зер менамояд.



***Расми 5.*** *Акси обанбори НБО Норак, ки дар асоси харсангии нокорам мехобад ва масоҳати сатҳи болои обанбор нисбати обанборҳои водигӣ хеле кам аст.*



***Расми 6.*** *Акси обанбори кӯҳӣ*



***Расми 7.*** *Акси обанбори НБО Қайроқум, ки дар асоси ғайрихарсангии корами ҳосилхез мехобад ва масоҳати сатҳи болои обанбор нисбати обанборҳои кӯҳӣ хело бисёр аст.*

Бартарияти бехатарии обанборҳои кӯҳӣ аз водигӣ дар он аст:

1. Қувваҳои таъсиркунанда ба дарғоти кӯҳӣ камтар аст нисбат ба дарғоти водигӣ.
2. Дарғотҳои кӯҳии асосашон харсангӣ ё нимхарсангӣ мебошад, ки мустаҳакамии дарғотро нигоҳ медорад.
3. Дарғотҳои равоқӣ (арочные) танҳо дар обанборҳои кӯҳӣ сохта мешаванд.



*Расми 8. Акси дарғотҳои равоқӣ (арочные).*

Барои муқоиса мо обанбори кӯҳии НБО Норак ва обанбори водигии Қайроқумро мисол овардем:

1. Обанбори НБО – Норак бо ғунҷоиши умумӣ 10,5 км$^3$ танҳо 98 км$^2$ майдони харсангии нокорамро зер кардаст.Обанбори НБО – Қайроқум бошад, бо ғунҷоиши умумӣ 4,16 км$^3$ зиёда аз 520 км$^2$ майдони заминҳои ҳосилхези корамро зер кардаст, ки нисбати майдони обанбори Норак 5,3 маротиба калон буда,барои Тоҷикистони камзамин аз ҷиҳати иқтисодӣ зарари калон дорад.




***Расми 9.*** *Нақшаи пайдошавии эрозия дар соҳилҳои обанбор аз ҳисоби мавҷи об.*



***Расми 10.*** *Эрозияи соҳил дар обанбори Қайроқум*



***Расми 11.*** *Эрозияи соҳил дар обанбори Қайроқум*



***Расми12.*** *Эрозияи соҳил дар обанбори Қайроқум*

Ҷадвали 2

Фоидаоварии заминҳои зери обмондаи НБО Қайроқум бо нархномаи соли 2010.

| Намуди маҳсулот | Ҳосилхезӣ тонна/га | Нархи як тонна маҳсулот дар соли 2010 (сомонӣ) | Фоиданоки гектар/сол (сомонӣ) | Майдони умумӣ замин гектар | Фиданоки умумӣ заминҳо дар сол (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| Пахта | 2 | 3734 | 7468 | 520000 | 3883360000 |
| Ғалладонагӣ | 3 | 1400 | 4200 | 520000 | 2184000000 |

2. НБО – Норак дар як сол ба ҳисоби миёнаи лоиҳавӣ зиёда аз 11,2 млрд кВа.соат нерӯи барқ истеҳсол мекунад. НБО – Қайроқум бошад дар як сол ба ҳисоби миёнаи лоиҳавӣ на зиёда аз 0,668 млрд кВа.соат нерӯи барқ истеҳсол мекунад, ки нисбати НБО Норак 17 маротиба кам мебошад.

3. Обанбори НБО – Норак бо системаи худҷоришавӣ зиёда аз 100 ҳазор гектар заминҳои ноҳияҳои Данғара ва Восеъро обёрӣ менамояд. Обанбори НБО – Қайроқум бошад, танҳо 40 ҳазор гектар заминҳои шимолиТоҷикистонро обёрӣ менамояд, ки нисбати НБО Норак 2,5 маротиба кам мебошад.

Аз ин лиҳоз, истифодабарии захираҳои обӣ-энергетикӣ дар обанборҳои кӯҳӣ нисбат ба обанборҳои водигӣ бартариятҳои зиёд дорад.

**Калидвожаҳо:** об, захираҳои обӣ-энергетикӣ, обанбор, дарғот, истиқлолияти энергетикӣ, нерӯи барқ, экология, гидроэнергетика.

**Адабиёт:**

1. К.М. Беркович. Русловые процессы на реках в сфере влияния водохранилищ. Московский Государственный Университет имени М.В. Ломоносова.Москва 2012 г.

2. В.С. Вуглинский. Водные ресурсы и водный баланс крупных водохранилищ СССР. Ленинград Гидрометеоиздат 1991.

3. Анализ режима работы каскада Вахшских ГЭС и Кайракумской ГЭС. Иноятов М.Б, Косимов У.У. Душанбе – 2009 г.

4. Н.П.Розанова Гидротехнические сооружения Москва Стройиздат 1978

5. Темур Валамат – заде. Энергетика Таджикистана: настоящее и ближайшее будущее. 2008

6. Ёров Абдулло Ёрович. Влияние гидрофизических процессов Нурекского водохранилища на мелиоративные характеристики орошаемых земель. Душанбе – 2002

7. Манбаъҳои интернетӣ

8. Камиль Банн, Рахмон Шукуров, Лутфулло Бозиев и Дилором Рахимова. Экономика дегратации земель для сельскохозяйственного сектора в Таджикистане. Душанбе 2011 г.

# АҲАМИЯТИ ИҶТИМОӢ ВА СИЁСИИ ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ “ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР”

**Пиров А.К., дотсент, ДДҚ ба номи Носири Хусрав**

Маълум аст, ки истиқлолияти сиёсии кишвар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар гирифта, асоси рушду пешрафти Тоҷикистонро таъмин менамояд. Дар ин росто масъалаи об муҳимтарин, сарчашмаи ҳаёт ва соҳаи базавии ташакулёбии саноат, иҷтимоиёт, пешрафти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва некуаҳволии мардуми кишвар ба шумор меравад. Махсусан дар ҷаҳони имрӯз новобаста аз мушкилоти гуногуни муносибатҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои дастаҷамъонаи кишварҳои олам барои дарёфти роҳи ҳалли масъалаҳои хусусияти умуммибашарӣ дошта, равшан ба назар мерасад. Яке аз созмонҳои олие, ки дар замони муосир чунин ҳамкориҳоро ба роҳ меандозад, ин СММ ба шумор меравад, ки дар доираи фаъолияти густурдаи он бо ҷалби амалҳои созандаю хайрхоҳонаи давлатҳои аъзо таваҷҷӯҳ ба ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳи ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ пайваста зоҳир мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки ифтихори ҳар як сокини ин диёри куҳанбунёди мо аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сифати аъзои ин созмони бонуфузи байналмилалӣ аз соли 1992 инҷониб бо мурури дастрасӣ ба сулҳу суботи устувор таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба тавонист бо таҳия ва пешниҳодҳои муҳим дар мавриди ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳи ҳалли масъалаҳои умумибашарӣ саҳми арзандаи худро гузорад. Ин иқдомҳои шоиста, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар пеши назари оламиён ҳамчун кишвари ташаббускор ва пайваста таваҷҷӯҳи хосдошта дар ҳалли мушкилоти сайёра муаррифӣ намуд.

Президенти кишвар 12.04.2015 зимни суханронӣ дар Форуми умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об дар ҷумҳурии Корея таъкид намуд ки “... чолишҳо ва таҳдидҳои ҷаҳони муосир, бо шумули буҳрони молию иқтисодӣ, афзоиши аҳолӣ, тағйири иқлим, афзоиши басомади ҳодисаҳои ниҳоии обу ҳаво, норасоии об ва дар натиҷа боло рафтани сатҳи камбизоатӣ, афзоиши бемориҳои сирояткунанда, фавти модару кӯдак ҳанӯз сафарбар намудани талошҳои мо ва қабули чораҳои дахлдорро дар ин соҳа талаб мекунад ”

Боиси фараҳмандист, ки имсол низ ҷаласаи 71-уми маҷмаи умумии Созмони Миллали Муттаҳид бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қатъномаи худро оид ба эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»-ро барои солҳои 2018-2028 қабул намуд, ки ба ҷонибдории он 193 давлати аъзои ин созмон райъ доданд. Дар лоиҳаи Қатъномаи мазкур ташаббускории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди Соли байналмилалии “Оби тоза” эълон шудани соли 2003, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон шудани солҳои 2005-2015, Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон шудани соли 2013 махсус таъкид гардидааст.

Ин гувоҳи он аст, ки Тоҷикистон бо маҳорати хеле қобили таваҷҷӯҳ дар мавриди татбиқи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи ҳамкориҳои байнамилалӣ пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад. Мисоли инро мо метавонем дар дар татбиқи барномаҳои зикрёфта мушоҳида менамоем, ки аз татбиқи онҳо на танҳо Тоҷикистон, балки дигар мамлакатҳои дуру наздик метавонанд манфиатдор бошанд. Бинобар ин дар Қатъномаи эълони Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 махсусан баён шудааст, ки татбиқи Барномаҳои зикршуда ва имсола бо «таъкиди

он ки, манбаъҳои обӣ барои рушди устувор ва аз байн бурдани камбизоативу гуруснагӣ дорои аҳамияти ҳалкунандаанд ва барои рушди захираҳои инсон ва таъмини саломатию бурдбории инсон комилан заруранд ва барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва дигар ҳадафҳои марбут ба соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар сатҳи байналмилалии мувофиқашуда аҳамияти аввалиндараҷа доранд».

Мубрамияти қабули Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028-ро СММ дар он нигарониҳои умумибашарие асоснок менамояд, ки барои ҳамаи кишварҳои олам дахл доранд. Аз ҷумла дар Қатънома зикр шудааст, ки «афзоиши аҳолию раванди шаҳрнишинӣ, биёбоншавӣ, хушксолӣ ва тағйири иқлим, инчунин набудани имконот барои таъмини истифодаи мақсадноки об ва дар оянда авҷ гирифтани мушкилоти марбут ба набудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар, хизматрасонии асосӣ дар соҳаи беҳдошт ва малакаҳои қавии тозагӣ, нобаробарӣ ба дастрасӣ, офатҳои гидрологӣ ва норасоии об оварда мерасонад».

Рушди саноат ва бунёди корхонаҳои азими кишварҳои минтақа мушкилоти экологӣ ва баҳсҳои сиёсиро ба бор овардааст. Аз сӯи дигар обшавии пиряхҳо ва кам шудани сатҳи оби дарёҳо паёмади ҷиддиро ба амал меорад. Агар қисме аз давлатҳои сайёра гузаштан ба иқтисоди безарарро амри ногузир донанд, барои кишварҳои рушд кардаи саноатӣ бошад, даст кашидан аз манфиатҳои иқтисодӣ талафотест, ки онро бар зарар медонанд. Аммо партовҳои газҳои гулхонаӣ мушкилии марбут ба иқлими сайёраро рӯз аз рӯз мураккабтар месозад.

Доир ба ин масъала дар Қатънома бо нигаронии зиёд таъкид шудааст, ки «хоҷагидории бесамар, таҳияи бемақсад, афзоиши номуайяниҳо ва хатарҳое, ки бар асари тағйирёбии иқлим ва дигар омилҳо ба амал меоянд, бисёре аз низомҳои экологиро (экосистемаҳоро) зери хатар қарор медиҳад».

Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»-ро барои солҳои 2018-2028-ро СММ, ки бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қабул шудааст, барои дар амал татбиқ гаштани ҳадафҳои худ таҳия ва андешидани як қатор чорабиниҳои муҳими сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва илмиро пешбинӣ намудааст, ки дар татбиқи онҳо сокинони диёри мо бояд аз худ ташаббусҳои назаррасро анҷом диҳанд. Аз ҷумла таъкид шудааст, ки: расидан ба ин ҳадафҳо бояд аз ҳисоби мукаммалгардонии истеҳсолот ва паҳн кардани дониш, осон намудани дастрасӣ ба дониш ва табодули иттилоот оид ба таҷрибаи пешрафта, гирифтани иттилооти нави марбут ба ҳадафҳои рушди устувори вобаста ба захираҳои обӣ, амалисозии фаъолияти иттилоотию фаҳмондадиҳӣ, ташкили шабакаҳо ва мусоидат ба ташкили шарикӣ ва фаъолияти субъектҳои гуногун ба манфиати татбиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои рушди устувор вобаста ба захираҳои обӣ, бо назардошти ташаббусҳои мавҷуда, инчунин таҳкими фаолияти коммуникатсионӣ дар сатҳои гуногун ба манфиати татбиқи ҳадафҳои рушди устувори марбут ба захираҳои обӣ таъмин гарданд.

Барои тадбиқи ин ҳадафҳо дар кишвари мо заминаҳои бузурги объективию субективие мавҷуд аст. Дар Тоҷикистон 14 ҳазору 509 пирях мавҷуд аст, ки 8 дарсади ҳудуди кишварро ташкил медиҳанд. Пиряхҳо манбаи аслии оби Тоҷикистон ва 60 дарсади оби Осиёи Марказӣ маҳсуб мешаванд. Ҳукумати Тоҷикистон дар робита ба мушкилоти мавҷудаи умумиҷаҳонии норасоии об ҳамеша сайъу талош дорад, то дар мушкилоти марбут ба оби ошомидании на танҳо минтақа, балки сайёра низ нақши муҳим дошта бошад.

Коршиносон мегӯянд, ки Осиёи Марказӣ домангири баҳси ҷиддӣ дар ростои об аст. Бино ба маълумотҳои дастрас дар ин минтақа истифодаи об мутобиқи декларатсияи «Нукус» амалӣ мешавад. Тоҷикистон бо қарор доштанаш дар саргаҳи обҳои мусаффои минтақа мувофиқи ин декларатсия ҳуқуқи истифодаи 13,6 километри мураббаи обро аз дарёи Сир ва Аму дорад. Аммо Тоҷикистон миқдори ками оби муқарраргардидаро истифода мекунаду оби боқимонда ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя равон аст. Вале ҳамоно баҳри Аралро хушкшавӣ таҳдид дораду минтақаро хатарҳои дигари экологӣ думболагир аст. Агар оби дарёҳои Тоҷикистон то баҳри Арал нарасад, пас савол ба миён меояд, ки ба куҷо маҷро гирифтаанд?

Тағйирёбии иқлим ва камшавии захираҳои обӣ зарбаи шадид ба дурнамои иқтисоди сабз ва захираҳои ҳангуфти гедроэнергетикӣ мерасонад. Нақши Тоҷикистон барои пешгирӣ аз норасоии об ҳушдор аз таҳдиди оқибатҳои тағйирёбии иқлим ҷаҳонро водор ба масъулияти бештар дар ростои беҳдошти обу солимии инсоният мекунад. Зеро талоши имрӯза метавонад ҳаёти осоиштаи фардоро барои сокинони минтақа асос гузорад.

Ҳамасола бо мақсади ҷалби таваҷҷӯҳ бар аҳамияти оби ширину тоза ва инчунин ҳифзи манбаҳои оби ошомиданӣ санаи 22-уми март дар сартосари ҷаҳон «Рӯзи байналмилалии об» таҷлил мешавад. Дар ин росто, аён аст, ки рӯз ба рӯз масъалаи об ба яке аз мавзуҳои муҳим табдил ёфта, дар минбарҳои баланди байналмилалӣ роҳҳои дурусти истифодаи оқилонаи ин манбаъи ҳаёт ташвиқ мешавад. Раванди рушдёбандаи ҷаҳони муосир гувоҳ аст, ки оянда начандон дур арзиши об аз қимати нафту газ ва дигар захираҳои табиӣ гаронтар мешавад. Яъне, имрӯз масъалаи об, ба хусус оби ошомиданӣ, ба андозае муҳиму ҳаётӣ шудааст, ки солҳои охир таваҷҷӯҳи ҷомеаи байналмилалӣ бештар шудааст. Барои мисол, танҳо дар Осиёи Марказӣ талабот ба об, бинобар зиёдшавии нуфузи аҳолӣ торафт афзуда истодааст. Тибқи баъзе ҳисобҳо, то соли 2030 истеъмоли об дар Осиёи Марказӣ, то 15-20 фоиз аз сатҳи ҳозира зиёд мешавад.

Ҳоло таъмини об беш аз пеш дар Осиёи Марказӣ ба як мушкили минтақавӣ табдил ёфтааст. Ҷойи пӯшида нест, ки дар чунин шароит кишварҳои поёноби минтақа, ки солҳо боз аз истифодаи ғайримуассири об кор гирифтаанд, ин масъаларо бештар ранги сиёсӣ дода, дар муносибат бо кишварҳои болооб аз фишорҳои иқтисодӣ кор мегиранд.

Тайи даҳсолаҳои охир ҳаҷми пиряххои Тоҷикистон, ки аз муҳимтарин манбаъҳои оби минтақаанд тақрибан 30 фоиз коҳиш ёфтааст. Пиряхи Федченко яке аз бузургтарин пиряхҳои минтақа наздик ба 1 километр паст шуда, масоҳати умумии майдони он ба андозаи 11 километри мураббаъ поён фаромадааст.

Мутахассисон изҳор медоранд, ки обшавии пиряхҳо паёмадҳои ногувор дошта, Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешорӯи мушкили баландшавии оби дарёҳо ва омадани сел ба маҳалҳои зисти мардум мегузорад.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дорои захираҳои бузурги манбаҳои гидроэнергетикӣ дар олам шинохта шудааст. Шумораи умумии пиряхҳо дар ҷумҳурӣ 14509-то буда, масоҳати умумии майдони яхбандии онҳо 11ҳазор км$^2$ аст, ки ҳаҷми ниҳоиашон 460 км$^2$-ро ташкил медиҳанд. Дар Тоҷикистон адади дарёҳо ва рӯдҳои кӯҳӣ беш аз 25 ҳазорро ташкил медиҳанд. Дар ҳавзу обанборҳои Тоҷикистон 46,3км$^3$ захираи об мавҷуд аст. Захираҳои умумии солонаи потенсиалии энергияи барқи обӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 527 млрд.кВт. соатро ташкил медиҳад. Умуман, захираҳои оби

ошомиданӣ дар пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 60 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказиро ташкил менамоянд.

Умуман, захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон назар ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ зиёдтар буда, дар самти таъмини иҷтимоиёту иқтисодиёт бузургтарин захираҳое ба шумор меравaнд, ки барои рушди ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо манфиати иқтисодӣ, балки боиси ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ ва байнидавлатӣ мегарданд.

Аз ин рӯ, замони соҳибистиқлолӣ боз барои миллати тоҷик самтҳои дигари иқтисодию экологиеро пайдо намуд, ки барои устувор намудани пояҳои давлатдорӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим хеле зарурат доранд.

Қатъномаи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028, ки СММ бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қабул намудааст, ташаббус ва иқдоми бузурги башардӯстонае ба шумор меравад, ки дар амал тадбиқ намудани он ба ҳаёти миллиардҳо сокинони сайёра беҳбудӣ ва хушбахтӣ меорад.

## ХУШКШАВИИ БАҲРИ АРАЛ – ФОҶИАИ ЭКОЛОГИИ МИНТАҚАИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Бобохонов Ф.Ш., Обидҷони Ш.Қ.,**
**Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

Ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳифз ва нигаҳдории захираҳои бузурги обӣ бо назардошти манфиатҳои милливу минтақавӣ ва байналмиллалӣ имрӯз бо пешниҳоди масъалаҳои мушаххас дар сатҳи ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ ва муаррифӣ мегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи охир масъалаҳои вобаста ба обро дар чорчӯбаи рӯзномаи глобалӣ фаъолона пеш бурда, бо ташаббуси он ва як қатор кишварҳои дигари ҷаҳон Маҷмаи кулли Созмони Милали Муттаҳид, дар барномаи сатҳи баланд пешниҳодҳои нав ба навро мавриди амал қарор медиҳад. Дар баробари ин ташаббусҳои бузург имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масоили марбут ба об дар минтақа ва ҷаҳон фаъолона иштирок намуда, иқдому ташаббусҳои наву муҳимро дар ин самт пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳонӣ менамояд. Эълон шудани соли 2003 Соли байналмиллалии оби тоза, Даҳсолаи байналмиллалии об барои ҳаёт барои солҳои 2005-2015, ки аз ҷониби 180 кишвари ҷаҳон дастгирӣ ёфт, соли 2013-Соли байналмиллалии ҳамкорӣ дар соҳаи об ва пешниҳоди нави Пешвои миллати тоҷикон даҳсолаи нави амалиёт «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 имрӯз таваҷҷӯҳи ҷаҳониёнро ба истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва ҳамкории дастаҷамъона ҷалб намуд. Баррасии муҳимтарини масъалаҳо аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки пайваста аз минбарҳои бонуфуз сурат мегирад, дар таъмини ҳадафҳои зиндагии шоиста ва ҳалли мушкилоти аҳолии кураи замин чун роҳнамо арзёбӣ гардида, аз ҷониби тамоми сиёсатшиносону намояндагони созмону ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ эътироф мешавад.

Бо ин мақсад ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ҳифз ва нигаҳдории захираҳои бузурги обӣ бо назардошти аҳамияти байналмиллалӣ имрӯз бо пешниҳоди масъалаҳои мушаххас дар сатҳи ҷаҳонӣ амалӣ

мегарданд, дар ин замина сиёсатмадорон ва коршиносони байналмиллаливу соҳавӣ пешниҳод ва иқдоми навбатии Пешвои миллии тоҷикон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро оид ба эълон намудани даҳсолаи байналмилалии нав «Об барои рушди устувор» барои солҳои 2018-2028 ҷиҳати расидан ба ҳадафи шашуми рушд, ки лоиҳаи қатъномаи дахлдорро дар қатъномаи Созмони Миллали Муттаҳид пешниҳод намуд, аз ҷониби 193 кишвари ҷаҳон ҷонибдорӣ ва дастгирӣ ёфт. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқ ва пешбурди масоили об пешсаф ба шумор рафта, масъалаҳои роҳандозии робитаҳои ҳамшарикию ҳамкории байналмилалӣ, паст намудани хавфи офатҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим, дастрасӣ ба оби нӯшокии безарар ва беҳдошт, муҳити зист, инфрасохтору сармоягузорӣ, мудирияти захираҳои об ва аҳамияту накши он дар иқтисоди устувор ба ҳам пайвастагии зич доранд. Бо назардошти рушд ва фароандозии шароит баҳри зиндагии шоистаи аҳолии кураи замин аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавзӯъҳои муҳим марбут ба об, аз ҷумла мушкилоти мардуми сайёра фикру мулоҳизаҳои судманд ба миён гузошта мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки зиёда аз 2 млрд нафар аз шумораи умумии башарият имрӯз дар сайёра ба мушкилоти норасоии об рӯ ба рӯ мебошанд. Дар баробари дигар манбаъҳои ҳаётан муҳими табиӣ талаботи аҳолии сайёра сол то сол ба манбаъҳои обӣ зиёд мегардад. Яке аз ин масъалаҳо дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ин хушкшавии баҳри Арал мебошад.

Бахри Арал ҳанӯз то солҳои 60-уми қарни гузашта ҳар сол наздики 60 км$^3$ об мегирифт. Миқёси он ҳудуди 66 ҳазор км$^2$-ро ташкил дода, чуқурии он ба 53 метр баробар аз сатҳи бахр буд. Тахминан миқдори намакнокии таркиби оби бахр дар ҳудуди аз 8 то 11 грамм дар як литрро ташкил медод. Бахри Арал дар солҳои охир дар маҷмӯъ 12 км$^3$ (8 км$^3$ аз дарёи Аму ва 4 км$^3$ аз дарёи Сир) об мегирад. Миқёси бахр то 20 ҳазор км$^2$ кам шудааст. Сатҳи он то 32 метр паст шудааст. Ҳаҷми намак дар як литр оби бахр то 60 граммро ташкил медиҳад. Соли 2000-ум баҳри Аралро коршиносони соҳа ба 3 қисмат ҷудо намуда буданд, яъне Баҳри Арали Шимолӣ, ки ба он Сирдарё мерезад ва ду обанбори асосӣ: баҳри Арали Ҷанубӣ ва баҳри Арали Шарқӣ, ки оби Амударё ба он мерезад.

**Тағйирёбии ҳолати бахр аз рӯи фарқияти солҳо**




















**Вазъи имрӯзаи баҳри Арал**

Боду шамол намаку химикатро аз ҳавзаи хушкшуда ба ҳаво бардошта, дар масофаҳои то 500 км муҳити атрофро олуда гардонида истодааст. Иқлими маҳал тағйир ёфта, рангорангии биологӣ хароб шуда истодааст. Дар ҳавзаи баҳри Арал камбудии об, маъданнокӣ ва обҳои зеризаминӣ проблемаҳои навро ба миён овардааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳалли проблемаҳои ҳавзаи баҳри Арал бе назардошти манфиатҳои воқеии кишварҳои худи ҳавза ва минтақа ғайримкон аст. Ҳар қадар, ки дар атрофи ин мушкилот сухан ронему ҳангома бардорем, ба ҷуз дарки проблема ба чизи дигаре ноил намегардем. Имрӯз манзараи бухрони баҳри Арал ба қароре ҳаст, ки мардуми минтақа оқибатҳои ногувори онро мефаҳмад ва умед бар он мекунанд, ки идораю сохторхои марбута ҳарчи зудтар нисбати ҳалли он тадбир намоянд, то ки таъсири фалокатбори он идома наёбад. Бояд гуфт, ки рафъи мушкилоти мазкур кори яксолаю дусола нест ва бо қабули қароре ҳам ба зудӣ ҳал намегардад. Ба фикри мо хубтару беҳтар мебуд, дар мавриди ҳалли масъала мо бояд ба ду мавқеъ такя намоем. Аввал ин ки вазифаи асосӣ – бухрони Арал пешгирӣ карда шавад ва дуюм дар мавриди бартараф кардани буҳрон бояд манфиатҳои ҳама кишварҳои ҳавза ба инобат гирифта шавад.

Чи хеле, ки коршиносони маҳаллӣ ва хориҷӣ ақида доранд, ки дар ҳоли ҳозир захираҳои ҳавза дар сурати истифодаи меъёрӣ барои обёрии заминҳо ва мақсадҳои экологӣ дар манотиқи поёноб басанда аст. Аммо қисми зиёди об барои обёрии заминҳо ғайриоқилона истифода мешавад ё ки ба обҳои зеризаминӣ ҳамроҳ мегардад.

Имрӯз проблемаҳои Арал ба мавзӯии сиёсӣ табдил ёфтааст. Бинобар ин онро дар маҷмӯъ бо масъалаҳои байнидавлатӣ, аз ҷумла ҳамкориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, марзӣ ва энергетикӣ бояд ҳаллу фасл гардад.

Тақсимоти байнидавлатии об дар шароити камобӣ то ҳоло аз рӯи протоколҳои солҳои 1982-1984 барои Сирдарё ва санади соли 1987 барои Амударё муайян карда мешавад, ки дар замони Шӯравӣ қабул карда шуда буданд.

Дар баробари ин дар оянда танзими захираҳои обии Тоҷикистону Афғонистон, ки феълан ба низом оварда нашудааст, ба кишварҳои дигар таъсир расонида метавонад. Дар худи Арал бошад, сатҳи об паст шудан дорад. Қисмати ғарбии он аз тарафи шимол аз қисмати шарқии он ҷудо шуда истодааст. Чи хеле, ки олимон ва коршиносон ба хулоса омадаанд, роҳи наҷот нигоҳ доштани қисмати ғарбии он мебошад. Агар солона аз Амударё 15 км $^3$ об ворид шавад, 30 сол лозим мешавад, ки маъданнокии об дар ин қисмат ба сатҳи муқаррарӣ расад. Бинобар ин қарори муҳими кишварҳои ҳавза лозим аст, то ки ба қисмати ғарбии Арал ҳаҷми зиёди об ҷудо гардад, то ки ба вазъи устувори экологӣ ноил гардем. Барои қисмати шимол бошад солона аз Сирдарё бояд 5 км$^3$ об ҷорӣ шавад. Дар ҳавзаи баҳри Арал солона ба ҳисоби миёна қариб 5 ҳазор м$^3$/га оби заҳ ташаккул мeёбад.





Таҷрибаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ нишон медиҳад, ки агар системаи каналҳо ва идораи захираҳои обро беҳтар намоем, рақами болоро то 3 хазор м³/га кам кардан имконпазир аст. Тадқиқотҳо нишон медҳанд, ки бо анҷоми чунин тадбирҳо ҳар сол ба таври илова метавонем сохиби 5,1 км³ об шавем.

Мутахассисон дар нисбати наҷоти баҳри Арал ақидаҳои гуногун доранд. Масалан, бархе бар он ақидаанд, ки як роҳи наҷот ё худ барқароркунии баҳр аз он иборат аст, ки аз қисмати шарқии он даст кашем ва мавҷудияти устувории бахшҳои ғарбию шимолии онро таъмин кунем. Дар ҳоли ҳозир ягона созишномае, ки муносибати мамлакатҳои ҳавзаи баҳри Аралро ҷиҳати истифода ва ҳифзи захираҳои оби минтақа муайян мекунад, санаде мебошад, ки миёни ин давлатҳо 18 феврали соли 1992 ба имзо расидааст.

Бо назардошти он ки қариб ҳамаи ҷумҳуриҳои минтақа дар Конститутсияҳои худ захираҳои оби қаламравашонро сарвати миллӣ эълон кардаанд, мутахассисони байналмилалӣ мегӯянд, ки феълан методологияи қобили қабулро барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар мавриди муайян кардану ҷудо намудани обҳои сарҳадгузари миллӣ таҳия кардан имконпазир аст. Бинобар ин давлатҳо аз доктринаи Ҳармон (ҳанӯз соли 1985 ба имзо расида буд) дар мавриди он ки «Соҳиби қаламрав ҳар кореро, ки мехоҳад анҷом диҳад ва дар ин бобат ҳуқуқхои номаҳдуд дорад» ҷонибдорӣ мекунанд.

Як нуқтаро бояд низ қайд намуд, ки тайи чанд соли охир дар мавриди пешгирии амикравии буҳрони Арал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёде ба сомон расонда шудаанд. Ҳатто болоравии сарфи аз меъёр зиёди об то андозае боздошта шуд. Аммо мардуми кишварҳои минтақа ба таври умум оқибатҳои фоҷиабори хушкшавии баҳри Аралро то ҳанӯз комилан дарк накардаанд.

Ҳамин тавр, ба фикри мо имрӯз ба дӯши роҳбарони масъул, мақомоту кумитаҳои дахлдор, мутахассисони соҳаи обу захираҳои он ва умуман ҷомеа масъулияти бузурге вогузор шудааст. То кадом андоза оқилона ва одилона ҳал кардани проблемаи мазкур ба тақдири наслҳои оянда, рӯзгори ободу осудаи онҳо, муҳити солими экологӣ таъсири муайянкунанда мерасонад. Бинобар ин проблемаи мазкур имрӯз бояд тавре ҳаллу фасл гардад, ки фардо аз он сарфароз бошем ва ифтихор намоем.

**Адабиёт:**


1. Аширбеков У., Зонн И. Арал: история исчезающего моря. Душанбе, 2003.
2. Кодекси об ва зерқонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими муносибатҳо вобаста ба об. Душанбе, 2003.
3. Консепсияи истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2002.
4. Проблемы водного хозяйства и пути их решения //Материалы Республиканской научно-практической конференции (13-14 декабря 2002г). Душанбе, 2002.
5. Сарчашмаҳои интернетӣ.

# МАСЪАЛАҲОИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ОБҲОИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

**Баротов Ҷумахон,**
**номзади илмҳои география, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ,**

***«Дар дунё касе инкор карда наметавонад, ки об дар ҳастии инсоният дурри гаронбаҳост. Зеро об ин худи ҳаёт аст, об –ин рушд, тараққиёт, пешрафт ва об инояндаи ободу осудаи наслҳои нав мебошад. Мову шумо вазифадорем, ки ба хотири амалӣ гаштани ҳамаи ин шиорҳо ҷидду ҷаҳди хешро дарег надорем.»***
(Аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси байналмилалӣ оид ба ҷамъбасти раванди татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», солҳои 2005 -2015.)

Минтақаи Кӯлоб дар қисмати ҷануби шарқии Тоҷикистон воқеъ аст. Табиати Кӯлоб ниҳоят бою рангоранг мебошад. Алалхусус сарватҳои обӣ фаровонанд. Захираҳои асосии оби минтақаро дарёҳо ташкил мекунанд.

Ҳамаи дарёҳои Кӯлоб ба ҳавзаи Ому тааллуқ доранд. Дарёҳо дар қаламрави минтақа нобаробар ҷойгир шудаанд. Дарёҳо аз ҷиҳати ғизогирӣ ҳам гуногун мешаванд. Онҳо аз барфу борон, пиряххо ва чашмаҳо сар мешаванд. Қариб ҳамаи дарёҳо аз шимоли шарқ ба самти ҷануби ғарбӣ ҷорианд.

Дар минтақаи Кӯлоб барои обёрии заминҳо якчанд обанборҳо бунёд шудаанд. Обанбори Муъминобод дар шимоли шарқии минтақа, дар ноҳияи Муъминобод воқеъ аст. Обанбор соли 1958 сохта шудааст. Масоҳаташ 2,8 км $^2$, ҳаҷми обаш 31 млн. метри мукааб мебошад. Умқаш ба ҳисоби миёна 10 метр аст. Обанбори Селбур соли 1963 дар ноҳияи Восеъ бунёд гардидааст. Ҳаҷми обаш 20 млн метри мукааб ва майдонаш 2,3 км$^2$-ро ташкил медиҳад. Ба ҳисоби миёна 8 метр чуқур аст.

Дар қаламрави минтақаи Кӯлоб кӯлҳои калон ва миёна вуҷуд надоранд. Танҳо кӯлҳои хурд дида мешаванд. Ба онҳо кӯли ҳавзи Сир (дар обтақсимкунаки дарёҳои Яхсу ва Оби сурх), Танобчӣ (ноҳияи Темурмалик), Афғон-Дилӣ (ноҳияи Восеъ) ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Дар байни онҳо кӯли Афғон-Дилӣ калонтарин буда, дар 12 км ҷануби ғарбии шаҳри Кӯлоб воқеъ аст. Дарозии кӯл 250 м, паҳноиаш 35-50 м ва чуқуриаш ба 45-50 м мерасад. Кӯл дар натиҷаи ҳодисаи карст ба вуҷуд омадааст. Минтақаи Кӯлоб аз обҳои зеризаминӣ фаровон аст. Дар ин водӣ ҳавзаи артезиании Кӯлоб воқеъ мебошад, ки масоҳаташ ба 13,5 км$^2$ мерасад.

Захираи истифодашавандаи обҳои зеризаминӣ 328 млн. м$^2$ -ро ташкил медиҳанд. Дар айни замон дар минтақаи Кӯлоб 15,5% захираи обҳои истифодашаванда ва 20% -и захираи дурнамои обҳои зеризаминии Тоҷикистон ҷойгир шудаанд.

Маълум гардид, ки минтақаи Кӯлоб аз захираҳои об бой аст. Аммо дар натиҷаи риоя накардани меъёри обмонӣ боиси ба амал омадани эрозияи хок мегардад.

Об дар андак вақт канорҳои замини киштро шуста чуқур мекунад. Дар натиҷа майдони кишт ва қабати серҳосили хок нобуд мегардад. Хоки шусташуда ҷӯйҳои атрофро аз лойқа пур мекунад. Дар натиҷа дар давоми якчанд сол ҷарихои хурд ҳосил шуда, барои пешгирии он хароҷоти зиёд сарф мешавад. Тибқи татқиқоти олимони хокшиноси ҷумҳурӣ 68% - и заминҳои киштшавандаи минтақаи Кӯлоб ба эрозияи обӣ гирифторанд.

Чи тавре ки маълум гардид, минтақаи Кӯлоб аз захираҳои обӣ бой мебошад. Аммо дар истифодаи оқилонаи онҳо баъзе мушкилот ҷой дорад. Ин мушкилот ба низоми дарёҳо вобаста аст. Масалан, давраи серобии дарёҳои Ёхсу, Кӯлобдарё, Тоҳирсу ва Сурхоб ба моҳҳои март, апрел ва аввалҳои май рост меоянд. Яъне дар даврае, ки қариб барои зироатҳо об лозим нест.

Ҳангоми фасли тобистон баръакс сатҳи оби дарёҳо паст мегардад, ки ин истифодаи обро мушкил мегардонад. Танҳо низоми дарёи Панҷ барои обёрӣ дар фасли тобистон мусоидат менамояд.

Дар минтақаи Кӯлоб 149,7 ҳазор гектар заминҳо барои обёрӣ мувофиқанд. Ҳоло ҳамагӣ 114 ҳазор гектар обёрӣ карда мешаванд. Ҳоло талабот ба об 1,62 миллиард метри мукаабро (барои 114 ҳ. гектар заминҳои обёришаванда) ташкил медиҳад. Дар айни замон барои обшоркунии заминҳо 20 миллион метри мукааб об намерасад. Дар мавриди ба кор андохтани ҳамаи заминҳои обии минтақа 2,5 миллиард метри мукааб об лозим мешавад. Вобаста ба ин барои минбаъд обшоркунии заминҳо як қатор чорабиниҳои гидротехникиро роҳандозӣ бояд кард.

Чунончӣ, зиёд намудани пойгоҳҳои обкашӣ, обанбору ҳавзҳо ва каналҳо (ҳоло дар минтақаи Кӯлоб ҳамаги се канал мавҷуд аст) ба мақсад мувофиқ аст. Маълум аст, ки истифода ва танзими захираҳои обӣ ба масъалаҳои умумибашарӣ (глобалӣ) табдил ёфтааст, ки ҳалли он ҳамкории ҳамаи кишварҳоро тақозо дорад. Вобаста ба ин соли 2003 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии беш аз 140 давлат солҳои 2005 – 2015 даҳсолагии байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» эълон гардид. Дар таърихи 09.06.2015 дар Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҷамъбасти татбиқи амалии Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» баргузор гардид, ки дар кори он беш аз 1500 нафар аз 100 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд. Дар ифтитоҳи Конфронси байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуд. Аз ҷумла, чунин таъкид намуд: «Интизор меравад, ки бар асари таъсири тағйирёбии иқлим дар давраи зикршуда аллакай зиёда аз 50 фоизи аҳолии ҷаҳон бо мушкили норасоии об рӯ ба рӯ мегардад. Чунин вазъ аз мо ҷаҳду талоши ҳарчи бештар муттаҳидона ва андешидани ҳам тадбирҳои оҷил ва ҳам чораҳои дарозмуҳлатро тақозо мекунад. Маҳз ба ҳамин мақсад дар чаҳорчӯбаи Форуми 7-уми умумиҷаҳонии об ман ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббуси нави Тоҷикистонро иброз намудам. Ва имрӯз бори дигар мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ба ин ташаббус ҷалб карда, пешниҳод намоям, ки Даҳсолаи нави байналмилалӣ таҳти шиори «Об барои рушди устувор» эълон шавад, зеро он, ба андешаи мо, бояд василаи муҳимми мусоидат ба татбиқи Ҳадафҳои рушди устувори марбут ба об гардад. Итминон дорам, ки Даҳсолаи нав дастовардҳои Даҳсолаи қаблии «Об барои ҳаёт»-ро таҳким бахшида, ҷиҳати мутамарказ гардидани саъю талоши мо оид ба ҳаллу фасли минбаъдаи масъалаҳои об дар давраи баъд аз соли 2015 –ум заминаи хубе фароҳам месозад».

Ҳамин тариқ, бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳоди даҳсолаи нави байналмилалӣ таҳти шиори «Об барои рушди устувор» аз ҷониби беш аз 100 кишвар тарафдорӣ карда шуд.

Масъала дар он аст, ки ягон соҳаи хоҷагии халқро бе об тасаввур кардан имконнопазир аст. Яъне об яке аз омилҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат маҳсуб меёбад.

Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ дар байни кишварҳои Осиёи Миёна дар ҷойи аввал қарор дорад. Минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ аз лиҳози захираҳои об ва

истифодаи оқилонаи об тафовути зиёд доранд. Аммо мушкилоти умумие ҳастанд, ки барои тамоми манотиқи кишвар хос мебошанд.

Инро дар мисоли минтақаи Кӯлоб баррасӣ мекунем. Яке аз масоили муҳими рӯз истифодаи пурраи иқтидории энергетикии дарёҳо ба ҳисоб меравад. Иқтидори гидроэнергетикии тамоми дарёҳои Тоҷикистон 527 миллиард киловатт/ соат-ро ташкил медиҳанд.

Чӣ тавре ки Сарвари давлат дар суханрониашон қайд карданд, мо ҳоло ҳамагӣ 4 фоизи захираҳои гидроэнергетикиро истифода мекунем. Бояд гуфт, ки захираҳои гидроэнергетикии дарёҳои минтақаи Кӯлоб пурра истифода бурда намешаванд.

Алалхусус, бунёди неругоҳҳои хурди барқии обӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ – Ш. Шоҳин, Муъминобод, Ховалинг ва Балҷувон аз ҷиҳати иқтисодӣ ва экологӣ манфиатовар аст.

Аз қисмати шарқӣ ва ҷанубии минтақаи Кӯлоб дарёи Панҷ мегузарад, ки аз ҷиҳати захираҳои гидроэнергетикӣ дар байни дарёҳои Тоҷикистон беназир аст. Тибқи ҳисобу китоби коршиносон иқтидори гидроэнергетикиаш ба 98 миллиард киловатт/ соат мерасад. Дар ин дарё бунёди 13 неругоҳҳои барқии обӣ ба нақша гирифта шудааст. Махсусан қисматҳои поёноб ва миёнаоби дарё барои сохтани неругоҳҳо қулайтар аст

Дар ҳудуди минтақаи Кӯлоб дар дарёи Панҷ сохтмони якчанд неругоҳҳои барқии обӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар байни онҳо неругоҳи Даштиҷум калонтарин ба ҳисоб меравад. Иқтидори лоиҳавиаш 4 млн.квт/соат буда, ҳаҷми обаш 17,6 км$^3$ хоҳад шуд. Ин неругоҳ 15,6 миллиард киловатт / соат барқ хоҳад дод. Неругоҳи Даштиҷум дар шимоли шарқии шаҳри Кӯлоб, дар масофаи 90 км воқеъ аст. Арзиши лоиҳа 3,2 миллиард доллари ИМА –ро ташкил медиҳад. Неругоҳи Даштиҷум дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон бунёд мегардад ва барои ҳарду кишвар пешбинӣ шудааст.

Солҳои охир ҳолати мелиоративии заминҳои кишт бад шудааст. Ҳоло дар минтақа даҳҳо гектар заминҳои кишт гирифтори шӯра ва ботлоқ гардидаанд. Ин дар натиҷаи баланд гардидани обҳои зеризаминӣ ба амал омадааст. Барои паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ коршиносон тавсия медиҳанд, ки дар киштзорҳо дар масофаҳои муайян заҳбуру заҳкашҳо бунёд кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аҳолии минтақа сол аз сол меафзояд. Масалан, соли 1959 аҳолии минтақа 229,1 ҳазор нафар –ро ташкил медод. Ҳоло бошад, теъдоди аҳолии минтақа ба 1 миллиону 52 ҳазор нафар расидааст. Ҳамасола аҳолӣ ба ҳисоби миёна 15-20 ҳазор нафар меафзояд.

Аз ин рӯ, бо оби ошомиданӣ таъмин намудани аҳолии минтақа масоили муҳим аст.

Об сарвати бебаҳои табиат аст. Ҳар қатраи онро бояд покиза нигоҳ дорем ва оқилона истифода намоем. Дар ин бобат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хуб гуфтааст: «Мо бояд Заминро эҳтиёт кунем, захираҳои обро ҳифз намоем, табиатро аз харобшавӣ нигоҳ дорем, файзу баракати аҷдодиро дучанду сечанд гардонем».

Ҳамин тариқ, истифодаи оқилонаи обҳои минтақа боиси рушду нумӯи иқтисодиёти кишвар мегардад.

# НАҚШИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГИИ МАРБУТ БА ОБ

**Бердиев Ҷ., дотсенти кафедраи геоэкология, ДДҚ ба номи Носири Хусрав**

Дар кураи Замин бисёр масъалаҳое ҳастанд, ки ба ҳамаи аҳолии сайёра дахл доранд ва ҳалли онҳо ба муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо, муносибати ҷамъият бо табиат, таъмин ва сарватҳои табиӣ вобаста аст.

Ин проблемаҳои моҳияти ҷаҳонидошта аз яроқпартоӣ ва муҳофизати сулҳ дар рӯи Замин, проблемаҳои экологӣ, демографӣ, хӯрокворӣ, энергетикӣ, проблемаи оби тоза ва ғайра иборатанд.

Ҳаёт нишон медиҳад, ки ягон давлат, ҳар қадар пуриқтидор бошад ҳам, ё гурӯҳи давлатҳо қудрати ҳалли ин масъалаҳоро надоранд. Танҳо дар ҳамкорӣ байни давлатҳо дар шароити сулҳу салоҳ метавон ин проблемаҳоро ҳал кард.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи худ «Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXI» таҷрибаи ҳалли муноқишаи тоҷиконро ба ҷаҳониён пешкаш намуда, исбот кард, ки танҳо бо роҳи гуфтушунид ҳал кардани муноқишаи минтақавӣ ва байнидавлатӣ имконият медиҳанд, ки дигар проблемаҳои глобалӣ ҳал карда шаванд.

Муаммои бо оби тоза таъмин намудани аҳолӣ ин пеш аз ҳама таъмин намудани сиҳатии насли ҳозира ва ояндаи миллат аст.

Аз ҳамин сабаб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1999 дар Иҷлосияи 54-уми Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-ро соли Оби тоза эълон дошт ва афзуд, ки мо бояд захираҳои оби ҷаҳониро омӯхта, кишвару манотиқи аз камобӣ азияткашандаро ҳаддалимкон аз ин вазъияти ногувор раҳоӣ диҳем. Ин пешниҳоди дурандешонаи Сарвари моро Созмони Милали Муттаҳид ва аҳли башар хуш пазируфтанд. Ӯ фикри хирадмандонаи худро инкишоф дода, тарзи оқилона истифодабарии захираҳои оби ҷаҳониро пеш гузошт, солҳои 2005-2015-ро Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» ва соли 2013-ро «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» эълон намуд.

Муҳиммияти таъминоти инсоният бо об дар арсаи ҷаҳонӣ боиси даъват шудани чандин конференсияҳо ва нишасти олимон гардид. Ин буд, ки ибтидои моҳи сентябри соли 2003 Форуми байналхалқии Оби тоза, 8-9 июни соли 2010 ва 9-11 июни соли 2015 Конференсияҳои байналхалқии сатҳи баланд ва баррасии миёнамуддати рафти татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», инчунин 20-21 августи соли 2013 Конфронси байналмилалии «Ҳамкорӣ дар соҳаи об» дар пойтахти кишварамон - шаҳри Душанбе баргузор гардиданд, ки мутахассисон паҳлуҳои ин масоилро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуданд.

Боиси хушнудист, ки аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид пазируфтани даъвату ташаббусҳои Президенти мамлакат обрӯву эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи байналхалқӣ баландтар бардошт ва Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун абармарди дунёи сиёсат дар ҳалли проблемаҳои экологии марбут ба об дар арсаи байналмилалӣ маъруфу маҳбуби оламиён гардонид.

Вақте ки аз ҷониби Президенти кишвар соли 2003 «Соли байнлмилалии оби тоза» пешниҳод гардид, як қисми мардуми олам Тоҷикистонро кишвари беобу лабташна

гумон мекарданд. Сарвари кишвар – Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди СММ проблемаи норасоии обро дар миқёси ҷаҳон бардошта, ҳамзамон таъкид дошт, ки Тоҷикистон дар ҷаҳон аз лиҳози захираҳои об дар ҷойи 8-ум, дар миқёси ИДМ дар ҷойи 2-юм ва дар Осиёи Марказӣ дар ҷойи аввал меистад.

Дар рафти ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба об ҳадафи асосии Сарвари давлат аз он иборат аст, ки дар доираи муносибатҳои интегратсионӣ ҷалб намудани таваҷҷӯҳи кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба мушкилоти таъмини оби тоза ва ҳифзи муҳити зист, ба масъалаи зарурати шадиди ҳифзи захираҳои об, истифода ва танзими оқилонаи онҳо муваффақ гардем.

Қайд кардан лозим аст, ки роҷеъ ба истифодаи об танҳо дар зарфи 50-соли охир дар ҷаҳон 37 ҳодисаи рух додани муноқишаҳо байни давлатҳо ба қайд гирифта шудааст. Ҷанг байни Покистону Ҳиндустон барои дарёи Ганг ва низоъҳои байнидавлатии Ветнаму Камбоҷа, Исроилу Судону Миср, Судону Ҳабашистон ва ғайраҳо аз ҳамин қабиланд. Зарурият ва моҳияти ҳалли ин масъалаҳо характери глобалӣ дошта, дар мадди аввали сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва сарвари он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст.

Мавриди зикр аст, ки нарасидани оби тоза яке аз проблемаҳои асосӣ мебошад, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст. Дар як қатор давлатҳои қитъаҳои Африка ва Осиё барои бо оби нӯшокӣ таъмин кардани аҳолӣ миллионҳо доллар сарф карда, бо киштиҳо об мекашонанд. Дар Сингапур барои истеъмоли оби нӯшокӣ лимит муқаррар кардаанд.

Аз рӯи маълумоти СММ имрӯз дар 80 мамлакатҳои дунё норасоии оби нӯшокӣ эҳсос мешавад.

Дар айни ҳол танҳо 1,2 миллиард нафар аҳолии кураи Замин оби тозаро истеъмол мекунанд. Зиёда аз 3 миллиард нафар оби ғайрисанитариро истифода мебаранд. Ҳар сол зиёда аз 5 миллион нафар одамон аз бемориҳои вобаста ба олудагии об, аз ҷумла шикамравӣ, исҳоли хунин ва вабо вафот мекунанд. Қисми зиёди бемориҳо дар мамлакатҳои рӯ ба инкишофи ҷаҳон бо об вобаста аст.

Офатҳои табиии марбут ба об ҳар сол ба ҳисоби миёна ба андозаи беш аз 60 млрд доллари америкоӣ ҳисорот оварда, хушксолӣ ва биёбоншавӣ ба сарчашмаҳои василаҳои зиндагии зиёда аз 1 миллиарду 200 млн одам дар тамоми ҷаҳон таҳдид мекунад. Аз рӯи нишондоди демографҳо шумораи аҳолии сайёра то соли 2050 ба зиёда ба 9 млрд нафар мерасад, ки ба афзудани талаботи истеъмоли об боис мегардад. Интизор меравад, ки бар арсаи таъсири тағйирёбии иқлим дар ин давра зиёда аз 50%-и аҳолии сайёра ба мушкилии норасоии об рӯ ба рӯ мегардад.

Дар замони қадим одамон дар як шабонарӯз 12-18 литр об истеъмол мекарданд. Истифодаи он дар асри XIX ба 40-60 литр ва ҳоло дар мамлакатҳои мутараққӣ ба 200-300 литр, дар чунин шаҳрҳои калони ҷаҳон – Ню-Йорк ба 1045 литр, Москва – 600 литр, Париж – 500 литр расидааст. Ҳол он ки барои ҳаётгузаронии як одам ҳар як шабонарӯз 2 литр об зарур аст.

Камшавии захираҳои обӣ ба иқлим таъсир мерасонад. Натиҷаҳои санҷиши олимони Британияи Кабир нишон доданд, ки аз соли 1850 ҳарорат 2 дараҷа, аз соли 1970 боз ним дараҷа тағйир ёфтааст. Аз рӯи маълумотҳои Созмони Ҷаҳонии Ҳифзи Саломатӣ ва Барномаи СММ оид ба муҳити зист, ҳар сол дар натиҷаи тағйирёбии иқлим, қариб 150 ҳазор одам ҳалок мегардад.

Аз гармшавии ҳарорати ҳаво обшавии пиряхи бузурги ҷаҳон Гренландия хеле афзудааст. Таи садсолаи охир аз яххои обшудаи ин ҷазираи яхин сатҳи оби уқёнуси

ҷаҳон ба 50 миллиард тонна зиёд шуд. Ҳар сол ин ҷазира 17,6 километри квадратӣ болопӯши яхини худро аз даст медиҳад. Дар ин ҳолат ба сукунатҳои миллионҳо аврупоиён хатари обзеркунӣ таҳдид мекунад. Ин хатар пеш аз ҳама ба Ҳолланд, Белгия, Олмон, Фаронса, Покистон, Бангладеш, Ҷазираҳои Укёнуси Ором таҳдид мекунад.

Наҷоти баҳри Арал ва муҳофизати кӯли Сарез, ҳалли масъалаҳои вобаста ба захираҳои обӣ ва сӯзишворию энергетикиро Пешвои миллат яке аз проблемаҳои муҳими на танҳо Осиёи Марказӣ, балки минтақа дар даҳсолаи асри XXI мебинад.

Қобили тазаккур аст, ки Пешвои миллат сиёсати экологиро дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун яке аз афзалиятҳои сиёсати давлатии Тоҷикистон ҷонибдорӣ менамояд. Дар давоми 25 соли Истиқлолият таҳти роҳбарии хирадмандона ва дурандешонаи Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 10 Конвенсияи байналмилалии экологӣ ҳамроҳ шуда, дар ин муддат беш аз 50 қонунҳо дар самти масъалаҳои экологӣ, ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ қабул карда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки масъулияти бузург дар назди наслҳои оянда аз минбарҳои бонуфузи байналмилалӣ пешгирии хатарҳои экологиро ба миён гузошта, барои ҳалли онҳо пешниҳодҳои арзандае кардааст.

Тоҷикистон чун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба масъалаҳои марбут ба об иқдомҳои зиёдеро пиёда намудааст. Дар соли 2015 ҷиҳати тақвияти ташаббусҳои ҷаҳонии Президенти кишвар оид ба масъалаҳои об, муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари пешбарандаи равандҳои ҷаҳонии об, боз ҳам баландтар бардоштани обрӯи кишвар дар сатҳи байналмилалӣ, дар Форуми ҳафтуми ҷаҳонии об моҳи апрели соли 2015 дар Кореяи Ҷанубӣ, дар чорабиниҳои сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва рушди устувор моҳи сентябри соли 2015 дар Ню-Йорк ва Конференсияи 21-уми Тарафҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим моҳи декабри соли 2015 дар Париж намояндагони Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат низ фаъолона иштирок ва масъалагузориҳо намуданд.

Бо назардошти вазъи муташанниҷи экологӣ аз ҷониби Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон дар чаҳорчӯбаи Форуми 7-уми умумиҷаҳонии об ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ташаббуси нави Тоҷикистон дар бораи эълони Даҳсолаи нави байналмилалӣ таҳти шиори «Об барои рушди устувор» пешниҳод гардид.

Боиси ифтихору сарфарозии халқи тоҷик аст, ки 21 декабри соли 2016 Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси нави Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани даҳсолаи нави амал «Об барои рушди устувор» - барои солҳои 2018-2028-ро пурра ҷонибдорӣ намуданд ва ин ҳам иқдоми наҷибонае буд барои зоҳир кардани таваҷҷӯҳи хоса дар истифодаи оқилонаву наҷибонаи захираҳои обии кишвар ва баланд шудани обрӯву нуфузи рӯзафзуни Тоҷикистони соҳибистиқлол.

Қабул гардидани пешниҳоди чоруми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об боз як далели пешсафии давлати мо ва Пешвои миллат дар ҳаллу фасли масоили ҷаҳонии об ва дар таҳкими эътибори байналмилалии Тоҷикистон аст.

Бояд гуфт, ки оғози асри XXI барои давлати соҳибистиқлоли мо давраи марҳилаи пешниҳоди наҷибона доир ба дастрасӣ ба оби тоза ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта мебошад. Боиси ифтихор аст, ки Тоҷикистон тавассути кӯшишҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва заҳмату талоши мардуми шарафмандамон баҳри бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва иҷтимоиву дунявӣ устуворона баояндаи дурахшон қадам мезанад ва мавқеи хешро дар арсаи байналмилалӣ бештар тақвим дода, баробари он

сатҳи иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҳаёти фарҳангию маънавии худро ба сатҳи сифатан нав рушд медиҳад.

Қобили қайд аст, ки суханони зерини Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ бояд шиори зиндагии тоҷикистониён бошад: «Тоҷикистон алҳақ, як неъмати худодод, яз мӯъҷизаи табиат, як пора биҳишти рӯи Замин аст. Мисли сарзамини мо табиати нотакрор, оби софу зулол, чашмаҳои ширин, кӯҳҳои зебову сарбаланди дорои сарватҳои бои зеризаминӣ дар ягон гӯшаи олам вуҷуд надорад. Пас месазад, ки бо чунин диёри зебоманзар ифтихор намоем, месазад, ки шукри ҳар пора замину ҳар қатра обаш кунем ва ин ҳама дороияшро, ки сарчашмаи ҳаёти мост, тозаю озода нигоҳбон бошем».

## ЗАХИРАҲОИ ОБИ ТОҶИКИСТОН

**Муллоев Х.А., мудири кафедраи назарияи иқтисод ва молия,**
**ДДК ба номи Носири Хусрав**

Ба ҳамагон маълум аст, ки 21 декабри соли 2016 Ассамблеяи Генералии СММ қатъномa дар бораи қабули «Даҳсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028»-ро қабул намуд, ки маҳз аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус аз тарафи Асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид. Дар ин бора номаи табрикотии Раиси Маҷмаи Умумии СММ Питер Томсон (22 декабри соли 2016) ва Дабири кулии СММ Пан Ги Мун (23 декабри соли 2016) ба унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ироа гардид, ки албатта боиси хурсандӣ ва дастгирии ҳар як шаҳрванди кишварамон мебошад.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози захираҳои об нисбатан бой буда, зиёда аз 50% сарчашмагирии ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Тоҷикистон рост меояд. Ин захираҳо бо пиряххо, ки 8%-и ҳудуди ҷумҳуриро фаро гирифтаанд, якҷоя шуда, захираҳои бузурги оби тозаро ташкил медиҳанд, ки он дар ҳаҷми 845 млрд. метри мураббаъ арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ 55,4% захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рост меояд, ки он дар ҳаҷми 64,0 км$^3$/сол арзёбӣ мегардад. Аз ин ҷост, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби бойигарии захираҳои об дар миқёси ИДМ баъди Федератсияи Россия дар ҷои дуюм, дар миқёси Осиёи Марказӣ ҷои якум ва дар ҷаҳон ҷои 8-ум баъди Ҷумҳурии Чин, Федератсияи Россия, ИМА, Бразилия ва Ҳиндустон меистад.

Агар мо таҳлили қиёсии самаранокии захираҳои гидроэнергетикии дарёҳоро аз назар гузаронем, он гоҳ вазъият дар ин ҷо дигархелтар ҳаст. Барои ин мо таҳлили қиёсии дарёҳои Панҷ ва Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарёи Волгаи Федератсияи Россия аз назар мегузаронем.

Дарёҳои Панҷ ва Вахш, агарчӣ аз ҳисоби дарозиашон нисбати дарёи Волга кӯтоҳ бошанд ҳам, аз рӯи иқтидор ва коркарди қувваи барқ нисбати дарёи Волгаи Федератсия Россия бойтаранд. Афзалият дар он аст, ки шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва рельефи ҷумҳурии мо бештар барои коркарди қувваи барқ мусоид буда, ин имконияти коркарди

қувваи барқро якчанд маротиба зиёд менамояд, ки ҳатто дар як дарё аз 5 то 10 адад НОБ сохтан мумкин аст.

Умуман, сохтори оби стифодабарӣ дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ чунин ҳаст: дар соҳаи кишоварзӣ 85%, саноат 6%, оби стифодабарӣ дар шаҳр 5% ва дар деҳот 4%.

Аз ҳама бештар захираҳои об дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла барои обёрикунии заминҳо истифода мешавад, зеро ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 90%-и маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ аз заминҳои обӣ ба даст меояд.

Чи тавре ки дар боло қайд карда гузаштем, аз рӯи нишондиҳандаҳои захираҳои гидроэнергетикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бой буда, дар Осиёи Марказӣ дар ҷои аввал меистад ва 70% захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон он рост меояд, вале дар шароити ҳозира ҳамагӣ 4%-и он истифода мешаваду халос. Агар мо потенсиал (иқтидорҳо)-и истеҳсолии қувваи барқии ҷумҳуриро таҳлил карда бароем, он гоҳ ин нишондиҳанда тақрибан дар ҳаҷми 527 млрд кВт-соат арзёбӣ мегардад.

Чи тавре, ки дар боло ишорат намудем, шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва рельефи ҷумҳурии мо бештар барои коркарди қувваи барқ мусоид буда, дар як дарё аз 5 то 10 адад силсилаи НОБ сохтан мумкин аст. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёи Вахш, истифодаи захираҳои гидроэнергетикии дарёи Сурхобу Хингоб ва истифодаи захираҳои гидроэнерге-тикии дарёи Зарафшонро аз назар мегузаронем.

Як нуктаро низ бояд ёдовар шуд, ки 12-майи соли 2016 бо иштироки намояндагони чор кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ба оғози татбиқи Лоиҳаи минтақавии интиқоли барқи CASA-1000 асос гузошта шуд. Дар асоси он дар назар дошта шудааст, ки дар ҳолати сохтану ба истифода доданаш имконияти интиқоли қувваи барқ то Осиёи Ҷанубӣ ба амал меояд. Худи маънои CASA аз забони англисӣ кӯтоҳкардашуда гирифта шуда, маънояш Осиёи Марказӣ-Осиёи Ҷанубӣ (Средняя Азия-Южная Азия) мебошад, ки барои сохтмони пурраи он зиёда аз 1 млрд доллари амрикоӣ маблағ ҷудо карда мешавад (ҶТ-320 млн. дол. ИМА, ҶҚ-209 млн. дол. ИМА, ҶИА-354 млн. дол. ИМА ва ҶИП –209 млн. дол. ИМА).

Ҳамин тавр, вазъ ва тамоюли рушди захираҳои обиро ба назари эътибор гирифта, барои истифодаи самараноки захираҳои об ва расидан ба рушди устувор аз нигоҳи мо дар ояндаи наздик гурӯҳи чорабиниҳои зеринро амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст:

–сари вақт азнавтаҷҳизонӣ ва барқароркунии иншоотҳои гидротехникӣ ва чӣ тавре ки маълум аст дар ҷумҳурӣ 9 обанбор вуҷуд дорад, ки ҳар кадоми онҳо аз 0,028 то 10,5 млрд. м$^3$ об ғунҷоиш доранд. Ин иншоотҳо дар шароити ҳозира ба хизматрасониҳои техникӣ эҳтиёҷ доранд, зеро ки аз сабаби дар минтақаҳои сейсмологии номусоид ҷой доштанашон хатари таги об мондани водиҳои дар поёноб ҷойгиршударо ба миён меоваранд (новобаста аз оне, ки ин ҷараён дар ҷумҳурӣ зина ба зина амалӣ гардида истодааст, масалан азнавтаҷҳизониии неругоҳи обии барқии Норак ба анҷом расида истодааст). Як нуктаро низ бояд қайд намуд, ки моҳи августи соли 2014 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки Аврупоии таҷдид ва Рушд дар бораи азнавсозии НОБ-и Қайроқум дар ҳаҷми 75,7 млн. доллари амрикоӣ ба анҷом расид ва инчунин даҳҳо лоиҳаҳои инвеститсионӣ оид ба рушди соҳаи гидроэнергетика амалӣ гашта истодааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ки азнавтаҷҳизонӣ (реконструкция)-и иншоотҳои гидротехникӣ метавонист яке аз самтҳои афзалиятноки рушди гидроэнергетика дар ҷумҳурӣ қарор мегирифт;

–хубтару беҳтар мебуд, агар дар соҳаи истифодабарии захираҳои обию энергетикӣ таҳқиқоти илмию амалиро бо воситаи таҳия ва пешниҳоди лоиҳаҳои сармоягузорӣ, грантҳо ва ғайра ҷоннок кардан ба мақсад мувофиқ мешуд, ки ин таҳқиқот ҳалли чорабиниҳои зеринро метавонист фаро гирад: таҳияи асосҳои илмӣ ва меъёрҳои муносибатҳои байнидавлатии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳавзаи баҳри Арал; таҳияи самтҳои асосӣ дар соҳаи ҳифзи захираҳои об, сарфаҷӯии об ва неруи барқи минтақа; мутобиқгардонии хоҷагии об барои пешбурди устувору мутавозини истеҳсолоти кишоварзӣ, ки барои ба даст овардани 2-3 ҳосил дар як сол равона шудааст; истифода ва амалисозии усулҳои муосир ва инноватсионии обёрикунӣ (ба мисоли қатрагӣ, боронӣ, зерихокӣ ва ғ.), таҳия ва таъсис намудани низом (система)-и иттилоотии комплексии хоҷагии об; мутобиқ намудани низоми кори обанборҳои барои обёрию неруи барқ таъйингардида ва ғайраҳо;

–таҳқиқотҳо нишон медиҳад, ки баъди солҳои 60-уми асри гузашта сеяки пиряххои минтақа, ки манбаи асосии оби дарёҳои Осиёи Марказӣ мебошанд, нест шудаанд. Чӣ тавре ки маълум аст, дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки захираҳои об дар он омили калидии таъмини рушди устувори минтақа мебошанд, кайҳост, ки зарурати таҳияи барномаи фарогири минтақавӣ оид ба мутобиққунӣ ба тағйироти иқлим эҳсос мешавад. Саривақтӣ будани чунин барномаро зери таъсири тағйирёбии иқлим босуръат коҳиш ёфтани масоҳати пиряххои минтақа низ тақозо дорад;

–омили дигаре, ки метавонад ба рушди истифодаи самараноки захираҳои об ва расидан ба рушди устувор мусоидат менамояд, ин ба назар гирифтани аҳамияти минтақавии сохтани обанборҳои калон мебошад (яъне дар назар дошта мешавад, захира намудани захираҳои обу таҳшин шудани об аз лойқа, ба ин васила нигоҳ доштани тозагии он ва дар мавриди зарурӣ аз онҳо истифода бурдан ва ғ.). Аз нуқтаи назари баъзе аз муҳаққиқони ватанию хориҷӣ аз неру (потенсиал)-и мавҷудбудаи ҳавзаи дарёҳои Аму ва Сир ҳар сол ба ҳисоби миёна то $ 1,8 млрд. захираҳо истифода бурда намешавад, ки худ қазоват намоед дар ҳолати самаранок истифодабарии он захираҳо ба буҷети давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, аз он ҷумла ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ қадар маблағҳоро дохил намудан мумкин аст;

–тараққӣ додани кулли соҳаҳои энергетикӣ, дар навбати аввал такя бо соҳаи гидроэнергетика ва дар ин радиф равнақ додани намудҳои гуногуни энергия - сӯзишворӣ, энергияи офтобӣ, шамолӣ (бодӣ) ва ғайра. Зеро ки ҳамаи ин намуди сарчашмаҳои энергияро дар якҷояги ба роҳ мондан душвор ва шояд ғайриимкон низ бошад. Масалан, таҷрибаи ҷаҳонӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки танҳо давлатҳои бузургу сармоядор ба мисли ИМА, Россия, Ҷумҳурии Чин азхудкунии саноатии ҳамаи он сарчашмаҳои энергияро дар маҷмӯъ (бо таври комплексӣ) ба роҳ мондаанд.

Ҳамин тавр, танҳо дар ҳолати амалигардонии чорабиниҳои дар боло овардашуда, истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои об амалӣ гардида, як қадами устувор дар роҳи таъмин намудани рушди босубот (устувор)-и иқтисодӣ хоҳад гардид.

Гузашта аз ин, тамоми кӯшишу ғайрати худро барои муҳайёсозии шароити моддӣ ва маънавии ҷавонон, наврасон ва аҳли ҷамъият вабеҳбудиву рафъи мушкилоти ҷойдоштаи ин насли созандаи имрӯз ва ояндаи ҷомеа равона кардан вазифаи ҳар яки мо мебошад.

# НАҚШИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

**Асоев Баҳодур Хайридинович,**
**ассистент, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар ш. Кӯлоб**

Дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба пешрафти гидроэнергетика дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат қайд намуданд, ки «Бо дарназардошти он, ки ягон кишвар тараққиёти худро бе рушди энергетика таъмин карда наметавонад, мо расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқро ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии давлат муайян кардаем. Бо мақсади ноил шудан ба ин ҳадаф ва азхудкуниву истифодаи самараноки захираҳои бузурги энергетики мамлакат ҳоло 11 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи умумии 10 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст».[6]

Дар миқёси вилояти Хатлон мавҷудияти захираҳои обӣ барои истеҳсоли қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тозабуда, самаранок истифода бурдани он, яке аз ҳадафҳои расидан ба стратегияи истиқлолияти пурраи энергетикӣ дониста мешавад.

Гидроэнергетика яке аз он мавзӯъҳоест, ки то кунун дар доираи он таҳқиқоти зиёде ба анҷом расидааст. Вале нақши гидроэнергетика дар рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон то ҳол ба таври бояду шояд мавриди баррасӣ қарор гирифта нашудааст.

Аз ин рӯ, мо кӯшиш намудем, ки дар асоси маълумотҳо, таҳқиқотҳои муҳаққиқони тоҷик ва хориҷи кишвар, мақолаҳои ба табърасида нақши гидроэнергетикаро дар рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон нишон диҳем.

Вилояти Хатлон аз захираҳои обӣ бой аст. Дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Қизилсӯ, ки дар ин ҷо ба як шохрои азим муттаҳидшуда, дарёи аз ҳама калонтарини ОсиёиМарказӣ – Амударёро ташкил медиҳанд. Он дар қаламрави вилоят ба масофаи 85 км ҷорӣ мешавад. Резиши дарёҳои асосӣ нишондиҳандаи зеринро ташкил медиҳанд, аз ҷумла:

Дарёҳои азими Вахш, Панҷ ва Кофарниҳон сарчашмаи омехтаи пиряхиву барфӣ доранд, бинобар ин дар давраи обёрӣ ниҳоят серобанд. Дар вақти обшавии барфҳо ва пиряххо дар онҳо қариб 80-90 фоизи резиши солона ҷорӣ мешавад.

Дар дарёҳои Қизилсӯ, Яхсӯ, Ёвонсӯ ва як қатор дарёҳои дигар, ки шохобҳои дарёҳои асосӣ мебошанд, манбаи барфию боронӣ дошта, серобии онҳо дар муҳлатҳои фишурдаи барвақтӣ - моҳҳои март-май мегузарад. Дар муҳлати боқимондаи сол, яъне дар давоми 8-10 моҳ хароҷоти ками пастобӣ мушоҳида мешавад. Ҳолати мазкур барои бо об таъмин намудани ноҳияҳои навобёришаванда зарурати партовҳои байниҳавзавии резиши дарёҳоро дар қаламрави вилояти Хатлон пеш меорад. Масалан, оид ба партофтани қисми маҷрои Панҷ ба ҳавзаи Қизилсӯ, аз Вахш ба водиҳои Ёвону Данғара лоиҳаҳо татбиқ шудаанд ё худ мавҷуд ҳастанд. Гузаронидани тадбирҳои минбаъдаи хоҷагии об барои рушди соҳаҳои кишоварзиву саноатии вилоят пешбинӣ мешаванд.

---

[6] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баМаҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 22 декабри соли 2016.

Бештар аз 90 фоизи захираҳои обии иқтидорӣ ва аз нигоҳи техникӣ имконпазир ба ҳавзаи дарёҳои вилоят рост меоянд. Махсусан, дарёи кӯҳии Панҷ аз нигоҳи истифодаи энергетикӣ ва обёрӣ ниҳоят муҳим аст. Аз 13 сохтмони неругоҳҳои пешбинишаванда дар дарёи Панҷ чор ададаш дар қаламрави вилояти Хатлон ҷойгир шудаанд, ки иқтидори умумии муқарраршудаи онҳо 7.150 млн.кВт/соатро ташкил мекунад. Инҳо неругоҳҳои Кокчин, Москва, Ҷумар ва Даштиҷум мебошад. Ин қисми дарё бештар омӯхта шудааст ва азхуд намудани захираҳои гидроэнергетики қитъаи мазкур баъди азхуд кардани сохтмони захираҳои гидроэнергетикӣ дар дарёи Вахш имконпазир аст.[7]

Барои рушди энергетика ва обери вилоят дарёи Вахш ниҳоят манфиатнок аст. Мувофиқи ҳисобҳои мутахассисон ба як километри маҷрои дарёи Вахш 14.5 ҳазор кВт рост меояд, дар айни замон ба Енисей - 4.7, Ангара - 5.3, Лена - 4.4 кВт/соат рост меояд. Ба 1 км дарозии маҷрои дарёи Вахш нисбат ба дарёи Норин 1.7 маротиба бештар, нисбат ба Амударё бошад 7 маротиба бештар энергия рост меояд.

Вилояти Хатлон аз ҷиҳати захираи об бойтарин минтақа мебошад. Истифодаи дарёи Вахш дар қаламрави вилояти Хатлон бо 7 гидроузелҳо: Норак, Бойғозӣ, Головной, Перепадный, Марказӣ (дар канали магистралии Вахш), бо ду неругоҳи сохташуда ва сохташавандаи Сангтӯда неругоҳи сохтмонаш пешбинишудаи Шӯроб муайян мешавад. Таъин шудани НОБ-и Сангтӯда 1 ва 2 низоми энергетикии кори НОБ-ҳои Нораку Бойғозиро тавассути ба худ гирифтани вазифаи танзимкунанда беҳтар месозад. Созишномаҳои байни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба имзо расида, роҷеъ ба ҳамкориҳо дар соҳаи рушди гидроэнергетикаи ҷумҳурӣ, бахусус дар вилояти Хатлон имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоранд.[8]

Омӯзиш ва тадқиқотҳои захираҳои зеризаминӣ, обӣ дар вилояти Хатлон зиёд буда, оид ба кофтукоби захираҳо олимони хориҷӣ ҳамкории зиёд доранд. Айни ҳол афзун кардани робитаҳои байналхалқӣ, дар соҳаи энергетика ва муносибатҳои судманди дуҷониба бо давлатҳои хориҷӣ барои аз худ кардани нуқтаҳои нефту газ, баланд бардоштани самаранокии азхудкунӣ ва истифодабарии онҳо, сиёсати энергетикӣ дар оянда мебошад. Барои ҷори кардани ин сиёсат чунин тадбирҳо лозим аст:

- таъмин кардани бехатарии энергетикии вилоят;
- ҷалб кардани сармоя дар соҳаи гидроэнергетика ва амсоли инҳо;
- таҳияи системаи мониторинги ягонаи истифодаи захираҳои обӣ-энергетикии давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- аз худ кардани захираҳои энергетикӣ мувофиқ бо сиёсати пешгирифтаи давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- ҷалб кардани сармоя дар соҳаҳои ташкили инфрасохтор, истеҳсол ва интиқоли неруи барқ(CASA-1000);
- ҳамкорӣ дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки илмӣ-инноватсионӣ дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ-энергетикӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили захираҳои гидроэнергетикӣ вилояти Хатлон дар навбати худ ба равиши истиқлолияти пурраи энергетикӣ ва сиёсати энергетикӣ ҳамчун шохаи бехатарии иқтисоди миллӣ ба он равона карда шудааст, ки таъмин кардани аҳолӣ бо қувваи барқи аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ҳамчунин таконбахшии рушди иқтисодиёти вилоят ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар ҳолати ба даст овардани истиқлолияти пурраи энергетикӣ, рушди гидроэнергетика ба пешравии иқтисодиёти

[7] Муҳаббатов Х.М., РаҳимовМ.Р., Географияи Тоҷикистон. Душанбе. «Маориф ва фарҳанг», 2011.
[8] Барномаи рушди иҷтимоию иҷтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2005- 2015.

вилоят таъсири мусбат мерасонад. Инчунин, шиддат гирифтани равиши рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ин он маъноро дорад, ки кам кардани сатҳи бекорӣ, баланд бардоштани маош, нафақа ва саҳми он умуман дар равиши иҷтимоӣ шуда метавонад.

**Калидвожаҳо:** энергетика, истиқлолияти энергетикӣ, захираҳои обӣ, бехатарии энергетикӣ, рушди энергетика, гидроэнергетика, рушди иқтисодӣ.

**Адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 22 декабри соли 2016.
2. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2005- 2015.
3. Кабутов М.К. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (китоби дарсӣ). Дар зери таҳрири доктори илмҳои география, профессор Муҳаббатов Х.М.: Душанбе, 2005.
4. Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р., Географияи Тоҷикистон. Душанбе. «Маориф ва фарҳанг», 2011.

## ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКИИ ДАРЁИ ПАНҶ

**Мирзоев А.Қ., ассисенти кафедраи географияи ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои бузурги обӣ буда, истифодаи самараноки ин сарвати табиӣ тақозои замони муосир ба ҳисоб меравад. Шумораи дарёҳои беҳамтои ҷумҳуриамон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мо дар миқёси Осиёи Марказӣ сарчашмаи асосии истифодабарии онҳо қарор дорем ва дар ҳамин замина ҳуқуқ ба истифодаи ин сарвати беҳамторо дороем. Пас боиси таваҷҷӯҳ аст, ки иқтидори гидроэнергетикии мамлакатро, ки он ба 527 млрд кв/с мерасад, истифода барем. Дар миқёс ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна 60% - и обҳои минтақа аз Тоҷикистон сарчашма мегиранд, аммо мутаассифона қисми ками он дар қаламрави ҷумҳуриамон истифода мегардад. Аз ин рӯ, лозим аст, ки аз захираҳои энергетикии худӣ аҳолии мамлакатро таъмин намуда, масъалаҳои гидроэнергетики ҷумҳуриро пурра ҳал намоем.

Дар ин баробар таваҷҷӯҳ намоем ба яке аз дарёҳое, ки дар қисмати ҷануб ва шарқии ҷумҳурӣ ҷойгир мебошад. Дарёи Панҷ – яке аз бузургтарин дарёҳои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин дарё сарчашмааш аз дарёҳои Помир (Тоҷикистон) ва Вахондарёи Афғонистон оғоз мегардад ва ҳаҷми ҷоришавии оби он ба 1000 $м^3/с$ мерасад.

**Вахондарё** – дарёест дар қисмати шимолу шарқи Ҷумҳурии Афғонистон. Дарозии дарё ба 220 км расида сарчашмаи он аз пиряхи Вревский оғоз мегардад. Сипас бо дарёи Помир дар қишлоқи Лангар дар баландии 2799 м аз сатҳи баҳр якҷо гардида, номи Панҷро мегирад.

**Помир** – ин дарё аз қаторкӯҳҳои Вахон (дар ҷануб) ва Аличури Ҷанубӣ (дар шимол) оғоз гардида, дар баландии 4130 м кӯли Зоркӯлро бурида мегузарад. Сарчашмаи ин дарёҳо пиряху барф буда, қариб тамоми фасли сол сероб мебошанд.

Дар натиҷаи якҷояшавии ин ду дарё дарёи Панҷ оғоз мегардад. Панҷ бузургтарини дарёи Тоҷикистон буда, масоҳати ҳавзаи он ба 114 ҳазор км мурабаъ мерасад. Қисми чапи дарё ба Ҷумҳурии Афғонистон рост меояд. Ин дарё дорои шохобҳои зиёд буда, калонтарини онҳо Бартанг (528 км), Ғунд (296), Язғулом (80 км), Қизилсу (230 км) ва Яхсу (160 км) ба ҳисоб меравaнд. Инчунин аз дарёи Панҷ қисми ноҳияҳои Ҳамадонӣ ва Фархору Панҷ обёрӣ мегарданд.

Бо мақсади таъмини энергетикии кишвар якчанд нерӯгоҳҳои барқӣ ба нақша гирифта шудааст, ки яке аз лоиҳаҳои ҷолиб сохтмони Неругоҳи Даштиҷум бо иқтидори 4000 мВт ва обанбори ҳаҷмаш 17,6 $км^3$ аст. Сарбанди Неругоҳи Даштиҷум дар қитъаи наздисарҳадии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Афғонистон воқеъ мебошад.

Майдонҳои сохтмони Неругоҳи Даштиҷум дар масофаи 90 км дуртар аз истгоҳи роҳи оҳани Кӯлоб воқеъ ҳастанд.

Неругоҳи Даштиҷумро бо шаҳри Кӯлоб шоҳроҳи хушсифати автомобилгарди Кӯлоб – Қулма – Қароқурум мепайвандад. Дар минтақа шабакаҳои барқии шиддаташон 35-110-220 кВ амал мекунанд. Дар шаҳри Кӯлоб дар асоси иқтидорҳои истеҳсолии мавҷуда бо роҳи тавҷеҳи онҳо дар муҳлати кӯтоҳтарин истеҳсоли таҷҳизоти ғайристандартиро барои эҳтиёҷоти сохтмон ба роҳ мондан мумкин аст.

Ҳангоми тавлиди солонаи 15,6 млрд. кВт соат нерӯи барқ, маблағгузории хос барои 1 кВт иқтидори муқарраршуда, ҳамагӣ 800 доллари ИМА-ро ташкил мекунаду халос.

Арзиши лоиҳа 3,2 млрд. доллари ИМА аст. Неругоҳи Даштиҷум бояд ҳамчун иншооти барқӣ-обшоркунӣ дониста шавад.

Лозим ба ёдоварист, ки ин неругоҳ боиси обёрӣ гардидани заминҳои кишоварзии ҷумҳурӣ хоҳад гардид.

# НАҚШИ АБӮБАКР МУҲАММАД ИБНИ ЗАКАРИЁИ ИБНИ ЯҲЁИ РОЗӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАНЗАРАИ ИЛМИИ ОЛАМ

(Ба 1150-солагии мутафаккир бахшида мешавад)

**Ибодов М.О., доктори илми фалсафа,профессори кафедраи фалсафа.,**
**Абдулвохидов А., н.и.ф, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Мафҳумҳои «манзараи олам», «манзараи илмии олам» яке аз мафҳумҳои бунёдӣ дар таърихи фалсафа ва илм мебошанд. Масалан фалсафаи атиқаро кайҳонмарказӣ (космосентризм) номидаанд, ки мувофиқи он кули мавҷудот (раванду ҳодисот) ин кайҳони том мебошад, ки дар он ҳама чиз дар тартиби ҳамоҳангии ягона вуҷуд дорад. Аз ҷумла, дар Юнони Бостон Арасту (Аристотел) чунин ҳамбастагии «манзараи олам» (ягонагии олам)-ро дар асари хеш, «Категорияҳо» дар мисоли ягонагии категорияҳои қисм ва том дарҷ намудааст. Дар асари «Физика» бошад, ягонагии кули унсурҳои табиат ва дар асари «Сиёсат» ҳамоҳангии унсурҳои ҷомеаро шарҳ додааст.Мувофиқи чунин фаҳмиши атиқии манзараи олам, ҳама чиз дар кайҳони ягона ҷои муайяни худро доранд ва то андозае тақдирашон пешакӣ пешгӯӣ шудааст. Яъне ҳама чизҳо дар кайҳони ягона таъинот, мазмун, макон ва ҳамбастагии худро доранд.Ин албатта фаҳмиши содалавҳонаи манзараи олам мебошад, ки хусусияти хоси фалсафа ва ҷаҳонбинии дунёи атиқа буда, ҳоло аз фаҳмиши илмии олам хеле дур буд.

Фаҳмиши асримиёнагии манзараи олам мазмуни марҳалаи таърихӣ ва ҷаҳонбинии он замонро ифода намуда ва масъалаи асосии онро муносибати инсон бо Худованд (худомарказӣ) ташкил дода буд.

Вале дар ҳар сурат, нақши афкори фалсафӣ, табиӣ-илмӣ ва фарҳангии мутафаккирони он давра барои фаҳмиш ва ташаккули минбаъдаи манзараи илмии олам бағоят калон мебошад.

Аз ҷумла, таълимоти шаҳиртарин файласуф, олим, табиб, кимёгар ва физикдони форс-тоҷики он замон Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ дар ин ҷода пурарзиш мебошад, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 №269, 17 октябри соли 2016, 1150 солагии ӯ дар Симпозиуми байналмилалӣ дар ш. Душанбе ҷашн гирифта шуд.

Маълумоти тарҷумаиҳолӣ дар бораи зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ дар асарҳои Ибни Надим, Абурайҳони Берунӣ, Шайхураис Абӯалии Сино, Муҳаммад Котиби Хоразмӣ, Носири Хусрав, Абулқосим Зайди Байҳақӣ, Ибни Қифтӣ, Ибни Халликон, Фахриддуни Розӣ, Юлиус Руска, Маҳмуд Наҷмободӣ, Убайдулло Каримов, муҳақиқони тоҷик Мусо Диноршоев, Абдулҳай Комилӣ ва дигарон дода шудааст, бинобар ин дар ин хусус ҳарф намезанем.

Аз ин хотир бар мегардем ба шарҳи таълимоти Муҳаммад Закариёи Розӣ дар бораи фаҳмиши физикӣ, кимиёвӣ, кайҳоншиносӣ, риёзии манзараи илмии олам.

Таълимоти пурарзиши мутафаккир оид ба манзараи илмии олам дар асарҳои зерини ӯ равшан баён гардидааст: «Самъ-ул-каён», «Ал - ҳаюло ас-сағир ва ал- ҳаюло ал- кабир», «Физ-замон вал макон», «Китоб-ул-бурҳон», «Ас-сират-ул- фалсафа», «Ат-тиб у - рӯҳонӣ» ва ғайра, ки шумораи онҳо ба наздикии 300 номгӯй мерасад.

Бояд гуфт, ки роҷеъ ба шумораи таълифоту таснифоти ин мутафаккири маъруфи форс-тоҷик дар сарчашмаҳои мавҷуда ададҳои мухталиф баён гардидааст. Аз ҷумла, Ибни Надим 167 номгӯй, Абурайҳони Берунӣ- 184, Ибни Абиусайба – 238, Маҳмуди Наҷмободӣ – 266 номгӯй осори Муҳаммад Закариёи Розиро ёдовар шудаанд.[9]

Мутаасифона, таҳлили сарчашмаҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки бештари асарҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ бо сабаби носозгори рӯзгор аз байн рафтаанд, вале бо шарофати қалами таърихнависон, адибон, файласуфон ва дигар мутафаккирон номи асарҳои мутафаккир то рӯзҳои мо омада расидаанд.

Мутобиқи маълумоти сарчашмаҳои лотинии аврупоиён номи Муҳаммад Закариёи Розӣ дар шакли Разес (Rhazes) номида шудааст. Аз ҷумла, дар китоби «Философский энциклопедический словарь». (Москва: 1983, с.563) номи мутафаккир дар шакли Разес (Rhazes) омадааст.

Дар бораи шаъну шуҳрат ва саҳми Муҳаммад Закариёи Розӣ дар рушди фалсафа, физика, кимё аз ҷумла, фаҳмиши манзараи илмии олам асарҳои файласуфи маъруфи тоҷик Мусо Диноршоев арзиши воло доранд. Аз ҷумла, ду асари арзишманди ӯ «Аз таърихи фалсафаи тоҷик» (Душанбе, 1995) ва «Плюралистическая философия Абу Бакра ар - Розӣ» (Душанбе, 2014) барои фаҳмиши мавзӯи манзараи илмии олам маълумотҳо ва маводҳои пурарзишро дарбар гирифтаанд.Мусо Диноршоев қайд менамояд, ки аз таҳлили осори Муҳаммад Закариёи Розӣ маълум мегардад, ки ӯ дар ҳамаи соҳаҳои фаҳмиши олам маълумот доштааст. Дар фалсафа, ӯ тарафдори таълимоти моддӣ оид ба олам буд. Аз ин рӯ, ҳомиёни дин ӯро доимо таънаю маломат менамуданд.Таълимоти фалсафии ӯ оид ба олам асосан исботи қадимияту ҳамешагон ҷавоҳири панҷгона – Худо, модда (ҳаюло), рӯҳи мутлақ, макони мутлақ, ва фазои мутлақро дар бар гирифтааст.Дар таърихи фалсафа ҷавҳари панҷгона бо номи «асҳоби ҳаюло» маъруф аст.

Дар бораи ҳастии ҳаюло (модда) ва абадияту бартарияти он мутафаккир чунин гуфтааст: «Падид омадани тобеъ аз чизе будааст ва он чиз қадим будааст. Ва он ҳаюло будааст. Пас ҳаюло қадим аст ва ҳамеша будааст. Валекин мураккаб набудааст, балки кушода будааст. Ва ба охири кор, ки олам бархезад, ҳаюло ҳамчунон, ки будааст кушода шавад ва ҳамеша кушода бимонад».[10]

Баъди таҳлили қадимияту абадияти ҳаюло, мутафаккир ба таҳқиқи масъалаи сохтори ҳаюло мегузарад. Ба ақидаи Муҳаммад Закариёи Розӣ, ҳаюлои абадӣ аз унсурҳои хурдтарини алоҳида (атомҳо) иборат аст. Пас ҳама шаклҳои ҳаюло низ аз ҳамин унсурҳои мураккаб таркиб ёфтааст. Сабаби гуногуниятии олам низ ҳамон унсурҳои алоҳида (атомҳо) мебошад. Бо ин маъно, мутафаккир атомизми Демокритро дастгирӣ намудааст. Дар ҷои дигар ӯ гуногунияти мавҷудоти оламро чунин шарҳ додаст: «Аз он ҷузвҳои ҳаюло он чӣ сахт фароз омадааст, аз ӯ ҷавҳари замин омадааст. Ва он чӣ кушодатар фароз омадааст, аз ӯ ҷавҳари об омадааст. Ва он чӣ аз ӯ низ кушодатар омадааст, ҷавҳари ҳаво омадааст. Ва он чӣ аз ҷавҳари ҳаво кушодатар омадааст, ҷавҳари оташ омадааст… Таркиби ҷирми фалак ҳам аз он ҷузвҳои ҳаюло аст…»[11]

---

[9] .Ниг: Абдулҳай Комилӣ. Зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ. Душанбе: СИЭМТ, 2016, с.44

[10] . Ниг: Таърихи фалсафа. Душанбе, 2011, с. 41.

[11]. Ҳамон ҷо, с. 42

Таълимоти физикии Муҳаммад Закариёи Розӣ дар бораи олам аввалин маротиба дар китобҳои Абдулҳай Комилӣ «Физика ар – Рази и Ибн Сины» (Москва, 1990) ва «Физика ар - Розӣ» (Москва, 2014) бо маълумоти нодире баён гардидааст.

Фаҳмиши физики олам ва завқи ҳунари заргарӣ Муҳаммад Закариёи Розиро ба таҳқиқи масъалаи асосҳои кимёгии олам овардааст. Чунонки маълум аст, ӯ дар баробари соҳаи физика, дар соҳаи кимёи замонаш низ ҳамчун донишманди ягона шинохта шуда буд. Дар баъзе сарчашмаҳои илмӣ ӯро «падари илми кимё» номидаанд. Дар бораи шуҳрати кимёдонии мутафаккир донишмандони маъруфи ватанию хориҷӣ аз қабили Маҳмуд Наҷмободӣ, Юлиус Руска, У.И. Каримов, М. Диноршоев, Х. Ҳикматуллоев, А. Комилӣ ва дигарон маълумотҳои арзишманд додаанд. Аз байни онҳо донишманд ва кимёшиноси маъруфи узбекистонӣ У.И. Каримов дар пажӯҳиши осори Муҳаммад Закариёи Розӣ саҳми муносиб гузоштааст.

Бахусус ӯ дар китоби хеш «Неизвестное сочинение ар – Рази – книга тайны тайн» – (Ташкент, 1957) оид ба фаҳмиши сохтори манзараи кимёгии олам як силсила фикрҳои муҳиму пурарзиш баён намудааст. Аз ин рӯ, аксари пажӯҳишгарони осори кимёшиносии Муҳаммад Закариёи Розӣ, рисолаи зикргардидаи У.И.Каримвро арзиштарин ва саҳеҳтарин сарчашма номидаанд.

Аслан Муҳаммад Закариёи Розӣ дар овони ҷавонӣ ба заргарӣ ва кимёшиносӣ шуғл варзида ва баъдан ба илми тиб рӯ овардааст. Дар ин хусус муҳаққиқи муосири тоҷик Абдулҳай Комилӣ чунин менависад: «Абубакр Муҳаммад Розӣ осораш дар ибтидо ба касби заргарию саррофӣ машғул буд ва сипас ба илми кимё рӯ овард». Дар натиҷаи таъсири буғу дуоҳои кимёӣ ва наздикӣ ба оташ, ки дар ҷараёни кор рух медод, чашмони ӯ дардманд шуданд…сипас аз илми кимиё дурӣ ҷуст ва ба илми тиб пардохт». [12]

Баъдан ӯ дар шаҳрҳои овозадори Рай ва Бағдод ба ҳайси раиси бемористон кор ва фаъолият намуда, чун табиби нотакрор машҳури ҷаҳон мегардад. Дар ин бора Алӣ Асғари Ҳалибӣ чунин гуфтааст: «Пизишкӣ набуд, Буқрот онро ба вуҷуд овард, мурда буд, Ҷолинус онро зинда кард, пароканда буд, Абӯбакри Розӣ онро фароҳам овард, ноқис буд, Ибни Сино онро комил кард».[13]

Ҳамин тавр, аз таҳлили дар боло зикргардида маълум мегардад, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ доир ба фаҳмиши илмии сохтори кайҳонӣ, физикӣ, кимёгӣ, риёзии олам, ҳаракат, фазо, нур ва ғайра таълимот ва таълифоти пурарзише мерос боқӣ гузоштааст.

Нақши ӯ дар густариши фаҳмиши асримиёнагии манзараи илмии олам хеле калон мебошад.

**РОЛЬ АБУБАКРА МОХАММЕДА ИБН ЗАКАРИЯ ИБН ЯХЁ РАЗИ
В ФОРМИРОВАНИЕ НАУЧНОЙ КАРТИНЫ МИРА**

**Ибодов М., Абдулвохидов А.**

В статье анализируется учение Абубакра ар–Рази о физике, химии, математике, медицине, атомизме, которые лежать в основе понимания научной картины мира. Отмечается что в основе философской концепции мыслителя лежит учение о пяти вечных началах: вещество, Бог, душа, пространство, время. Говорится о том, что

[12] Абдулҳай Комилӣ Зиндагиномаи Муҳаммад закариёи Розӣ, с.39-40.
[13] Таърихи фалсафа, с.40.

атомическое учение Абубакра ар–Рази напоминает атомизм древнегреческого философа Демокрита. В целом, естественно - научное учение Абубакра ар–Рази имело важное значение для понимания и дальнейшего развития научной картины мира.

**Ключевые слова:** научная картина мира, философия, Бог, творец, вечность, пять вечных начал, атомы, вещество, время, местность, физика, химия, математика, медицина .

**ROLE ABUBAKRA MOHAMMED IBN ZAKARIYA IBN YAHYA STRIKE IN FORMATION OF THE SCIENTIFIC PICTURE OF THE WORLD**

**Ibodov M. Abdulvokhidov A.**

In the article it is analyzing studies of Abu Bakr ar- Razi about physics, chemistry, mathematics, medicine, atomism, which lies in the base of understanding the scientific picture of the world. It is mentioned that in the base of the philosophical conception of the thinker it is drown about five eternal beginning: matter, God, soul, space, time.It is said that the atomic teaching of Abu Bakr ar- Razi reminds the atomism of the ancient Greek philosopher Demokrit. As a whole, naturally the scientific studies of Abu Bakr ar-Razi in his time had the important meaning for the understanding and for the future development of the scientific picture of the world.

**Keywords:** scientific picture of the world, philosophy, God, creator, eternal, five eternal beginning, atoms, matter, time, place, physics, chemistry, mathematics, medicine.

## МОЛОДЁЖЬ КАК СУБЪЕКТ ОБЩЕСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА И ОБЩЕСТВЕННОЙ ЖИЗНИ

**Х. Азамов, кандидат ист. наук, доцент КГУ им. А.Рудаки**
**Г. Муродова, кандидат политических наук, доцент КГУ им. А.Рудаки**

Спор о субъекте молодежной политики имеет давнюю историю (включая советскую эпоху) и всегда упирался в нежелание признать самостоятельность молодёжи как социальной группы. В советское время признание самоопределения молодёжи с точки зрения официальной идеологической доктрины входило в противоречие с классовой структурой общества. Поэтому в научной литературе и на практике ей отводилось преимущественно промежуточное положение внутри классовой структуры, а существование рассматривалось в качестве подготовительного периода для будущей жизни. Актуальные молодежные проблемы виделись исключительно как следствие издержек воспитания и решались в основном методами идеологического воздействия.

В нынешних же условиях, учитывая тенденции развития многих стран мира в строну демократизации общественно - политической и духовной жизни общества в целом, ученые, специалисты, абсолютное большинство политиков и социологов считают, что во - первых, молодёжь не на словах, а на деле должна быть субъектом своей политики. Во-вторых, выделяя в молодёжной политике некоторую предметную область, мы не должны забывать, что она отражает сущность явления только в том, случае, если обозначает некоторую целостность и синтезирует наиболее типичные свойства субъекта. Ни условия развития молодежи, ни отдельные сферы её жизнедеятельности не отвечают в польной мере этим требованиям. Свойствам,

объединяющим молодёжь в единую социально-демографическую группу и вместе с тем отличающим её от других общностей, являются интересы. Весь предшествующий опыт свидетельствует о том, что реализация молодёжной политики есть не что иное, как поиск оптимальных путей преодоления противоречий между интересами общества и подрастающего поколения. Игнорирование интересов молодёжи или манипулирование ее сознанием во имя каких – либо высоких целей приводит к тому, что политика, особенно в период демократизации общества не достигает цели и превращается в фарс. Вместе с тем, также не допустимо ставить молодёжь в привилегированное положение, что неизбежно ведёт к ее конфронтации с другими группами общества.

Сегодня, в условиях демократизации общества, важнейшим принципом молодёжной политики, на наш взгляд должно стать ориентация на раскрытие и укрепление инновационного потенциала молодого поколения. Для этого надо признать тот факт, что особенное положение молодёжи как становящегося субъекта общественного производство и общественной жизни предполагает и её социальное самоопределение, и нетрадиционные формы социальной деятельности.

Поэтому важно, чтобы в государственной молодёжной политике в качестве равноправных субъектов были представлены как общество, так и молодёжь. К тому же, в демократическом государстве, общество в лице государственных органов должно декларировать общие цели молодёжной политики, намечать конкретные целевые ориентиры, гарантировать свободу выбора и обеспечивать возможности для осуществления общественно значимых форм развития молодёжи, защищать права, активно противодействовать в соответствии с законом, любым антиобщественным и противоправным проявлениям в ее среде.

Именно в нынешних условиях важно выработать единую концепцию государственной молодёжной политики, представляющую собой общую стратегию и принципиальные направления взаимодействия общества и молодёжи.

При этом цели молодёжной политики нельзя определять, как создание условий для жизнедеятельности молодых людей, ибо условия могут быть не целю политики, а лишь средством, инструментом ее реализации. Целью данной политики должно стать социальное развитие молодежи, осуществляемое путём реализации её коренных интересов обновляющего общества.

Ясно, что Республика Таджикистан, встав на путь обновления, нуждается в целостной концепции развитии, составной частью которой является молодёжная политика. Выработка принципов формирования этой политики, определения её направленности, а также юридических, экономических и политических механизмов реализации должны опираться на анализ реального положения молодёжи.

Говоря о подходах концепции молодёжной политики, по нашему представлению следует предусмотреть меру справедливости в отношениях молодёжи с другими социальными группами. Выделение интересов молодёжи вовсе не означает противопоставления этой группы населения другим. Гарантируя возможности для реализации этих интересов, общество проявляет заботу и о своём будущем, о расширенном воспроизводстве собственных духовных и физических сил.

Направленность и содержание молодёжной политики должна определиться, отношением общества к молодёжи, т.е. сложившимся представлением молодых людей о своём социальном статусе. Жизненное самоопределение является мерой и исходным пунктом отношения к своему положению в обществе.

В нынешних условиях, после гражданской войны, которая нанесла ощутимый удар по морально-этическому и психологическому состоянию молодёжи, в условиях перехода республики к рыночным отношениям, когда общество ищет оптимальный путь выхода из кризисного состояния, важно иметь продуманную и взвешенную политику социального, политического, профессионального и экономического самоопределения молодого поколения. Исходя из анализа социального положения молодого поколения республики, в качестве приоритетных можно выделить следующие направления молодёжной политики: жизненное политическое самоопределение, социальное самоопределение; профессиональное самоопределение; равенство трудового старта, возможности социального продвижения; экономическая самостоятельность; духовное и физическое развитие, и наконец, укрепление молодой семьи.

Правительство республики предпринимает решительные шаги в деле реализации государственной молодёжной политики, основной задачей, которой является создание базы для формирования гармонично развитого и инициативного поколения. С этой целью ещё в 1997 году постановлением Правительства РТ соответствии с Указом Президента страны от 23 мая 1997 г. «О некоторых мерах по улучшению работы с молодёжью» (кстати, с этого же года 23 мая - официально объявлен Днём молодёжи РТ) был создан Комитет по делам молодёжи при правительстве РТ. Созданием, его фактически завершился первый этап реализации государственной молодёжной политики. До конца 1997 г. были созданы в г. Душанбе и в областях управления, а в других городах и районах- отделы по делам молодёжи, которые финансируются из государственного бюджета. При этом, из шести аспектов государственной молодёжной политики - проблема занятости молодых людей - одно из главных. Ещё в советские времена, в 1989 г. более 8000 школьников были отправлены в Астраханскую и Волгоградскую области, где они эффективно совмещали труд и отдых. С целю же возобновления такого сотрудничества с областями Российской Федерации в 1998 году 1500 школьников участвовали в такой поездке, а в 1999г. 400 школьников из Согдийской области.[14] В Комитете была создана Биржа труда молодёжи, которая заключает долгосрочные договора с соответствующими областями России о миграции трудовых ресурсов.

Процесс реализации государственной молодёжной политики было тесно связано с Постановлением правительства РТ «О национальной программе «Молодёжь Таджикистана» на 1998-2000г.г.» Она предполагала выделение бюджетных ассигнований на формирование и развитие наиболее приоритетных направлений молодёжной политики с учётом вовлечения молодёжи в строительстве демократического и правового общества в суверенном Таджикистане. Курс на рыночные отношения увеличил степень экономической свободы и расширил возможности молодёжи для индивидуально – трудовой, предпринимательской деятельности, порождая новые стимулы к труду. Начало нового столетия требует качественно иного подхода к разработке правительственной молодёжной программы. Теперь уже главная её цель должна состоять в создании государственной и общественной поддержки молодёжи, её цель должна состоять в создании государственной и общественной поддержки молодёжи, её социальной зашиты, формировании и развитии её творческой активности, способностей, навыков и стимулов к саморазвитию и самореализации. Следует последовательно реализовать

[14] Дайджест-пресс,№50,1999,17 декабря.

The author a hotel to show history of emergence of partnership of Russia and Tajikistan within 70 years in article existence of the USSR. He everything the party has shown cooperation of the Russian Federation and RT and after the collapse of the USSR .

**Keywords**: CIS, partnership, union, cooperation.

# РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТИББИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ ДАР СОЛҲОИ 20-40 УМИ АСРИ XX

**Маҳмадов И.М., саромӯзгори кафедраи таърих ва ҳуқуқ,**
**ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Агар ба таърих назар афканем дар соҳаи тибби Тоҷикистон то соли 1924 ягон муассисаи тадқиқотии илмӣ набуд ва мутахассисони ба тадқиқот омода намерасиданд. Дар натиҷаи сар задани Инқилоби Октябр соли 1917, дар кишвари Туркистон, ки ҷузъи империяи Русия буд, ҳокимияти Шӯравӣ барпо гардид. Дар хоки он Ҷумҳурии Шӯравии мухтори Туркистон ташкил ёфт, ки ҳамон вақт ноҳияҳои шимолии Тоҷикистони ҳозира ба ҳайати он дохил буданд. Дар хоки Аморати Бухоро ва хонигарии Хоразм ҳокимияти Шӯравӣ соли 1920 муқаррар шуд, ки дар он Ҷумҳуриҳои халқии шӯравии Бухоро ва Хоразм ташкил ёфтанд. Қисмҳои марказӣ, Ҷанубӣ ва Шарқии Тоҷикистони ҳозира, бо номи «Бухорои Шарқӣ» маълуманд, ки ба ҳайати ҶХШ Бухоро дохил мешуд.

Авҷ гирифтани ҳаракати муқовимат (босмачигарӣ) дар замони барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ, дар ин минвол бо сабабҳои мухталиф, шароити мураккаби сиёсию иқтисодӣ, кори муассисаҳои тиббӣ нисбатан вазнинтар гардида, тиб ва ҳифзи саломатӣ аслан тараққӣ намеёфт, ки сабабгори пайдоиши садҳо намуди бемориҳои сирояткунандаю маҳвкунанда мегардид. Масалан; бемориҳои вараҷа, домана, зардпарвин, обпартояк, гулӯдард, чашмдард, гару мараз, гӯшдард ва бисёр бемориҳои дигар авҷ мегирифт. Ёрии аввалини тиббӣ дар доираи маҳалҳои қисмҳои ҳарбии Армияи Сурх амал мекард. Ходимони тибби ҳарбӣ ба кори худ машғул гардида, имкони муолиҷаи тамоми мардумро надоштанд. Бо назардошти он ки дар маҳалҳои иқоматашон кори муолиҷавӣ мебурданд, бемориҳои ҷойдоштаро то андозае пешгирӣ менамуданд. Мутобиқи шартномаи ба имзо расидаи соли 1924 табибон уҳдадор гардида буданд, ки дар минтақаҳои Тоҷикистон: Ғарм, Юрчӣ, Қабодиён, Сариосиё, Ёвон ва Кӯлоб ёрии амбулаторӣ расонида, беморони Кӯлисӯфиён, Қаратоғ, Бойсун ва Душанберо ба бемористонҳо қабул намоянд, вале воқеаҳои сиёсӣ ба ин кор даст намедод. [3. саҳ. 101]

Боиси таассуф аст, ки таъсиси муассисаҳои тандурустии ҷумҳурӣ ва минтақаи Кӯлоб ҳамқадами Инқилоби Октябр буда, такя ба табибони ҳарбӣ доштанд ва дар воқеъ ягон муассисаи табобатӣ ва муолиҷавии хизматрасон барои аҳолии маҳаллӣ мавҷуд набуд.

Дар хусуси аҳволи вазнини хизматрасонии тиббии мардуми Хатлонзамин М.В. Варигин чунин менависад:*«Агар бемории вараҷаро ба ҳисоб нагирем, ки он сар то сари ин ноҳияҳоро фаро гирифтааст, аз бешаҳои Ҳиндустон монданӣ надорад. Дар тирамоҳ дар вақти корҳои саҳроӣ, касалиҳои зиёди сирояткунанда низ ёфт мешаванд, ки ҷони ҳазорҳо аҳолии ин минтақаро мебарад. Номгӯи нопурраи чунин касалиҳо: устухондард аз намак ва шамолхӯрии дутарафа, баромадани моя аз меҳнати вазнин ва тоқатнофарсо, зардпарвин, ҷогар, сардард, ришта, чашмдард, бемории сил, домана, дандондард, касалиҳои сирояткунандаи пӯст, гӯшдард ва амсоли инҳо. Иброз намудааст, ки хушбахтона дар он деҳаҳое, ки бемории мараз мавҷуд аст нарафтаам. Махавҳоро бошад аз дигар деҳаҳо ҷамъ*

*намуда, ба яке аз деҳаҳое, ки дар наздикии Қизилсу воқеъ аст меоварданд. Аз як шахси таҳҷоии табиби халқӣ шунидам, ки дар миёни ҷинсҳои латиф маризиҳои занона ҳам зиёд будаанд. Аз ин ҷост, ки бисёрии онҳо пас аз таваллуди ду фарзанд ё ин ки баъди ба 25-30 солагӣ расидан вафот мекунанд. Аҷибии кор дар он буд, ки мардуми таҳҷоӣ бемориро ризогӣ ва иродаи худованд медонистанд».* [2. саҳ. 780-799]

Бо хуруҷи як қатор бемориҳои мавҷуда, ки М.В. Варигин номбар намудааст; аз ҷумла хуруҷи бемории вараҷа зарурати пайдоиши муассисаҳои тандурустӣ гардид. Нахустин муассисаи тиббӣ дар шаҳри Кӯлоб соли 1923 пайдо шудааст. Бо ёрӣ ва дастгирии табибони гарнизони Армияи Сурх ва бо ташаббуси комитети инқилобӣ соли 1923 амбулатория ва пункти тиббӣ ташкил шуда буд. Баъд аз ташкил ёфтани ҶМШС Тоҷикистон соли 1924 то андозае имконият пайдо шуд, ки ба иҷрои вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз ҷумла равнақи тиб дар ҷумҳурӣ шурӯъ гардад. Соли 1924 Комиссариати халқии ҳифзи сиҳатии ҷумҳурӣ ташкил ёфт ва он аз рӯи низомномае амал мекард, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурӣ 20-уми марти соли 1925 тасдиқ намуд. Воқеан, соли 1926 дар шаҳри Кӯлоб беморхонаи дорои амбулатория таъсис ёфт, ки аз 10 кати хоб иборат буд. Дар Кӯлоб мубориза бар зидди бемории вараҷа оғоз гардид, ки аввалин мубориизон духтурони Армияи сурх буданд. Дар ин сол стансияи вараҷа ташкил ёфта, экспедитсияи Институти тропики Комиссариати халқии нигоҳдории тандурустии СССР аз Сталинобод ба Кӯлоб омада буданд, ки пас аз ин дар тамоми ноҳияҳои собиқ вилояти Кӯлоб мубориизаи зидди бемории вараҷа оғоз шуд. [7. саҳ. 63]

Дар собиқ пойтахти Тоҷикистон шаҳри Сталинобод Институти тропикӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои Қӯрғонтеппа, Вахш, Фархор, Ғарм ва дигар ҷойҳо стансияҳо ташкил шуданд. Дар соли 1932 шумораи стансияҳо ба 20-адад расида, баъдтар дар ҳама ноҳияҳои ҷумҳурӣ стансияҳо таъсис ёфтанд. Танҳо солҳои 1929 – 1940 имконияти воқеӣ пайдо шуд, ки соҳаи тиб бо суръати баланд инкишоф ёбад. Дар ин давра миқдори муассисаҳои тиббию санитарӣ афзуда, базаи моддию техникии онҳо мустаҳкам мешуд. Соли 1930 дар Хуҷанд пажӯҳишгоҳи бемориҳои сил ва пажӯҳишгоҳи тадқиқоти илмӣ бо усулҳои физикӣ муолиҷавӣ кушода шуданд. Бо туфайли мустаҳкам шудани муассисаҳои тиб бо аҳолӣ вазъ беҳтар шуда, сокинони аксарияти шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон аз ҷумла, вилояти Кӯлоб аз кори онҳо баҳраманд мегардид. Махсусан доктор Л.Ф. Парадоксов ва академик Е.Н. Павловский, ки сардори якчанд экспедидсияҳои паризотологӣ буд, ба муқобили бемории вараҷа ва дигар бемориҳои сироятӣ мубориза мебурданд. Барои нест намудани ин беморӣ кӯлҳо ва ботлоқҳоро хушк намуда дар атрофи онҳо заҳкашу каналҳо канда, ба воситаи кишти пахта ва пошидани заҳрхимикатҳо ба воситаи тайёра, дар ҳавзҳо паҳн кардани моҳиҳаи «гамбузия» (пашшаи вараҷа) нест карда мешуданд.

Аз маълумотҳои бойгонӣ бармеояд, ки вазъият дар ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Чубек нисбатан вазнин буд. Солҳои 1925-1926 мубориизаи зидди бемории табларза, вараҷа оғоз гардид, ки маъракаи эмгузаронӣ гузаронида шуда, шумораи ин бемориро 50% кам гардид. Соли 1929 дар Кӯлоб 12 муассисаи табобатӣ ташкил карда шуд. Баҳри ривоҷу равнақ додани муассисаҳои тиббӣ ва табобатӣ ташкилотҳои партиявӣ ва советӣ диққати махсус дода, дар баробари ташкил додани марказҳои саломатӣ (поликлиникаҳо), бунгоҳҳои тиббӣ (амбулаторияҳо), табобатхонаҳо, таваллудхонаҳо, сохтани поликилиникаҳои кӯдакона, шуъбаҳои ҷарроҳӣ барои кӯдакон, шуъбаҳои

табобати чашм, гӯш, бинӣ, ташкил намудани табобатхонаҳои бемории пӯст, бемориҳои сирояткунанда, сохтани табобатхонаҳои бемориҳои дилу гурда имконият дод, ки бисёр бемориҳо дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои атрофи он пешгирӣ гардида, ҷиҳати беҳдошти сатҳи саломатии мардум хизмат расонанд. Дар ҷумҳурӣ идораҳои саломатӣ ба таълими кадрҳои тиббии маҳаллӣ ниёз дошт. Зеро кадрҳои дорои маълумоти тиббӣ дошта берун аз ҷумҳурӣ таълим гирифта, таъмин мегардиданд. Аз ин хотир соли 1939 дар шаҳри Душанбе Донишгоҳи тиббӣ ба номи Абуалӣ Сино кушода шуд. Бо вуҷуди ин дар техникумҳои тиббии Душанбе, Хуҷанд, Конибодом ва Панҷакент доир ба соҳаҳои гуногуни тиб кадрҳои дорои маълумоти миёнаи тиббӣ таълим тайёр мешуд. [5. фонд 86. Оп.1.дел.8 вар.2-16]

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашудаи ҳамонвақтаи ҳукумат миқдори муассисаҳои тиббӣ афзуда, заминаи моддию техникӣ қадре мустаҳкам ва сатҳи хизматрасонӣ беҳтар мегардид. Вале оғози ҷанги дуюми ҷаҳон ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои рушди тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва бахусус тиб бетаъсир намонд, ки баъд аз ғалабаи ҶБВ бар Германия, меҳнати осоиштаю бунёдкорона фаро расид. Натанҳо тадбирҳои аз нав барқароркардаи хоҷагии халқ замони дар ҷанг хароб гардида, балки тарақиёти пешрафтаи тиб муайян карда мешуд. Дар миёни онҳо вазифаҳои соҳаҳои тиб ва ҳифзи саломатӣ муйаян шуда буданд, ки давраи ташкилу инкишоф ёфтани тиб дар ҳудуди Тоҷикистон ва аз ҷумла дар минтақаи Кӯлоб ба ҳисоб мерафт.

Аз таърих бармеояд, ки субҳи 22 –юми соли 1941 Германияи фашистӣ ба хоки Иттиҳоди Шӯравӣ зада даромад ва меҳнати осоиштаи мамлакатҳои Шӯроҳо барканда шуда,Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз гардид. Тоҷикистон низ узви Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ дониста мешуд, тамоми мушкилиҳои солҳои ҷангро аз сар гузаронид ва саҳми худро дар торумори қӯшунҳои фашистӣ гузошт, ки садҳо ҳазор фарзандони тоҷик ҷони худро баҳри Ватан аз даст доданд. Баробари сар шудани Ҷанги Бузурги Ватанӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба хусус тиб низ дар тамоми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ рӯ ба таназзул ниҳод. Тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ дар муддати бағоят кӯтоҳ дигаргун шуда, ба талаботи давраи ҷанг мувофиқ гардонида шуданд.

Аз ҷумла фаъолияти ташкилоту муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ дар Тоҷикистон мутобиқи талаботи ҷанг ва ақибгоҳ дигаргун шуд. Дар назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба эҳтиёҷоти фронт ва ақибгоҳ вазифаҳои мушаххас меистод, ки ба тиб ва ҳифзи саломатӣ низ дахл дошт.

Дар Ҷумҳурӣ солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар фаъолияти тащкилоту муассисаҳои нигоҳдории Тандурустӣ адои хизмати тиббию санитарии корхонаҳои саноатии мудофиа мақоми махсус доштанд. Дар ин замон миқдори беморхонаҳо ва муассисаҳои муолиҷавии адокунандаи хизмати мардум рӯ ба афзоиш ёфт. Соли 1940 дар Ҷумҳурӣ 29-беморхона дорои 10,2 ҳазор кат ҷой дошт. Соли 1945 нисбати соли 1940 миқдори катҳо 23%, амбулаторияю поликлиникаҳо 26%, бунгоҳои тиббии деҳот 3% зиёд шуд. Бо туфайли ба ҷумҳурӣ муҳоҷир шудани кормандони соҳаи тиб аз минтақаҳои Русия шумораи духтурон ва мутахассисони дараҷаи маълумоти миёнадор афзуд.

Соли 1943 вобаста ба муваффақиятҳои калони қӯшунҳои Шӯравӣ дар муборизаи зидди истилогарони фашистии немис мутахассисони дорои дараҷаи тиббиро ба ноҳияҳои тобеъшуда фиристоданд, ки миқдори табибон кам шуд. Новобаста аз он, ки соли 1943-1945 Донишгоҳи тиббии Тоҷикистонро мутахассисони ҷавон хатм карда

буданд, ҳанӯз ҳам норасоии духтурон ҳис карда мешуд. Зеро аксари ҷавонон ба сафи қувваҳои Артиши Сурх даъват мешуданд. [3. саҳ. 109]

Солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ адои хизмати тиббию санитарии корхонаҳои саноатӣ ва мудофиа мақоми махсус дошт, ки ба масъалаи муолиҷа ва пешгирии бемории мардум ва ҳатто муҳоҷирон ҳам диққати махсус медоданд. Дар ин солҳо вазъи санитарӣ - эпидемологӣ дар Ҷумҳурӣ тағйир ёфт. Шумораи одамони дучори бемориҳои доманаю табларза хеле афзуд, ки ин қувват додани муборизаи зидди бемориҳои сироятии мазкурро талаб мекард. Дар натиҷаи ба муборизаи зидди домана ва табларза бештар эътибор додани ходимони тиббӣ соҳаҳои дигари тиб, аз ҷумла шумораи бемориҳои сил, венерӣ ва ҳасор қадре суст гардид.

Мебояд зикр намуд, ки бо хурӯҷ ёфтани ин бемориҳои номбаршуда, аз ҷумла бемории вараҷа (табларза) ва чашмдард соли 1923-1924 дар шаҳриКӯлоб муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ пайдо гардиданд ва бо қарори Комиссариати ҳарбии Туркистон ба вилояти Кӯлоб гурӯҳи табибони касбӣ барои пешгирӣ ва муолиҷаи ин бемориҳо фиристода шуданд. Моҳи январи соли 1925 дар заминаи Кумитаи инқилобӣ ва Комиссариати ҳарбии полки 78-уми Артиши Сурх бунгоҳи саломатӣ ташкил дода шуд, ки ба он Нина Фёдоровна Колтсова роҳбарӣ мекард.

Дар соли 1925 дар маркази шаҳри Кӯлоб дар шафати хонаи афсарони сурх табобатхонаи ҳарбӣ дорои 15-кат ба кор шурӯъ кард. Бо сарварии маршали Шӯравӣ С М Будёний. (1883-1973) барои шаҳрвандон як беморхона ва як бунгоҳи тиббӣ кушода шуд. Аз соли 1924 то соли 1930 дар шаҳру ноҳияи Кӯлоб 2 беморхона дорои 50 кат ва як бунгоҳи тиббӣ сохта ба истифода шуд. Соли 1929 дар шаҳри Кӯлоб нахустин дармонгоҳи дандонпизишкӣ, соли 1932 беморхонаи касалиҳои сил, пӯст, чашм ба кор оғоз карданд, ки ҳар кадом 10-15 кат доштанд. Аз соли 1930 то соли 1940 дар Кӯлоб марказҳои нигоҳдори тандурустӣ, мубориза зидди вараҷаву чашмдард ва ёрии таъҷилӣ, табобатгоҳи кӯдакон, маслиҳатгоҳ барои занон, дар шӯроҳои деҳоти Даҳана, Зиракӣ ва Зарбдор бунгоҳҳои тиббӣ кушода шуданд. Соли 1942 Маркази вилоятии дар шаҳри Кӯлоб буда, бо табибони соҳибтахассуси зарурӣ пурра таъмин карда шуд ва ҳуҷраҳои нави табобатӣ низ кушода шуд. Соли 1942 дар назди Стансияи санитарӣ-эпидемологии вилоятӣ барои ташхиси бемориҳои сироятӣ ташхисгоҳ, барои дар вақтҳои зарурӣ расонидани ёрии таъҷилии тиббӣ дар назди заводи пахтатозакунии вилоятии дар шаҳри Кӯлоб буда, бунгоҳи тиббӣ кушода шуд. Барои баланд бардоштани сатҳу сифати хизматирасонии тиббӣ соли 1942 аз Федератсияи Русия ба вилояти Кӯлоб як гурӯҳ табибони ҷавон бо роҳхат фиристода шуданд, ки ба табобатхонаҳои шаҳру вилояти Кӯлоб ба кор фаро гирифта шуданд. Ичунин, дар ин солҳо барои беҳтару хубтар ба халқ наздик кардани хизматрасонии тиббӣ дар назди беморхонаи вилоятӣ ташхисгоҳи муоинаи клиникии сайёр кушода ба истифода дода шуд. [6. саҳ. 19, 53-54]

Тибқи фармони Раёсати Шӯрои Олии ИҶШС аз 27 октябри соли 1939 округи Кӯлоб барҳам дода шуда, вилояти Кӯлоб бо марказаш шаҳри Кӯлоб таъсис ёфт. Шӯрои намояндагони меҳнаткашони вилояти Кӯлоб дар ҷаласаи худ аз 8-10 уми феврали соли 1940 масъалаи вазъи тандурустии меҳнаткашони вилоятро дар соли 1940 ва дурнамои онро дар соли 1941 мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар вилояти Кӯлоб, 12 ноҳия дорои 216,8 ҳазор нафар одам буд, барои хизмати тиббӣ расонидан як табобатхонаи шаҳрӣ

дорои 80 кат, як дармонгоҳ бо утоқҳои бемориҳои ғадудҳои таршшуҳоти дохилӣ, ҷарроҳӣ, бемориҳои кӯдакона, чашм ва дандонпизишкӣ, физиотерапевтӣ, рентген, бемориҳои занона, беморхонаи чашм барои калонсолон, бунгоҳи саломатӣ, маркази мубориза ба муқобили табларза, вендиспансер ва беморхонаи касалиҳои сил, маркази ёрии таъҷилӣ амал мекарданд.

Соли 1940 дар тамоми ноҳияҳои вилояти Кӯлоб 13-то муолиҷахона ташкил ёфта буд. Муассисаҳои тандурустии Кӯлоб 18 адад буда, дорои 5- автомашинаи хизматӣ буд. Шуъбаи тандурустии вилояти Кӯлоб барои кормандони тиб 31 асп ҷудо карда буд, ки барои хизмати тиббӣ расонидан ба мардуми деҳотҷойҳо истифода мешуданд.

Дар Кӯлоб дар солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ 111 нафар духтур, 7- нафар дандонпизишк, 372-нафар коркуни тиббӣ бо ихтисоси фелдшер, 38-нафар момодоя, 36-нафар ҳамшираи тиббӣ, 169-нафар лаборант, 15-нафар духтурони санитарӣ, 11-нафар табибоне, ки ваксина мегузаронианд, 8-нафар ҳамшираҳои тиббие, ки доруи хина тақсим мекарданд, 12 нафари дигар дар ҷодаи ҳифзи тандурустии мардуми минтақаи Кӯлоб хизмат мекарданд. Дар Кӯлоб кормандони дорои таҳсилоти миёнаи тиббӣ 27 нафар ва дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб 194 нафар ба аҳолӣ хизмат мерасониданд. Соли 1940 бо қарори Шӯрои Комиссариати Туркистон аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя ба вилояти Кӯлоб 16 нафар духтур, 1-нафар дандонпизишк, 20 фелдшер, 4 момодоя ва 42 нафар ҳамшираи тиббӣ ҳамагӣ 70 нафар мутахассиси соҳаи тиб фиристода шуданд, ки кору фаъолият мекарданд. [9. саҳ.60-61]

Аз маълумотҳои бойгонӣ бармеояд, ки эпидемияи бемории сироятӣ дар ноҳияҳои гирду атрофи он ҳам хурӯҷ ёфта буд. Дар миёни кӯдакон бемориҳои сурхча, скорлотина ва гулӯзиндонак, дар тобистони ҳамин сол бемории сироятии вараҷа тамоми ноҳияҳои минтақаи Кӯлобро фаро гирифт. Дар собиқ ноҳияи Кангурт бемории сӯхтанӣ, дар ноҳияи Данғара бемории брутселёз, дар дигар ноҳияҳо бемории вараҷа паҳн шуд. Вазнин шудани вазъи санитарию эпидомологии ноҳияҳои вилоят ҳолати иқтисодию иҷтимоии мардумро тоқатфарсо карда буд. Мақомоти Ҳукумати вилоят ва сарварони шуъбаи тандурустии вилоят чораҳои таъхирнопазир андешиданд. Дар ибтидо чораҳои зидди эпидемӣ ва зидди бемории вараҷаро дар тамоми ноҳияҳои вилоят мутташакил намуданд, ки ба ин муносибат муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ ташкил дода шуданд. [5. фонд 86. опс1.дел.9 вар.1-39]

Аз ҷумла дар ноҳияи Фархор аз солҳои 1924 – 1930 чунин муассисаҳо ба қайд гирифта шудаанд. Ягона беморхона ва ташхисгоҳ дар ҷои ҳозираи шуъбаи касалиҳои пӯст арзи ҳастӣ дошт, ки он дорои 17 кат буд. Беморхонаи дигар дорои 5 кат дар колхози ба номи Карл Маркс амал мекард. Сардухтури ин беморхонаҳо Ямонт Флиста Алоизовна буда, ӯ соли 1945 бо як гурӯҳи маҷрӯҳони Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба госпитали шаҳри Душанбе меояд ва баъди шифоёбӣ бо хоҳиши худаш ба ноҳияи Фархор бо роҳхати Вазорати Тандурустӣ фиристода мешавад. Вай аввалан утоқи корӣ надошт ва дар хонаи шахсии Бобои Эмомалӣ ҷои ташхисгоҳ ташкил карда, ба аҳолӣ хизмат мекард ва бо ташаббуси ин мард соҳиби бунгоҳи тиббӣ мегардад. Табиби дигар, ки дар солҳои ҶБВ ба ноҳияи Фархор омада, ба дардмандон ёрии тиббӣ мерасонид, ин Орлова Александра Николаевна ба ҳисоб мерафт. [8. саҳ.90]

Дар ноҳияи Ховалинг бошад, аввалин нишонаҳои соҳаи тандурустӣ дар солҳои 1920 пайдо шуда буд. Аз сабаби зиёд будани бемории табларза духтури полки 76- уми саворai Аскарони Сурх Чирейкин соли 1925 омада, дар назди полк нуқтаи тиббӣ

мекушояд, ки онро кружок ном мебурдаанд. Аз соли 1933 сохтмони бинои нави беморхона оғоз гардида, баъди анҷом ба фаъолият сар кард. Солҳои 1941-1945 дар Ховалинг духтур Чкрян роҳбарӣ карда, бар зидди бемориҳои тропикӣ аз ҷумла табларза мубориза мебурданд. [4. саҳ.140-141]

Дар ин солҳо бар асари бемориҳои обпарто, зардчаю сил, ифлосию чиркинӣ маҳв шудани мардуми ноҳияи Мӯъминобод маҳз бо шарофати духтурони рус рӯ ба беҳбудӣ овард ва соли 1930 нахустин амбулатория ба кор даромад. Соли 1934 сохтмони беморхона оғоз шуд, ки то соли 1940 ба кор оғоз кард. Дар солҳои 1940 – 1945, яъне солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ яке аз аввалин духтурон ва мудири шуъбаи тандурустии ноҳияро Одина Нозимов ба уҳда дошт. Баъдан Илчин Элеонора Петровна, Исаак Абрамович Вайсбург ба аҳолии кӯҳистони Мӯъминобод хизмат мерасониданд.

Инчунин, дар ноҳияҳои Ш.Шоҳин(собиқ н.Шӯрообод), Данғара, Совет, Даштиҷум, Кангурт, Балҷувон, Панҷ, Восеъ, муассисаҳои тиббӣ ба миён омаданд. Умуман муассисаҳои нигоҳдории тандурустӣ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои атрофии он солҳои 1920 ва 1940 дар заминаи гарнизонҳои ҳарбии Артиши Сурхи Шӯравӣташкил ёфта, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба мардум хизмат мерасониданд. Ҷанги Бузурги Ватанӣ бо ғалабаи барҷастаи мардуми Шӯравӣ бар истилогарони фашистии немис анҷом ёфту давраи меҳнати осоиштаи бунёдкорона фаро расид.

**Калидвожаҳо:** тиб,беморхона, духтур, вараҷа, домана, зардпарвин, обпартовак, гулӯдарду чашмдард, кӯҳистон, муассиса, сил, пӯст, дандонпизишк, маркази муолиҷавӣ, артиш.

**Адабиёт**:

1. Бегматов М. Роҳи пуршарафи мубориза ва ғалабаҳои беназир. Д., 1973, - 27с.
2. Варигын М.А. Опыт описания Кулябского бекства. Петроград. Типография М.М. Стаснолевича. 1916г. стр. 780-799.
3. Исхаки Ю.Б., Таджиев Я. Краткая история таджикской медицины.- Душанбе: ТГМУ, 1993. – 128с.
4. Мункӣ А.С., Сатторзода С. Ховалинг. – Душанбе. Ирфон-2001,- 300с.
5. Муассисаи Бойгонии вилоятӣ дар ш. Кӯлоб Фонд-86, Опис-1, соли1925-1940.
6. Раҳматзода И., Раҳматов А. Таърихи тиб ва табибони маъруфи минтақаи Кӯлоб. – Душанбе, 2010, - 396с.
7. Шарифов Д., Зокиров С. Аз таърихи маориф, маданият ва муассисаҳои тандурустии вилояти Кӯлоб. - Кӯлоб, 1991, - 68с.
8. Усмонов Б. Фархориён. – Душанбе. 2010, - 272с.
9. Энсиклопедияи Кӯлоб. Душанбе. 2005.

## РАЗВИТИЕ МЕДИЦИНСКОЙ УЧРЕЖДЕНИЕ КУЛЯБСКОЙ ЗОНЫ В 20-40 ГОДЫ XX ВЕКА

**Махмадов И.**

Автор исследует в своей статье развитие медицинских учреждений Кулябской зоны в 20-40 годы прошлого века.

Он приводит доказательство своих мислей последовательно излогая развитие медицинских учереждений в Хатлонской области и конкретно Кулябской зоны.

**Ключевые слова:** медицина, больница, врач, малярия, тиф, желтуха, халера, ангина, офтальмия, институты, туберкулез, кожи, глаз, стоматолог, медицинский центр, армии.

**THE DEVELOPMENT OF THE MEDICAL INSTITUTION OF KULYAB ZONE AT 20-40 CENTURY XX**

**Mahmadov I.**

The author explores in his article the development of medical institutions of the Kulob zone in the 20-40-ies of the last century.

He brings evidence of his thoughts consistently outlining the development of medical institutions in Khatlon and Kulyab zones specifically.

**Keywords**: medicine, malaria, typhoid, jaundice, Haller, sore throat, ophthalmia. WWII, mountains, institutions, tuberculosis, skin, eyes, dentist, the army.

## ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД–УНСУРИ МУҲИМИ ДАВЛАТИ ҲУҚУҚБУНЁД

**Раҷабова Д., муаллими кафедраи таърих ва ҳуқуқ,**
**ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ роҳи бебозгашти эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарварро интихоб намуд ва дар ин роҳ пайваста қадамҳои ҷиддӣ ва устувор гузошта истодааст. Барои ноил гардидан ба ин мақсад дар фазои ҳуқуқии кишвар аз рӯзҳои аввал тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) гувоҳии ин гуфтаҳост.

Яке аз дастовардҳои асосии дар сатҳи Конституsияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда муқаррароти меъёри моддаи 5 мебошад, ки мувофиқи он: «Инсон ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ» дониста шудаанд. Аз ҷумла мувофиқи моддаи 14 –уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд»[1].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 21 –умин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд кард, ки «Дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ кафолати таъмини амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи онҳо меҳвари асосии сиёсати давлат эътироф гардида, дар Тоҷикистон заминаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ташваккул ёфтанд, ки ин шаҳодати амалишавии ҳамаҷонибаи принсипи гуногунандешии сиёсӣ ба шумор меравад»[2].

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд –унсури муҳими давлати ҳуқуқбунёд, институти аввалиндараҷаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, нишонаи болоравии ҷомеаи инсонӣ, маданияти ҳуқуқӣ ва умуман тамаддун аст. Назария ва амалияи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таърихи бисёрасра дошта, дар ҳуҷҷатҳову санадҳои гуногуни таърихи башар инъикос ёфтааст, ба монанди Эъломияи истиқлолияти ИМА (с.1776), Эъломияи

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе 2003.
[2] Рӯзномаи «Садои Мардум», 5 ноябри соли 2015.

ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванди Франсия (с.1789), Эъломияи ҳуқуқи башар (с.1948) ва ғ. Таърихи инсоният Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабирро хуб дар ёд дошта, мавриди истифода қарор гирифтанашро инкор намекунад. Дар ин бора Пешвои миллат –Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон таъкид менамояд: «Ҳарчанд илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист»[3].

Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир нахустсанадест дар таърихи низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқ ва озодии виҷдон, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ва татбиқи он. Ин ҷо мавриди зикр аст, ки то ба матни Эъломияи Куруши Кабир, ки ифодакунандаи моҳияти низоми демократии давлатдорист, таваҷҷӯҳ намоем: «Ман эълон мекунам, ки ҳар кас озод аст, ҳар дину оинеро, ки майл дорад, баргузинад ва дар ҳар ҷо, ки мехоҳад, сукунат намояд. Ва ҳар касбу кореро, ки мехоҳад, интихоб намояд, танҳо ба шарте ки ҳаққи касеро поймол нанамояд ва зараре ба ҳуқуқи дигарон нарасонад». Дар ин Эъломия се арзиши демократӣ – озодии дину мазҳаб, озодии интихоби ҷойи зист, поймол накардани ҳаққу ҳуқуқи каси дигар инъикос ёфтааст. Ин меъёрҳо дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ки 10 декабри соли 1948 қабул шудаанд, ҳамчун мундариҷа истифода шуда, барои тамоми кишварҳои узви СММ сарчашмаи арзишҳои инсонӣ ва раҳнамои ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.

Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҳуҷҷати олиест, ки дар он муқаддасоти ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун усули асосии муайян кардани вазъи ҳуқуқию сиёсии шахс муқаррар карда шудааст. Дар моддаи аввали он омадааст, ки «Ҳамаи одамон ба дунё озод меоянд ва аз лиҳози манзалат ва ҳуқуқ ба ҳам баробаранд». Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонун «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳо асосан меъёрҳои ин Эъломияиро нисбати ҳуқуқу озодиҳои асосӣ инъикос менамоянд.[4] Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пеш аз ҳама, ба он асос меёбад, ки онҳо дар Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфтаанд ва иҷрои онҳо кафолат дода мешавад. Дар Конститутсия пешбинӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон мазмуни онро дорад, ки онҳо уҳдадории ҳуқуқии шахсони мансабдор ва ҳамаи кормандони мақомоти давлатӣ муқаррар мекунанд ва ҳамаи шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ вазифадоранд риояи ин ҳуқуқу озодиҳоро таъмин намоянд.

Инчунин меъёрҳои Конститутсия эътибори олии ҳуқуқӣ доранд ва онҳо бевосита, мустақиман амал мекунанд. Шахс ва шаҳрванд Конститутсияро ба роҳбарӣ гирифта, метавонад ҳуқуқу озодиҳои худро амалӣ намояд ё дар ҳолати вайрон кардани онҳо ба меъёрҳои Конститутсия такя намуда, онҳоро ҳифз кунад.

[3] //Минбари халқ, - 2014,   24-сентябр.
[4] Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2012. С.178.

Бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф намудан мазмуни онро дорад, ки ҳамаи шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ бояд онҳоро эҳтиром, риоя ва ҳифз кунанд. Онҳо бояд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳоро муайян созанд. Яъне қонунҳо набояд қоидаҳои рафтореро муайян намоянд, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон мувофиқ набошанд ё онҳоро халалдор насозанд. Мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, дар фаъолияти худ пеш аз ҳама, бояд ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба назари эътибор гиранд. Риоя гардидан ва иҷро шудани онҳоро таъмин намоянд. Фаъолияти онҳо дар ягон маврид набояд ҳуқуқу озодиҳои инсонро халалдор созад ё маҳдуд намояд.

Ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд беҳисобанд. Барои муқаррар кардан, танзим намудан ва муайян кардани кафолати тадбиқи онҳо тамоми низоми ҳуқуқии давлат сафарбар карда шудааст. Ба воситаи ҳазорҳо қонунҳои сатҳи гуногун ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар мувофиқат бо санадҳои муҳимми ҳуқуқи байналмилалӣ дар хусуси ҳуқуқи инсон қабул шудаанд, низоми ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд муқаррар карда мешаванд. Дар онҳо на фақат ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳо муқаррар, балки роҳу воситаҳои амалӣ намудани онҳо нишон дода мешаванд. Кафолатҳои тадбиқи ҳуқуқу озодиҳо вобаста ба имкониятҳои давлат дар ҳамаи самтҳои ҳаёти сиёсӣ, фардӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ғайра муайян карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки асоси ҳуқуқу озодиҳои фардӣ аз боби аввали Конститутсия оғоз меёбад, ки онҳо ба сифати яке аз рукнҳои муҳимми асосҳои сохтори конститусионӣ нишон дода шудаанд ва таъсири ин меъёр ба низоми ҳуқуқу озодиҳои фардӣ ва кафолати онҳо хеле арзишманд мебошанд. Хусусияти хоси ҳуқуқу озодиҳои фардие, ки дар Конститутсия танзим ёфтаанд, аз он иборат аст, ки аксари онҳо ба шахс, яъне ҳар як инсон таъйин шуда, ба шаҳрвандӣ алоқаманд нестанд. Онҳо ба ҳар кас аз рӯзи тавлидёбӣ тааллуқ дошта, таҷовузнопазиранд Ин гурӯҳ аз ҳуқуқу озодиҳое иборат аст, ки барои ҳифзи ҳаёт, озодӣ, қадру номус, шаъну шарафи инсон ва дигар ҳуқуқҳои фитрӣ, ки ба ҳаёти шахсӣ алоқаманд мебошанд, таъйин гардидаанд.

Ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрванд, ҳамчун ҳуқуқу озодиҳои фардӣ қисми таркибии вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд буда, ҳуқуқи инкорнашавандаи онҳо мебошад. Хусусияти хоси давлати демократӣ муқаррар кардани низоми ҳуқуқу озодиҳои сиёсие, ки иштироки шаҳрвандонро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва давлат таъмин менамояд, мебошад.

Дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд гурӯҳи иҷтимоию иқтисодӣ мақоми махсусро ишғол менамояд. Он чунин самтҳои муҳимми ҳаёти инсонро ба монанди моликиятдорӣ ва меросгузории он, муносибатҳои оилавӣ ва ҳимояи давлатии он, ҳуқуқ ба меҳнат ва кафолати он, ҳуқуқ ба манзил, ба истироҳат, ба ҳифзи саломатӣ, ба таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқ ба иштирок дар ҳаёти фарҳангӣ ва истифодаи дастовардҳои он, ҳуқуқ ба таҳсилро дар бар гирифта, ба таъмини эҳтиёҷоти моддӣ, ҷисмонӣ ва маънавии инсон ва шаҳрванд равона карда шудаанд.

Хусусияти ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд мувофиқи Конститутсияи ҳозира дар он аст, ки барои амалӣ гаштани онҳо худи инсон ва шаҳрванд, иттиҳодияҳои онҳо, ҳар гуна сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ мутасаддӣ мебошанд. Зеро ки давлат дар танҳоӣ аз уҳдаи иҷрои ин вазифа, яъне муҳайё сохтани шароит ва кафолат додани тадбиқи онҳо ба хубӣ баромада наметавонад. Бинобар ин ташаккулёбӣ

ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз роҳҳои боэътимоди устувор намудани кафолати тадбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Сатҳи баландшавии нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳалли масъалаҳои гуногуни ҳаёт ба ҳарчи бештар аз тарафи инсон ва шаҳрванд истифода бурда шудани ҳуқуқу озодиҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Ташкил ва фаъолияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба инсон ва шаҳрванд имкон медиҳанд, ки ба тарзи ихтиёрӣ дар соҳаҳои ба касбу шавқу имкониятошон мувофиқ, ба худи онҳо ва ҷомеа манфиатовар машғул гарданд ва қобилияти худро такмил диҳанд. Ташаккулёбӣ ва ривоҷи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз як сӯ ба пайдо ва инкишофи таҳкурсии падидаҳои демократӣ, одату анъанаҳои демократӣ ва озодии ҷомеа мусоидат намояд, аз сӯи дигар барои иҷрои вазифаҳои давлат ва васеъ гаштани асоси иҷтимоии он ёрӣ мерасонад.

Ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд хислати адошавӣ ё вобаста ба сатҳи татбиқгардӣ маҳдудшавӣ надоранд. Онҳо бевосита ва доимоамалкунанда мебошанд. Ҳар кас мувофиқи имконият ва лаёқати худ аз онҳо истифода бурда метавонад. Ҳаҷми истифодаи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ онҳоро кам ё маҳдуд намекунад. Баръакс, ҳар кас зина ба зина онҳоро ба манфиати худ ва ҷомеа ҳарчи бештар татбиқ карда метавонад.[5]

Ба ҳамин тариқ, кафолати ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд шаклҳои гуногун дошта, сарфи назар аз ба кадом соҳаи ҳаёт алоқаманд будани онҳо давлат ва субъектони дигар татбиқ ва ҳимояи онҳоро таъмин менамоянд. Тавре, ки дар моддаи 17 Конститутсия муқаррар карда шудааст, давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз ҳамагуна тафовут ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Ин кафолатҳо вобаста ба иҷрои барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, инкишофи қонунгузории нави ҷумҳурӣ, амалӣ гардонидани мусолиҳаи миллӣ ва созиши ҳамаи гурӯҳҳои иҷтимоию сиёсии ҷомеа боз ҳам ривоҷ меёбад ва қавитар мегарданд.

**Калидвожаҳо:** инсон, ҳуқуқ, озодӣ, Конститутсия, давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, қонун, принсип, шаҳрванд.

**Адабиёт:**

1. Имомов А. Нақши конститутсия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон. Душанбе, 2011. С.358.
2. Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2012. С.495.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2003.
4. Рӯзномаи «Садои Мардум», 5 ноябри соли 2015.
5. Тафсири илмию омавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2009.
6. Сарфароз Юнусов. «Конститутсия – кафили плюрализми сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ»//Минбари халқ, 2014, 24 сентябр.

[5] Имомов А. Нақши конститусия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон. Душанбе, 2011. С.211.

**ПРАВА И СВОБОДА ЧЕЛОВЕКА И ГРАЖДАНИНА – ОСНОВА ПРАВОВОГО ГОСУДАРСТВА**

**Раджабова Д.**

В данной статье автор хотел показать права человека и гражданина с точки зрения юриспруденции. Он доказал, что права и свобода человека и гражданина, являются единственной неотделимой частью общества.

**Ключевые слова:** человек, право, свобода, конституция, государства, гражданское общества, закон, принцип, гражданин.

**THE RIGHTS AND FREEDOM OF THE PERSON AND THE CITIZEN - THE LAWFUL STATE BASIS**

**Rajabova D.**

In this article, the author wanted to show the right of man and citizen from the point of view of jurisprudence. He proved that right and freedom of man and the citizen, are the only inseparable part of society.

**Keywords:** human, law, freedom, the Constitution, the state, civil society, law, principle, citizen.

# ЯВЛЕНИЯ ПЕРЕНОСА В $IN_2TE$

**Каримов С.К., Академик**

Электропроводность - $\sigma$ и коэффициент Холла – $R_н$ кристаллов соединений $In_2Te$ Р-типа измерялись в интервале температур от 90 К до 470, а коэффициент термо – э.д.с. от 310 до 470 К. Исследование проводилось на двух образцах выращенных при различных условиях методом Чохральского. При вытягивании монокристалла 2 через поверхность раздела кристалл – расплав пропускался постоянный электрический ток в результате чего возникал эффект Пельтье, способствующей выравниванию фронта кристаллизации, рентгеновским, термическим и металлографическим анализами подтверждается однофазность монокристаллов $In_2Te$, выращенных таким методом. Образец 1 выращен без применения эффекта Пельтье, тоководы зонды припаивались чистым оловом. Такие контакты ожидались довольно надежными и прочными почти по всем интервалам температур. Только при температуре жидкого кислорода контакты имели значительное сопротивление.

Температура и градиент температуры измерялись с помощью мед- константановых термопар. Термопары не имели индивидуальной градуировки, использовались градуировка для данной партии константана и меди, из которых были изготовлены эти термопары. Небольшие отклонения в градуировке термопар от типичной дадут небольшие, относительные погрешности в определение температуры, но могут привести к большим, относительным погрешностям в определении градиента температуры. Для исключения этой погрешности (если даже они и небольшие, все равно может привести к значительному искажению температурной зависимости термо – э.д.с.). Определение производилось следующим образом: Измерялось термоэлектрическое напряжение при двух значениях градиента температуры (при одной и той же средней температуре) термо – э.д.с. определялись как частное:

$$\alpha = \frac{\vartheta_2 - \vartheta_1}{\Delta\tau_2 - \tau_1} = \frac{\delta\vartheta}{\delta\Delta\tau}, \quad (1)$$

где $\vartheta_2$ и $\vartheta_1(\delta\vartheta)$, $\Delta\tau_2$ и $\Delta\tau_1(\delta\Delta\tau)$. ($\vartheta_1$ и $\vartheta_2$ - начальная и конечная скорость движения зарядов; $\tau_1$ и $\tau_2$ - начальная и конечная время движения зарядов).

Найденное таким образом значение термо – э.д.с. ($\alpha$) при различных значениях $\delta\Delta\tau$ при различных значениях $\delta\vartheta$ имеют разброс не более 1,3%. Результаты измерений для обеих образцов (1,2) предоставлены на рисунках 1-3. На рис. 1 показана зависимость электропроводности и эффекта Холла от температуры для нестабильного образца-1. Измерении на нем производились следующим образом: снимались зависимость электропроводности $\sigma$ (нижние кривые) и эффекта Холла – $R_н$ (верхние кривые) от температуры при нагревании до некоторой температуры (рис.1. кривая 1).




Рис.1. Температурные зависимости электропроводности – (нижние кривые) и коэффициента Холла (верхние кривые) соединения $In_2Te$.

Снимались зависимости электропроводности (нижние кривые) и эффекта Холла (верхние кривые) от температуры при нагревании до некоторой температуры (рис.1, кривая 1). После выдержки (отжига) при этой температуре в течение 15-20 часов снимались те же зависимости при охлаждении до комнатной температуры (кривая 2). Затем образец выдерживали 15-20 часов при комнатной температуре и процесс повторяли. Было проведено 8-10 таких циклов измерении, причем температуру отжига измеряли в широких пределах (от 395 до 485 К). На рис.1 показано два цикла для температур 435 и 405 К. Измерения производились довольно быстро так, что образец, по-видимому, не перетерпивал существенных изменений. Полученные экспериментальные данные свидетельствуют о том, что в образце происходит изменение как по время отжига, так и при комнатной температуре. Во время отжига концентрация дырок уменьшается (кривая $\sigma \sim f(T)$) сдвигается вниз, точка инверсия коэффициента Холла $R_н$ в сторону более низких температур. При комнатной температуре происходит до некоторой степени обратный процесс. Все кривые нагревания (кривые 1-4) имеют одинаковый характер температурной зависимости. Кривые охлаждения по характеру температурной зависимости можно разбить на два класса: Если температура отжига ниже 420 К, то кривые охлаждения (4) ничем существенно не отличаются от кривых нагреваний (1,3); а если температура отжига выше 420 К, то все кривые охлаждения также имеют одинаковый характер, но существенно отличаются от кривых нагреваний в области температур 365-385 К. Это особенно отражается на зависимости электропроводности от температуры.

На рис.2 и 3 представлены данные для стабильного образца 2.




Рис.2. Температурная зависимость электропроводности и коэффициента Холла $In_2Te$.

Электропроводность - $\sigma$ и коэффициент Холла - $R_н$ при комнатной температуре изменяются на не более чем на 10% после выдержки при температуре до 455 К в течение нескольких суток ($\sigma$ и $R_H$) образца 1 примерно при тех же условиях изменились на порядок. Эффект Холла образца 2 (рис.2, кривая 2) в широком интервале температур (от 220 до 450 К) остаётся практически постоянным. Концентрация носителей тока (заряда ) в образце 2, определенная по эффекту Холла $R_н$ в этой области составляет $1{,}4 \cdot 10^{15} см^{-3}$. При температуре ниже 220К эффект Холла $R_н$ незначительно возрастает с повышением температуры. Кривая 1 изображают температурную зависимость электропроводности - $\sigma$, и кривая 2-температурную зависимость наклона функции $\ell g R\sigma = f(\ell g T)$ (см. рис. 2.). Температурная зависимость термо э.д.с. соединения $In_2Te$ приведена на рисунке 3.




Рис. 3. Температурная зависимость коэффициента термо-э.д.с. соединения $In_2Te$.

Таким образом, по полученным результатам можно сделать следующие выводы. Механизм рассеяния подвижности зарядов по температурным зависимостям электропроводности образца 2 можно объяснить наличием двух механизмов рассеяния: при температурах выше 375К рассеянию происходит, в основном, на акустических колебаниях решетки. В той области температур подвижности зарядов изменяется как $\mu_a \sim f(T^{-1,5})$. При более низких температурах начинает сказываться рассеяние на ионизированной примеси ($\mu_u$) и в области температур жидкого кислорода (азота) этот механизм становится преобладающим.

В случае наличия двух механизмов рассеяния (если процессы рассеяния независимы), то подвижность определяется следующим выражением:

$$\frac{1}{\mu_{a,u}} = \frac{1}{\mu_a} + \frac{1}{\mu_u}, \quad (2)$$

где $\mu_a$ и $\mu_u$ - подвижности заряда при рассеянии только на акустических колебаниях решетки или только на ионизированных примесей, соответственно, исходя из этого выражения и считая, что $\mu_a \sim f(T^{-1,5})$ а концентрации носителей заряда во всем интервалам температур остается неизменной, тогда $\mu_u \sim f(T^{-1,5})$ поскольку не изменяется концентрация рассеивающих (центров), нами были подсчитана температурная зависимость электропроводности - $\sigma$ (рис. 2., кривая 1). Штриховая кривая рассчитана для случая $\mu_a \sim +(T^{-1,5})$. Как видно из рис.2, кривая 1 довольно хорошо описывается поведение электропроводности - $\sigma$. Предположение о постоянстве концентрации носителей заряда, по всем интервалам температур не противоречит наблюдаемому росту коэффициента Холла $R_н$ при температурах ниже 220К. Этот рост приблизительно на 30% при 90 К может быть обусловлен изменением фактора рассеяния на акустических и на ионных.

Оценена также эффективная масса плотности состояния дырок в $\mathrm{I}n_2Te$. Эффективная масса дырок была оценена по данным термо – э.д.с. и эффекта Холла $R_н$. Оценка производилась для такого интервала температур, где термо-э.д.с. изменяется как $\frac{3}{2}\cdot\frac{K}{e}\ell gT$ (рис.3) и где рассеяние на ионизированных примесях не играет существенной роли (360-390К).При температурах ниже 360 К термо – э.д.с. изменяется более резко, чем $\frac{3}{2}\cdot\frac{K}{e}\ell nT$. Выше 400К термо-э.д.с. начинает уменьшаться. Это, по – видимому, обусловлено влиянием зоны проводимости эффективной массы дырок оказалось равной 0,9 $m_o$ т.е. близкой свободного электрона. Исследовано отношение подвижностью заряда $в = \frac{\mu_\rho}{\mu_n}$ или $в = \frac{\mu_a}{\mu_u}$. В этом отношении интересно поведение образца 1. Есть основания считать, что не стабильность его обусловлена неоднородностью (не в однофазностью), а именно наличием в образце свободного индия. Именно с этим связан различный характер температурной зависимости электропроводности - $\sigma$ и эффекта Холла - $R_н$ при охлаждении от температуры выше и

ниже 429К, т.е. выше и ниже температуры плавления индия. Для выяснения факта неоднофазности был проделан термический и металлографический анализ кристаллов, из которых были вырезаны образцы 1 и 2.

На термограммах нагревания и охлаждения (нагрев производился до 700 К) при большом усилении сигнала дифференциальной термопары были замечены слабые, но каждый раз повторяющиеся при соответствующих температур плавлении и кристаллизации индия при температуре 429 К и монотектической реакции при 696 К. На термограммах кристаллов серии 2 этих эффектов не обнаружено. Микроскопические исследования проводились на травленных сколах в плоскости (010) и микрошлифа $\vec{c}$. В кристаллах серии 1. удалось обнаружить редкие иглоподобные включения индия. Изучение кристаллов серии 2 позволило сделать заключение, что они являются однофазными. Из данных для образца 1 можно получить некоторые сведения и о подвижности электронов $(\mu_n)$ в $In_2Te$. Данные для эффекта Холла - $R_н$ свидельствуют о том, что подвижность электронов $(\mu_n)$ в $In_2Te$ больше чем подвижность дырок $(\mu_p)$. Данные для эффекта Холла $R_н$ свидетельствуют о том, что подвижность электронов $\mu_n$ в $In_2Te$ должна быть гораздо больше подвижность дырок $(\mu_p)$ т.е. $\mu_n >> \mu_p$. Отношение подвижности электронов и дырок $(\frac{\mu_n}{\mu_p} = в)$ может быть получено из выражения:

$$\frac{|R_{n(\max)}|}{R_P} = \frac{(в-1)^2}{4в}, \qquad (3)$$

где $R_{n(\max)}$ - максимальное значения коэффициента Холла в отрицательной области; $R_p$ - значение коэффициента Холла в области истощения.

В наших экспериментах не было достигнута $R_{n(\max)}$, однако значение коэффициента Холла $R_н$ в отрицательной области превышающие $R_p$. На основании этого можно утверждать, что $\frac{|R_{n(\max)}|}{R_p} > 1$, это значит, что отношение подвижности носителей заряда $в = \frac{\mu_n}{\mu_p} > 6$

**Ключевые слова:** Бинарных соединении индий теллур ($In_2Te$), электропроводность, коэффициент Холла, коэффициент термо – э.д.с., подвижность, температурная зависимость.

## Литература:

1. Каримов С. К. Полупроводниковые холькогенидов таллия. Изд-во «Металлургия», Москва , 1982, 128 с. с илл.

2. Каримов С. К. Физика и химия бинарных полупроводниковых холькогенидов таллия. Изд-во АНРТ, «Дониш», Душанбе, 1998, 360 с. с илл.

## ҲОДИСАИ ГУЗАРОНАНДАГӢ ДАР $In_2Te$

**Каримов С. К.**

Дар натиҷаи омӯзиши ҳодисаҳои электргузаронӣ - $\sigma$, коэффитсиентҳои Холл ($R_n$) ва ҚЭҲ-и гармоӣ ($\alpha$)дар ҳароратҳои паст (азоти моеъ) ва баланд, консентратсия ва ҳаракатнокии ҳомилони заряд дар кристаллҳои $In_2Te$ намуди 1 (оттажёный) ва 2 (до закалька) омӯхта шуд. Ҳаракатнокии зарядҳои ионизатсияшуда ва активатсияшуда муайян карда шуданд. Нисбати ҳаракатнокии зарядҳои манфӣ ($\mu_n$) ба зарядҳои мусбат ($\mu_p$): $\frac{|\mu_n|}{\mu_p} = в > 6$ муайян карда шуд. Ин нишон медиҳад, ки дар $In_2Te$ $\mu_n > \mu_p$ яъне $m_p^* > m_n^*$ ($m_p^*$ и $m_n^*$ - массаи эффективии электрон ва ҷавф). Пас маълум мешавад, ки дар $In_2Te$ зарядҳои ҷараёнгузаронанда асосан электронҳо мебошанд.

**Калидвожаҳо:** Пайвастагии бинарии индий теллур ($In_2Te$), ҷараёнгузаронӣ, коэффитсиенти Холл, коэффитсиенти ҚЭҲ – и гармоӣ, ҳаракатнокӣ, вобастагии ҳароратӣ.

## THE PHENOMENON OF MIGRATION IN $In_2Te$

**S.K. Karimov**

The study cases conductivity ($\sigma$), Hall coefficient ($R_n$) and thermo -e.d.s ($\alpha$) at low temperatures (liquid nitrogen) and higher temperatures were studied concentration and mobility of charge carriers in the crystals of type $In_2Te\,1$ and 2 (before hardening). Determined ionizing and activation charge mobility. Defined by the ratio of the negative charge of mobility ($\mu_n$) on a positive charge ($\mu_p$): $\frac{|\mu_n|}{\mu_p} = в > 6$. This shows that $In_2Te$ $\mu_n > \mu_p$ that is the effective mass of holes greater than the effective mass of the electrons $m_p^* > m_n^*$ ($m_p^*$ and $m_n^*$ - the effective mass of the electrons and holes). Then it is clear that the $In_2Te$ main conductive charges are electrons.

**Keywords:** Binary compound of indium, tellurium ($In_2Te$), electrical conductivity, Hall coefficient, the coefficient of thermo - e.d.s., mobility, temperature dependence.

# ЗАДАЧА ГИЛБЕРТА С НАГРУЖЕННЫМИ СВОБОДНЫМИ ЧЛЕНАМ И С ДОПОЛНИТЕЛЬНЫМИ УСЛОВИЯМИ

**Р. Акбаров, д.ф.м.наук –профессор, Ш. Мухторова, ассистент кафедры высшей математики КГУ им. Абуабдуллох Рудаки**

**1.Постановка задачи.** Пусть L- гладкий замкнутый контур, ограничивающий внутреннюю область $D^{+} \equiv D,\quad a(s), b(s), c(s)$ действительные функции дуги s контура удовлетворяющие условия Гельдера. Краевой задачей Гильберта с нагруженными свободными членами и с дополнительными условиями будем называть следующую задачу

*Найти все функции $\phi(z) = u(x,y) + i\vartheta(x,y)$, определенными в $D/L$, аналитические на $D$ , H- непрерывно продолжимые на L, предельные значения действительных и мнимых части, которых удовлетворяют на контуре линейному соотношению*

$$a(s)u(s) + b(s)\vartheta(s) = c(s) + \sum_{k=1}^{m} \alpha_k \theta_k(s),$$

*или*

$$\mathrm{Re}\left[(a - ib)\phi(z)\right] = c(s) + \sum_{k=1}^{m} \alpha_k \theta_k, \qquad (1)$$

*где $\alpha_k (k = 1,2,....m)$ -некоторые неизвестные вещественные коэффициенты, $\theta_k(s)$- заданные линейно-независимые вещественные функции. Дополнительно, требуется определит постоянные $\alpha_k (k = 1,2,...m)$ такими, чтобы (1) имело место многообразие решений из которого затем выбираются решения, которые бы удовлетворяли дополнительными условиями*

$$\mathrm{Re}\int_L \phi(\tau) g_j(\tau) d\tau = h_j,\ j = 1,2....p, \qquad (2)$$

*где $g_1(t), g_2(t),......, g_p(t)$ –заданные линейно-независимые функции,а $h_1, h_2,...h_p$- заданные вещественные постоянные.*

Дополнительная сумма в правой части равенства (1) с дополнительными условиями на решения представленными равенством (2), отличает задачу Гильберта сформулированную в заголовке от классических постановок $[1-2]$

В случае, когда все $\alpha_k \equiv 0$ и отсутствуют все условия (2), никаких дополнительных членов не задается и задача (1) переходит в хорошо изученную классическую задачу Гильберта $[1-3]$, которая при c(s)=0 является однородной и при $c(s) \neq 0$ неоднородной. Задача (1) с учетом заданных главных частей в случае $\alpha_k \equiv 0$ , изучен в $[4]$.

Будем считать, что коэффициенты $a(s), b(s)$ не обращаются одновременно в нуль и удовлетворяют условия $a^2(s) + b^2(s) = 1$ .

Сформулированную задачу, следуя классическому случаю, будем называть «внутренняя» задача Гильберта с нагруженными свободными членами в правой части и с дополнительными условиями на решение. Аналогично на ставится «внешняя задача» (для внешней области $D^{-}$).

**2. РЕШЕНИЕ ЗАДАЧИ.** Понятие регуляризующий множитель вводится в [1]. Пусть s-угловая координата точки $z$ на окружности $|z|=1$, так что $t=t(s), a(s)=a(t(s)), b(s)=b(t(s))$ и $P(s)$ действительная функция аргумента s. Мы должны умножить функцию $a(s)+ib(s)$ на $p(s)$ так, чтобы функция $p(s)[a(s)+ib(s)]$ была граничным значением аналитической в $D^+$ и непрерывной в единичном круге функцией, т.е.

$$\phi^+[t(s)]=p(s)[a(s)+ib(s)], \quad t(s)\in L$$

Область $D^+$ содержит начало координат, так как $p(s)$ принимает действительные значения , её индекс равен о; следовательно,

$$\text{ж} = ind\phi^+(t(s))=ind[a(s)+ib(s)]$$

Поэтому

1) если $\text{ж}=0$,то $\phi(z)$ не имеет нулей в $D^+$;

2) если $\text{ж}>0$ , то $\phi(z)$ имеет ровно ж нулей в $D^+$;

3) если $\text{ж}<0$, то $\phi(z)$ не может быть аналитической в $D^+$.

Рассмотрим каждой случай в отдельности. *В случае ж*$=0$, $\phi(z)$ можно представить в виде

$$\phi(z)=e^{I\gamma(z)}=e^{i[\omega(z)+i\omega_1(z)]}=e^{-\omega_1(z)+i\omega(z)},$$

где обе функции $\omega(z)$ и $\omega_1(z)$ принимают действительные значения и ограничены. Тогда на границе области $D^+$ будет выполнятся равенство

$$P(s)[a(s)+ib(s)]=e^{i\gamma(t(s))}=e^{-\omega_1(t(s))}\cdot e^{i\omega(t(s))} \qquad (3);$$

следовательно ,

$$p(s)\sqrt{a^2}(s)+b^2(s)=e^{-\omega_1(t(s))}$$

т.е

$$p(s)=e^{-\omega_1(t(s)}, \quad \omega(t(s))=arctg\frac{b(s)}{a(s)} \qquad (4)$$

Поскольку в рассматриваемом случае, $Ln\phi(z)$ должен быть аналитической функцией в области $D^+$ , функция $\omega(z)$ является гармонической в этой области. Её граничные значения определяются формулой (4),так что $\omega(z)$ в области $D^+$ определяется по формуле Пуассона [1].Далее ,поскольку функции $a(t)$ и $b(t)$ удовлетворяют на L условие Гельдера, то $\omega(t(s))$ также удовлетворяет условие Гельдера.

Поэтому из формулы Шварца будем иметь

$$\gamma(z)=\omega(z)+i\omega_1(z)=\frac{1}{2\pi i}\int_L\left[arctg\frac{b(\tau)}{a(\tau)}\frac{\tau+z}{\tau-z}\cdot\frac{d\tau}{\tau}\right] \qquad (5)$$

Теперь разделим обе части краевого условия (1) на регуляризующей множитель функции $a(s)+ib(s)$:

$$\frac{\mathrm{Re}\,\phi(z)}{e^{i\gamma(t)}}=e^{\omega_1(t)}\left[c(t)+\sum_{k=1}^{m}\alpha_k\theta_k(t)\right] \qquad (6)$$

Краевое условия (6) есть условие задачи Дирихле. Взяв от обеих частей оператора Шварца и выражая $\phi(t)$ получим:

$$\begin{aligned}\phi(z)&=e^{i\gamma(z)}\left\{S(e^{\omega_1(s)}\left[c(s)+\sum_{k=1}^{m}\alpha_k\theta_k(s)\right])+i\beta_0\ \right\}=\\&=e^{i\gamma(z)}\left\{S\left[e^{\omega_1(s)}c(s)\right]+\sum_{k=1}^{n}\alpha_k S\left[e^{\omega_1(s)}\theta_k(s)\right]+i\beta_0\ \right\}\end{aligned} \qquad (7)$$

*В случае* $ж>0$, положим Ф(z)=zж $e^{-\omega_1(t)}$,тогда

$$P(s)=\frac{|t(s)|^{æ}e^{-\omega_1(t(s))}\cdot}{\sqrt{a^2(s)+b^2(s)}}=|t|^{æ}e^{-\omega_1(t)}, \qquad (8)$$

$\omega(t)=arcg\{(t(s))^{-æ}[a(s)+ib(s)]=arcg\frac{b(s)}{a(s)}-æ\arg t(s)$ и для функции $\gamma(z)=\omega(z)+i\omega_1(z),$ получаем представление

$$\gamma(z)=\omega(z)+i\omega_1(z)=\frac{1}{2\pi}\int_L[\ arctg\frac{b(s)}{a(s)}-æ\arg\tau\ ]\frac{\tau+z}{\tau-z}\frac{d\tau}{\tau} \qquad (9)$$

Теперь разделим обе части краевого условия(1) на $t^{æ}e^{i\gamma(t)}$ , тогда

$$\frac{\mathrm{Re}\,\phi(t)}{t^{æ}e^{i\gamma(t)}}=|t|^{-æ}e^{\omega_1(t)}\left[c(t)+\sum_{k=1}^{m}\alpha_k\theta_k(t)\right] \qquad (10)$$

Краевое Условие (10) есть условие задачи А, следовательно по формуле (12) будем иметь:

$$\phi(z)=z^{æ}e^{i\gamma(z)}\left\{S\left[|t|^{-æ}e^{\omega_1(s)}c(s)\ \right]+\sum_{k=1}^{m}\alpha_k S\left[|t|^{-æ}e^{\omega_1(s)}\theta_k(s)\ \right]+Q(z)\ \right\} \qquad (11)$$

*В случае* $ж<0$ , если положить $\phi(z)=z^{æ}e^{i\gamma(Z)}$ где функция $\gamma(z)$ определена формулой (9), то из (10) можно вывести, что $\phi(z)$ регулярна всюду в $D^+$ , за исключением точки $z=0$, где эта функция имеет полюс порядка -ж . Кроме того, функция $\phi(z)$ непрерывна на границе L и

$\phi^+(t(s))=p(s)[a(s)+ib(s),\quad]$ где $p(s)$ задана соотношением (8). В этом случае $Q(z)\equiv 0$ ,тогда

$$\phi(z)=z^{æ}e^{i\gamma(z)}\left\{S\left[|t|^{-æ}e^{\omega_1(s)}c(s)\ \right]+\sum_{k=1}^{m}\alpha_k S\left[|t|^{-æ}e^{\omega_1(s)}\theta_k(s)\ \right]+ic_1\ \right\} \qquad (12)$$

Для того, чтобы получить аналитическое решение следует в формуле (12) положить $c_1=0$ и потребовать, чтобы оператор

$$S\left[|t|^{-æ} e^{\omega_1(s)} c(s)\ \right] + \sum_{k=1}^{m} \alpha_k S\left[|t|^{-æ} e^{\omega_1(s)} \theta_k(s)\ \right] \qquad (13)$$

имел нуль порядка **-ж** в начале координат. Это даст -2- ***ж*** 1 условий которым должен удовлетворят свободный член и дополнительные члены для, того чтобы решение задачи было возможно. Не имея явного выражения оператора Шварца для произвольного контура, нет возможности выписать эти условия разрешимости в общем случае.

Потребуем теперь, чтобы решение задачи (1) представленное формулой (11) удовлетворяло дополнительным условиям (2). Подставляя (11) в (2) имеем:

$$\operatorname{Re}\int_L \phi(\tau) g_j(\tau) d\tau = h_j \Rightarrow \operatorname{Re}\int_L \tau^{æ} e^{i\gamma(\tau)} S\left[|\tau|^{-æ} e^{\omega_1(\tau)} c(\tau)\ \right] g_j(\tau) d\tau +$$
$$+ \sum_{k=1}^{m} \alpha_k \operatorname{Re}\int_L \tau^{æ} e^{i\gamma(\tau)} S\left[|\tau|^{-æ} e^{\omega_1(\tau)} \theta_k(\tau)\right] g_j(\tau) d\tau + \qquad (14)$$
$$+ \operatorname{Re}\int_L \tau^{æ} e^{i\gamma(\tau)} Q(\tau) g_j(\tau) d\tau = h_j, \qquad (j = 1,2,\cdots,p)$$

Вводя обозначения

$$\beta_{kj} = \operatorname{Re}\int_L \tau^{æ} e^{i\gamma(\tau)} S\left[|\tau|^{-æ} e^{\omega(\tau)_1} \theta_k(\tau)\ \right] g_j(\tau) d\tau \quad (k = 1,2,...m;\ j = 1,2..p)$$
$$d_j = h_j - \operatorname{Re}\int_L \tau^{æ} e^{i\gamma(\tau)} S\left[|\tau|^{-æ} e^{\omega_1(\tau)} c(\tau)\right] g_j(\tau) d(\tau) - \operatorname{Re}\int_L \tau^{æ} e^{i\gamma(\tau)} \theta(\tau) g_i(\tau) d(\tau)$$

Равенству (14) придадим следующей вид:

$$\sum_{k=1}^{m} \beta_{kj} \alpha_k = d_j, \qquad (j = 1,2,...,p) \qquad (15)$$

представляющий собой систему ***p*** алгебраических уравнений ***с m*** неизвестными $\alpha_1, \alpha_2, ...\alpha_m$ . Пусть $p = m$, тогда матрица $\|\beta_{kj}\|$- квадратная и если $\Delta = \det\|\beta_{kj}\| \neq 0$ ,то система (15) имеет и притом единственное решение при любых $d_j$ .Таким образом, справедливо следующая.

***Теорема*** *Задача Гильберта с нагруженными свободными членами в правой части (1) и с дополнительными условиями на решения (2) приводится к линейном алгебрической системе (15) с p вещественными уравнениями и с m неизвестными* $\alpha_1, \alpha_2, ..., \alpha_m$ *. Если p=m и определитель системы (15) не равен нулю, то она разрешима единственным образом при любых* $d_j$ $(j = 1,2,...m)$ *и тогда при* $ж \geq 0$ *общее решение задачи (1)-(2) дается формулой (11) и содержит 2ж+1 вещественными коэффициентами.*

**Ключевые слова:** краевая задача, нагрузка, дополнительные условия.

**Литература:**

1. Акбаров Р. Краевые задачи теории аналитических функции с заданными главными частями и им соответствующие особые интегральные уравнения. Душанбе, «Дониш», 2006.
2. Гахов Ф.Д. Краевые задача. М; Наука, 1972.

3. Михайлов Л.Г.Новый класс особых интегральных уравнений и его применения к дифференциальным уравнениям с сингулярными коэффициентами Душанбе, «Дониш» 1963.
4. Мусхелишвили Н.И. Сингулярные интегральные уравнения. М:, Наука, 1968.

**ЗАДАЧА ГИЛБЕРТА С НАГРУЖЕННЫМИ СВОБОДНЫМИ ЧЛЕНАМ И С ДОПОЛНИТЕЛЬНЫМИ УСЛОВИЯМИ**

**Р.Акбаров, Ш.Мухторова**

В статье исследуется задача Гильберта с нагруженными свободными членами и дополнительными заданиями граничных моментов для односвязной области.

**Ключевые слова:** краевая задача, нагрузка , дополнительные условия

**I HILBERT PROBLEM WITH LOADED FREE TERMS AND WITH THE ADDITIONAL CONDITIONS**

**R.Akbarov , Sh.Mukhtorova**

In the article investigates the Hilbert problem with loaded free terms and additional tasks boundary moments for a simply connected domain.

**Keywords:** boundary problem, load, additional conditions.

## ҲАЛ ВА ТАДҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ МАТНИЕ, КИ БА МУОДИЛА ВА НОБАРОБАРИҲО ОВАРДА МЕШАВАНД

**Раҳимов Н., муаллими калони кафедраи методикаи таълими математика,**
**Шарифов Ш., муаллими калони кафедраи методикаи таълими математикаи**
**ДДК ба Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар масъалаҳои матнӣ муносибати байни бузургиҳои матлуб, додашудаҳои ададӣ ва параметрҳо пешакӣ оварда нашуда, балки аз шарти масъала, ки бо сухан ифода мешавад, барқарор мешаванд. Бузургиҳои матлуб ё бузургиҳои дигаре, ки тавассути онҳо ин бузургиҳо ёфта мешаванд, номаълумҳо ном гирифтаанд. Ҳамаи муносибатҳои байниҳам новобастаи додашудаҳо ва бузургиҳои номаълум ё бевосита дар шарти масъала оварда мешавад, ё аз мазмуни масъала бармеояд, ё онҳоро ба воситаи муҳокимарони дар намуди муодила ё нобаробарӣ менависанд.

Ҳамин тариқ, аз рӯи шарти масъалаи додашуда баробарӣ ё нобаробариҳоро бо номаълумҳои матлуб тартиб медиҳанд. Ин муносибатҳо дар ҳолати умумӣ ягон системаи омехтаро ташкил медиҳанд. Дар ҳолатҳои хусусӣ ин система метавонад муодила ё нобаробариро дар бар нагирад, балки аз як муодила ё нобаробарӣ иборат шавад.

Агар бузургиҳои маълум маҳсуб шуда, дар намуди умумӣ дода шуда бо ҳарфҳо ифода шаванд, пас муодила (ё нобаробарӣ) параметрҳоро дар бар мегирад. На ҳамеша шарте, ки бояд номаълум ё параметрҳоро қаноат кунад, бо баробарӣ ё нобаробарӣ ифода меёбанд. Масалан, шарти адади бутун ё ратсионалӣ будан ба воситаи баробарӣ ё нобаробарӣ дода намешавад. Шарти ба қиматҳои имконпазири нобаробарӣ ё

параметрҳо такякунанда моҳияти ҳамон шартҳои иловагие мебошад, ки аз рӯи он ҳалли системаи омехта дар назар дошта мешавад.

Ҳамин тавр, дар ҳолати умумӣ ҳалли масъалаҳо ба ҳалли системаи омехтаи ҳосилшуда дар ягон майдони ададӣ бо шартҳои иловагии муайян оварда мешавад. Шарти ниҳой – аз маҷмӯи ҳамаи ҳалҳои системаи омехта, интихоб кардани ҳамон ҳалҳое мебошад, ки ба соҳаи қиматҳои имконпазири номаълум дохил мебошанд.

Агар муҳокимароние, ки дар асоси он муносибатҳо (муодила ё нобаробарӣ) тартиб дода мешаванд, дар ягон ҳолати махсус қабулнашаванда бошад, пас ин мавридро алоҳида пайгирӣ намудан лозим аст.

Одатан, дар ҳал ва тадқиқи масъалаҳо дар асоси мазмуни мушаххаси шарҳҳое ворид мегарданд, ки мавридҳои ҳал надоштан ё ҳалҳои бешумор доштанро нишон медиҳад. Аксаран дар тадқиқи масъалаҳо шартҳои иловагие ворид мешаванд, ки ба шарҳи мушаххаси ҳал мусоидат мекунад. Агар ягон номаълум бузургиеро ифода кунад, ки дар ду самти муқобил ҷой дошта бошад, пас шарт гузоштан лозим аст, ки он дар кадом ҳолат мусбат ва дар кадом ҳолат манфӣ мешавад.

Ҳалли ҳамон як масъала метавонад хеле содда ё хеле мураккаб бошад. Ин аз интихоби бузургии ба сифати номаълум қабул шуда ва аз интихоби муносибати новобастае, ки дар асоси он системаи омехтаи мувофиқ тартиб додашуда аст, вобавстагӣ дорад.

Масъалаҳои аз ҳалли мушкилотҳои назарявӣ ва амалӣ ба амал омада махсусиятҳои мушаххас доранд, ки ҳал ва тадқиқи онҳо гуногуншакл мебошанд.

Якчанд аз ин гуна масъалаҳоро пешниҳод намуда, ҳалли онҳоро тавассути муҳокимарониҳо меорем.

**Масъалаи 1**. Арзиши 1кг молро ёбед, агар ҳангоми ба 5 сомонӣ кам кардани $\mathrm{k}$ кг– и он, арзиши n кг-и он бо зиёдшавӣ ба 2 сомонӣ ҳосил шавад.

**Ҳал:** Бигузор $x -$ нархи 1кг мол бошад. Пас, $\mathrm{k}x -$ арзиши $\mathrm{k}$ кг ва nx- арзиши n кг мол мешавад. Аз рӯи шарти масъала:

$\mathrm{k}\,x - 5 = \mathrm{n}x + 2$ ё $(\mathrm{k}-\mathrm{n})\,x = 7 \quad x > 0$

Қиматҳои имконпазири параметрҳои $\mathrm{k}$ ва $\mathrm{n}$ бо шарти $\mathrm{k} > 0, \quad \mathrm{n} > 0$ муайян мешавад.

Системаи омехтаи (1)-ро ҳал мекунем.

1. $x = \frac{7}{\mathrm{k}-\mathrm{n}}$ ҳангоми $\mathrm{k} \neq \mathrm{n}$ будан.
2. Ҳангоми $\mathrm{k} = \mathrm{n}$ будан муодила ҳал надорад.

Дар мавриди (1) нобаробарии $x > 0$ ҳангоми $\mathrm{k} > \mathrm{n}$ будан иҷро мешавад. Агар $\mathrm{k} < \mathrm{n}$ бошад, муодила дорои решаи манфӣ мешавад, ки дар ин ҳолат ба мазмуни масъала мувофиқ намебошад.

Ҳамин тариқ дар асоси муҳокимарониҳои фавқ соҳиб мешавем:

$x = \frac{7}{\mathrm{k}-\mathrm{n}}$, ҳангоми $\mathrm{k} > \mathrm{n}$. Ҳангоми (1) $\mathrm{k} < \mathrm{n}$ будан масъала ҳал надорад. Масъала метавонад ҳалҳои бешумор дошта бошад.

Якчанд ҳалли бутуни онро нишон медиҳем

1. $\mathrm{k} = 8, \mathrm{n} = 1,$
2. $\mathrm{k} = 9, \mathrm{n} = 2,$

3. $k = 10$, $n = 3$,

4. $k = 11$, $n = 4$, ва ғайраҳо.

**Мавриди 2.** ($k = n$) имконнопазир аст, зеро он ба шарти масъала муқобил аст.

**Масъалаи 2.** Маблағи 78 сомониро бо аломатҳои пулии 5- сомонӣ ва 3- сомонӣ, ба чанд тарз додан мумкин аст?

**Ҳал:** Бигузор $x$ ва $y$ миқдори матлуби аломатҳои пулии 5-сомонӣ ва 3- сомонӣ бошанд. Дар асоси ин шарт муодилаи дуномаълумаи
$5x + 3y = 78$ -ро ҳосил мекунем.

Ин масъаларо бо ворид кардани шарти иловагии мусбати бутун будани $x$ ва $y$ ҳал мекунем. Муодилаи додашударо дар соҳаи ададҳои бутун ҳал мекунем. Бо усули санҷиш муқаррар кардан мумкин аст, ки ҳангоми $x = 0$ будан $y = 26$ мешавад, яъне ин ҷуфт ҳалли муодила мешавад.

Аз ин ҷо, ҳалли умумиро дар намуди зерин навишта метавонем.

$$x = 3t, \quad y = 26 - 5t$$

Барои он ки муодиларо дар маҷмӯи ададҳои бутуни мусбат ҳал кунем, бояд нобарибариҳои зеринро илова кунем:

$$x \geq 0, \qquad y \geq 0, \qquad 26 - 5t \geq 0.$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки $0 \leq t \leq \frac{26}{5}$

6-қимати бутуни $t$ нобаробариро қаноат мекунад.

$$t_1 = 0, t_2 = 1, t_3 = 2, t_4 = 3, t_5 = 4, t_6 = 5,$$

Дар асоси ин қиматҳои параметр ҳалҳои матлубро ҳосил мекунем:
$x_1 = 0,\ y_1 = 26,\ x_2 = 3,\ y_2 = 21,\ x_3 = 6,\ y_3 = 16,\ x_4 = 9,\ y_4 = 11,\ x_5 = 12,\ y_5 = 6,\ x_6 = 15,\ y_6 = 1$.

**Масъалаи 3** . Ду тарафи $a$ ва $b$ -и секунҷаи ABC дода шудааст. Суммаи баландиҳои $h_a$, $h_b$-и бо ин тарафҳо гузаронидашуда, ба баландии $h_c$ – и ба тарафи сеюм гузаронидашуда баробар аст. Тарафи сеюми секунҷаро ёбед:

**Ҳал:** $x = c$ ифода мекунем, Аз рӯи шарти масъала : $h_a + h_b = h_c$ (1)

Ҳосили зарби тарафи секунҷа ба баландие , ки ба ин тараф гузаронида шудааст. ба дучандаи масоҳати секунҷа баробар аст.

$h_a \cdot a = h_b \cdot b = h_c \cdot x$ (1) Аз ин ҷо меёбем:

$$h_a = \frac{h_c \cdot x}{a}, \qquad h_b = \frac{h_c \cdot x}{b}$$

Ин қиматҳоро дар муодиаи (1) гузашта, меёбем.

$$\frac{x}{a} + \frac{x}{b} = 1 \qquad \text{ё} \qquad b\,x + a\,x = a\,b$$

Барои муайянӣ $a$ -ро тарафи калони секунҷа меҳисобем.

Аз рӯи хосияти секунҷа, ки тарафи дилхоҳи он аз суммаи ду тарафи дигари он кӯтоҳ ва аз фарқи ин ду тараф дарозтар аст, соҳиб мешавем:

$$a - b < x < a + b$$

Ҳалли масъала , ба ҳалли системаи омехтаи зерин оварда мерасонад.

$$\begin{cases} b\,x + a\,x = a\,b \\ a - b < x < a + b \\ x > 0, a > 0, b > 0 \end{cases}$$

Муодиларо ҳал карда ҳосил мекунем:

$x = \frac{a+b}{a+b} > 0$

Ин қимати $x$ -ро дар нобаробарӣ гузошта ҳосил мекунем:

$a - b < \frac{ab}{a+} < a + b$ ё $a^2 - b^2 < ab < (a+b)^2$

Нобаробарии $ab > (a + в)^2$ айниятан иҷро мешавад, бинобар ин иҷроиши нобарибарии $a^2 - b^2 < ab$ кифоя аст . $a^2 - b^2 - ab < 0$

Тарафи чапи нобаробариро ба зарбкунандаҳо ҷудо мекунем.

$\left(\frac{a+b}{2}\right)^2 - \frac{5}{2} b^2 = \left(a + \frac{\sqrt{5-1}}{2} b\right)\left(a - \frac{\sqrt{5-1}}{2} b\right)$ қайд мекунем, ки ҳангоми $a > 0$ будан зарбкунандаи якум мусбат аст, бинобар ин нобаробарӣ ба нобаробарии хаттии зерин эквивалент аст,

$a - \frac{\sqrt{5-1}}{2} b < 0$, аз ин ҷо $a < \frac{\sqrt{5-1}}{2} b$

Пас, $x = \frac{ab}{a+b}$ мешавад, ки дар ин ҷо $0 < b < a < \frac{\sqrt{5-1}}{2} b$ аст.

Азбаски дар доираи фанҳои омӯзиши ҳал ва тадқиқи чунин масъалаҳо бо сабаби маҳдудияти имконият номумкин аст, пас ҳалли онҳоро дар маҳфилҳои фанни ба роҳ мондан мувофиқ аст.

Муҳиммияти мавзуъро бо он асоснок менамоем, ки ҳалли ин гуна масъалаҳо дар воқеъият ногузир буда, дар айни ҳол ба муҳокимарониҳои донишҷӯён ва истифодаи самараноки дониш ва малакаҳои амалии онҳо мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** муносибат, баробарӣ, нобаробарӣ, параметр, айният, татқиқ, шарҳ, системаи омехта, бузургиҳои матлуб, масъалаҳои матнӣ.

**Адабиёт:**

1. А.Г.Цыпкин. Маълумотнома аз математика, Душанбе, «Маориф», 1989.
2. А.Д.Александров, Н.Ю.Нецветаев. Геометрия, Москва, «Наука», 1990.
3. С.И.Туманов, Элементарная алгебра, Москва, «Просвещание», 1970.
4. В.В.Зайцев, В.В.Рыжков, М.И.Сканави. Элементарная математика, Москва, «Наука». 1974.
5. Энциклопедический словарь юного математика. Москва. «Педагогика»,1989.

## РЕШЕНИЕ И ИССЛЕДОВАНИЕ ТЕКСТОВЫХ ВОПРОСОВ И ПРОБЛЕМ, КОТОРЫЕ УКАЗЫВАЮТСЯ РАВЕНСТВО И НЕРАВЕНСТВО

**Рахимов Н., Шарифов Ш.**

В статье приведены теоретические и практические сведения для решения и исследования текстовых вопросов и проблем, которые указывают равенство и неравенство, представлены несколько вопросов с целью лёгкого их выполнения, которые имеют свои характерные особенности.

**Ключевые слова:** связь, равенство, неравенство, параметр, тождественность, исследование, разъяснение, перемешанная система, требуемая величина, текстовые задачи.

**DECISION AND RESEARCH OF TEXT QUESTIONS AND PROBLEMS WHICH ARE SPECIFIED EQUALITY AND THE INEQUALITY**

**Rahimov N., Sharifov Sh.**

In article theoretical and practical data for the decision and research of text questions and problems which are specified equality and an inequality are resulted, some questions for the purpose of their easy performance which have the prominent features are presented.

**Keywords:** communication, equality, an inequality, parameter, identity, research, an explanation, the mixed system, demanded size, text problems.

## АҲАМИЯТИ ХОҶАГӢ ВА РОҲҲОИ ПАРВАРИШУ МУҲОФИЗАТИ БАЪЗЕ НАМУДҲОИ ЁБОИИ АВЛОДИ *ALLIUM* L.

**Бобоев Т., Бобоев М.Т., Қуллаев Ш., Ёқубов С., Бобоев Ш.**

Масъалаи омӯзиши олами набототи худрӯи ҷумҳурӣ ва истифодаи оқилонаю сарфакоронаи онҳо яке аз масъалаҳои муҳими ҳалталаб буда, дар солҳои охир аҳамияти илмию амалии он ба маротиб афзудааст. Хусусан, боғикунонии гиёҳҳои нодиру камёфт ва гизоию шифобахши худрӯй дар шароити имрӯза басо зарур аст.

Дар шароити имрӯза масъалаи ҳифзу оқилона истифодабарии растаниҳои фоидаовар ва ғизоию шифобахши табиӣ басо ташвишовар мебошад. Ин гуна растаниҳо дар натиҷаи ҷамъоварӣ ҳамчун гиёҳҳои доругӣ, ғизоӣ, хӯроки чорво, ороишӣ ва ғ. ба ҳадди нестӣ расида истодаанд (Ҳоҷиматов, 1989). Ҳоло он ки омӯзиши хусусиятҳои химикию-фармакологии як қатор растаниҳои шифобахш ва ғизоӣ нишон дода истодааст, ки дар таркиби барг, поя, гул, мева ва решаи онҳо гурӯҳи калони пайвастагиҳои химиявие дучор мешаванд, ки барои табобати беморони гуногун заруранд. Аз солҳои 50-уми асри XX сар карда таъсири номатлуби одамон ба як катор набототи худрӯи шифобахш ва ғизоию хушгул ва дигар намудҳо хеле афзуд. Имрӯзҳо мардум ба миқдори бениҳоят зиёд барои тайёр кардани хӯрокҳои гуногун намудҳои гиёҳҳои худрӯй, алалхусус пиёзи анзур, модел, моил, бубанак, гуши бузак, сиёҳалафро ба бозорҳо мебароранд. Аксарияти онҳоро бо пиёзакашон ҷамъоварӣ мекунанд, ки минбаъд шумораашон рӯз то рӯз коҳиш ёфта истодааст ва аксарияташон ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид гаштаанд (Китоби сурхи Тоҷикистон, 1988). Аз ин лиҳоз кормандони боғи набототи дар Кӯлоббудаи Маркази илмии Хатлони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба парвариши пиёзҳои нодир ва ғизоӣ, ки яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад пардохтанд.

**Оилаи пиёзгулон (Alliaceae)** дар Тоҷикистон намудҳои ороишӣ ва ғизои зиёд доранд, ки тақрибан 100 намдро ташкил медиҳанд. Баъзеи онҳо дар мамлакатҳои ғарбу аврупо боғӣ карда шудаанд ва дар он ҷойҳо талабгорони зиёд доранд. Қариб ҳамаи пиёзҳои мо – растаниҳои дорои нашъунамои баҳорӣ ё аввалҳои тобистон мебошанд (Флора, 1962).

Пиёзҳо ба муҳит хело устуворанд. Агар кишти тухмҳо дар тирамоҳ сурат гирад, майсаҳо дар баҳор якбора неш зада мебароянд. Кишти тухмҳо бояд дар чуқурии 1,0-1,5 см сурат гирад ва аз боло бо поруи пӯсида пӯшонида шаванд. Гулкунӣ баъд аз 3-4 соли пошидани тухм оғоз меёбад. Пиёзҳо хеле хуб инкишоф меёбанд ва нашъунамои хуб

доранд. Кӯчаткуниро дар тамоми фасл ва дар ҳама ҳолати рушдёбӣ гузаронида метавонанд.

Дар кабудизоркунӣ метавонем дар сабзамайдонҳо, роҳравҳо ва гулзорҳо бо дигар растаниҳое, ки дар як муддат ё дертар нашъунамо меёбанд шинонида шаванд.

Ба пиёзи ороишӣ пиёзи азимҷусса, баландқомат, анзур, қаратовӣ, кабуди осмонӣ ва Баршевский тавсия дода мешавад. Ҳамаи намудҳои пиёзиҳои қайдшуда – растаниҳои асаловари хуб низ мебошанд.

Пиёзакҳои пиёзи анзур дар хӯрок бо тарзи намакхӯрда ё очоронидан истифода бурда мешавад. Барги пиёзи азимҷусса, модел, бубанак, моил, гуши бузак хӯрданбоб аст.

**Пиёзи анзур – *Allium stipitatum***

Дар Тоҷикистон дар ҷойҳои камзамин ва нишебиҳои санглох дар баландии аз 1200 то 3300 м аз сатҳи баҳр васеъ паҳн шудааст.

Дар боғи набототии шаҳри Кӯлоб аз соли 1999 парвариш меёбад. Пиёзакҳояш аз қаторкӯҳи Ҳазратишох ва кӯҳи Эмомаскара оварда шудаанд.

Пиёзи анзур – растании ғизоӣ ва ороишӣ буда, гулпояи баланд ва чатргулҳои калони диаметрашон 14-16 см доранд. Дар гултоҷаш гулҳои зиёди бунафши торики ситорашакл дошта, дар як гултоҷ миқдорашон то 300-350 дона мерасанд. Пояаш 120-150 см баландӣ дошта, ҳамвор, ранги сабзи торик дорад. Ҳамаи баргҳояш наздирешагӣ буда, тасмашакл ва сатҳи боло ва тагашон серқилча то 30-40 см дарозӣ ва 5-7 см паҳнӣ дорад. Мевааш кӯрашакли чиндормонанд буда, 0,5 см дарозӣ ва 0,7 см паҳноӣ дорад. Тухмҳояш сиёҳранг ва ноҳамвор буда, дар 1 г то 115 дона дида мешаванд (Бобоев Т., Бобоев М.Т., 2010а, б).

Дар боғи набототи шаҳри Кӯлоб охири январ ва аввали феврал рушди пиёз оғоз меёбад ва танҳо дар солҳое, ки саршавии баҳор дер меояд, баргҳо дар аввали март мебарояд. Дар охири март ва аввали апрел гулғунчаҳо пайдо мегарданд. Гулкунӣ аз нимаи дуюми апрел сар шуда, то миёнаҳои моҳи май давом мекунад. Тухмҳояш дар июн мепазанд. Дар давраи гулкунӣ – дар моҳи май аллакай пажмурдашавии баргҳо сар шуда, хушкшавӣ аз нӯги баргҳо оғоз мешавад. Дар охири июн қисми рӯизаминии растанӣ тамоман мемирад.

Рушди ин намуд дар кӯҳистон дертар сар мешавад. Дар он ҷо моҳи май–июн ва дар қисмати болотар дар моҳи июл гул мекунад. Пухтарасии тухмҳо дар моҳҳои июл ва август мушоҳида мешавад. Сипас давраи оромии решапиёзҳо сар шуда, дар ин ҳолат то боришоти тирамоҳӣ мемонанд. Баробар саршавии боришот дар тирамоҳ, аллакай рушди патакрешаҳо ба амал меояд, онҳо ба ҳар тараф парешон гардида, модаҳои ғизоиро ба реша меоранд ва бедоршавии пиёзреша сар шуда, минбаъд ҳатто дар фасли тирамоҳу зимистон қадкашии баргҳо мушоҳида мешаванд. Ҳамин аст, ки баробари обшавии барфҳо, дар сатҳи хок пайдошавии баргҳои пиёзи анзур ба чашм мерасад.

Мушоҳидаҳои сершуморе, ки солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни паҳншавии пиёзи анзур гузаронидем, нишон медиҳанд, ки қариб дар ҳамаи мавзеъҳои рушди он миқдораш хеле коҳиш ёфта, дар қисман ҷойҳо аллакай ба ҳадди нестӣ расидааст.

Аз рӯйи хусусиятҳои биоэкологияш пиёзи анзур ба гурӯҳи растаниҳои эфимероидҳо дохил шуда, рушдаш аввали баҳор сар шуда, баробари баландшаии ҳарорати ҳаво, дар охири баҳор ва аввали тобистон ба поён мерасад. Дар ин давраи начандон тӯлонӣ

растанӣ метавонад инкишоф ёфта, гул кунад ва тухмаш пухта расад, сипас ба ҳолати дуру дарози оромӣ гузарад.

**Модел – *Allium giganteum***

Дар Тоҷикистон модел бештар дар ноҳияҳои ҷанубӣ паҳн гаштааст. Дар нишебиҳои кӯҳӣ байни дарахтон ва буттаҳо, баъзан вақт дар соҳили дарёҳо – дар шағалзамин мерӯяд. Аз рӯи баландӣ вай аз 500 то 2000 м аз сатҳи баҳр вомехӯрад.

Дар боғи набототии шаҳри Кӯлоб аз соли 1999 парвариш карда мешавад. Ин растании калону зебо хушагули ҷафси кӯррашакл дошта, диаметраш ба 10-14 см мерасад. Гулҳояш равшани бунафшранг, ситорашакл, баргҳои косагулаш паҳн, диаметраш ба 1 см баробар аст. Пояаш боқувват, рангаш кабудранг буда, ва 100-150 см баландӣ дорад. Баргҳояш калон, тасмашакл, ба монанди пояаш кабудранг буда, 30 – 40 см дарозӣ ва 8 – 12 см паҳнӣ дорад. Мевааш кӯраки маҷақмонанд буда, қариб 0,3 см баландӣ ва 0,6 см паҳнӣ дорад. Тухмҳояш сиёҳ, нокмонанд ва бо пардаи ноҳамвор пӯшида шуда, дар 1 г 227 дона дорад. Тирамоҳ тухми репродуксияи худиро дар моҳи ноябр коштем ва баҳорон дар моҳи март майсаҳо ба миқдори зиёд аз тухм баромада, то моҳи май рушд намуда, сипас ба хушкшави сар мекунанд. Дар соли аввал аз тухм танҳо як баргак баромада, дар ду соли минбаъд ин баргчаҳо калон шуда, аз соли чаҳорум сар кард дар баъзе фардҳо гулкунӣ ва тухмбанди мушоҳида мешаванд. Дар моҳи май-июн гулкунӣ ва дар моҳи июл пухта расидани тухмҳо ба амал омада, сипас пояи растани хушк мешавад.

Нашъунамои модел дар боғи набототии Кӯлоб дар моҳи феврал сар мешавад. Аввал баргҳои калон пайдо шуда, сипас дар охири моҳи март ё аввали моҳи апрел пояи гулдор пайдо мешавад, ки ғунчагулаш бо рӯйпӯши сабз печонида шудааст. Гулкунӣ дар авваи май сар мешавад ва дар аввали июн ба охир мерасад, яъне модел дар давоми як моҳи пурра гул мекунад. Тухмҳояш дар охири моҳи июн – аввали моҳи июл мепазанд. Баргҳояш мунтазам – аз охири моҳи апрел то миёнаҳои моҳи июн хушк шуда, ранги сурхчатоб мегиранд.

Мушоҳидаҳои сершуморе, ки солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни паҳншавии модел гузаронидем, нишон медиҳанд, ки қариб дар ҳамаи мавзеъҳои рушди он миқдораш хеле коҳиш ёфта, дар қисман ҷойҳо аллакай ба ҳадди нестӣ расидааст. Бинобар ин, моделро ба Китоби сурхи Тоҷикистон ворид намудан лозим аст ва дар маҳалли паҳншавии он чораҳои пешгирии онро аз нобудшавӣ ба роҳ мондан даркор.

**Пиёзи қоматбаланд, модел – *Allium makleana (elatum)***

Дар кӯҳҳо дар нишебиҳои шағалу сангдори қаторкӯҳҳои Ҳазрати Шоҳ дар баландии аз 1900 то 3500 м аз сатҳи бахр мерӯяд.

Ин растании калонҷусса буда, хушагули зебои кӯрашакл дорад, ки диаметраш 10-12 см.-ро ташкил медиҳад. Дар як қутр гулҳои зиёди гулобию бунафшранги ситорашакл дошта, баргҳои косагулаш борику нугтез мебошанд. Думчаҳои гулаш борик, 4-5 см дарозӣ доранд. Пояаш бебарг, сабз, 70-100 см баландӣ дорад. Шумораи баргҳояш 2-4 –то буда, хело калон ва сабз мебошанд.

Баргҳо 30-35 см дарозӣ ва 7-9 см паҳнӣ доранд. Мевааш – кӯраки кӯрашакл буда, диаметраш 5 мм мебошад. Тухмҳояш сиёҳ, шакли секунҷа дошта, вазни 1 г тухм ба 265 дона баробар аст.

Нашъунамои пиёзи қоматбаланд дар боғи набототии Кӯлоб дар миёнаҳои моҳи феврал сар мешавад. Гулкунӣ бошад дар охири моҳи апрел ва аввали май оғоз

мегардад. Тухмҳояш дар моҳи июн мепазанд ва дар ҳамон давр қисми рӯизаминии растанӣ мехушкад ва нашъунамои растанӣ ба итмом мерасад.

Дар шароити табиӣ дар кӯҳҳо ин намуди пиёз дар моҳҳои июн – июл гул карда, пухтарасии тухмҳо то моҳи август давом мекунад.

Ин намуди пиёз зимистони хунукро нағз гузаронида ба сармои сахт тобовар мебошад. Муддати дароз ҳамчун зироати барои ғизоӣ номувофиқ ҳисоб мeёфт, вале солҳои охир онро низ бари истеъмол ҷамъ меовардагӣ шуданд.

**Пиёзи қаратовӣ – *Allium karataviense***

Пиёзи каратавӣ дар қисмати минтақаҳои кӯҳии Тоҷикистони Ҷанубӣ дар сангрезаҳои нишебии шағалдор байни буттаҳои сирак дар баландии аз 600 то 3000 м аз сатҳи баҳр мерӯяд.

Дар боғи набототи Кӯлоб аз соли аз соли 2006 парвариш карда мешавад. Пиёзакҳояшро аз қаторкӯҳҳои Хазрати Шоҳ ноҳияи Ш.Шоҳин (собиқ н.Шӯрообод) (Амрути хам) оварда шуданд.

Бисёр пиёзи зебою пастак, хушагули кӯрашакли калонаш гулчаҳои ситорашакли гулобию бунафшӣ дорад, ки диаметраш 8 – 10 см-ро ташкил медиҳад. Пояаш пастак, 15 – 20 см баландӣ дошта, аз баргҳояш кӯтоҳтаранд, рангаш сабз ва тобиши гулобӣ дорад. Баргҳояш калону элипсшакл, 20 -35 см дарози ва 8 – 15 см паҳн мебошанд. Ба ранги сабзи онҳо ранги сурх бисёр омехта мегардад, махсусан ранги сурхи равшан ҳангоми сабзиш дар давраи аввал, ки ҳусни ороишии ин растании аҷоибро дучанд мекунад.

Мевааш – дилмонанди баръакс, кӯсакаш бисёр калон, 8 – 10 мм паҳнӣ дорад. Тухмҳояш сиёҳ, ноҳамвор, каму беш ҳамвор, тухмшакл, дар як г 125 дона доранд.

Дар боғи набототи Кӯлоб пиёзи каратавӣ охири феврал ва аввали март қад мекашад, ғунчаҳояш дар охири март пайдо мегарданд ва шукуфтани гулҳо дар нимаи аввали апрел сурат мегирад. Гулкунӣ дар аввал ё байни май ба охир мерасад. Тухмҳояш дар июн мепазанд, ки баъди он нашъунамояш ба охир мерасад. Дар кӯҳҳо пиёзи каратавӣ дар моҳи июн гул мекунад ва тухмҳояш дар мохи август мепазанд.

Пиёзи каратавӣ аз дигар намудҳои пиёз дар боғпарварӣ бештар қадр карда мешавад. Махсусан вай дар теппачаҳои алпӣ ва бордюрҳои паст бисёр мувофиқ аст.

**Пиёзи Баршевки – *Allium barszewskii***

Ба гурӯҳи намудҳои паҳншудаи пиёз мансуб меёбад. Дар нишебиҳои шағалдор, сангӣ ва камзамини кӯҳҳо байни дарахтон, буттаҳо ва алафҳо дар баландии аз 750 то 3500 м аз сатҳи баҳр мерӯяд.

Дар боғи набототи Кӯлоб аз соли аз соли 2000 парвариш карда мешавад. Ҳамасола аз тухмҳои рехташуда ба миқдори зиёд наврустаҳои нав месабзанд, ки ба пурра мутобиқшавии ин намуд дар водиҳо шаҳодат медиҳад. Растаниро аз ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ овардаем.

Пиёзи Баршевский бисёр растании нафис, хурд, бо хӯшагули нимкӯрашакли 4-6 см. Гулҳояш зангӯламонанд, 1,3 – 1,5 см дарозанд, рангҳои қирмизӣ, гулобӣ, гулобии беранг ва аҳён ранги сафедро дар бар мегирад.

Гулчаҳояш дар думчаҳои борик, байни худ ноҳамвор, қирмизӣ ё сабзу қирмизӣ ҷой гирифтаанд. Пояаш борик, бисёр сабз, 65 – 75 см дарози, аз қисми поён бо остинаки баргҳои росту ҳамвор ё шахшул пӯшонида шудааст. Мевааш – кӯсаки сехонагӣ бо паҳлуҳои барҷаста, 0,5 см баландӣ ва 0,4 см паҳнӣ доранд. Тухмҳояш сиёҳ, ҳамвор, тухмшакли дарозрӯя, дар 1 гр. қариб 900 дона.

Дар боғи набототи шаҳри Кӯлоб пиёзи Баршевский дар феврал ё март қад мекашад. Дар моҳи май - аввали июн ба гулкунӣ оғоз мекунад, мевааш дар охири июн мепазанд ва дар ҳамон давра қисми рӯизаминии он мемирад. Дар кӯҳҳо вобаста ба баландии ҷоигиршавиаш, дар моҳҳои июн –июл, ва дар қисми болоӣ дар моҳи август гул мекунад. Пухтани тухмҳо дар мохи сентябр-октябр ба амал меояд.

**Калидвожаҳо**: зоти *Allium* L., аҳамияти хоҷагӣ, муҳофизат, интродуксия, боғи ботаникӣ.

**Адабиёт:**

1. Бобоев Т., Бобоев М.Т. Изучение биоэкологические особенности редких и исчезающих видов растений Южного Таджикистана способы их размножение и сохранение. Деп. в НПИЦентр 27.12.2010а (№ 0103 ТД058). С. 52-54.
2. Бобоев Т., Бобоев М.Т. Растаниҳои нодиру камёфтро бояд ҳифз намуд. Душанбе, 2010б. 16 с.
3. Красная книга Таджикской ССР. Изд-во Дониш, Душанбе, 1988. 336 с.
4. Ходжиматов М. Дикорастущие лекарственные растения Таджикистана. Д. 1989.
5. Флора Таджикской ССР, т. I-IV. Изд-во АН СССР. М.-Л., 1962.

**ХОЗЯЙСТВЕННОЕ ЗНАЧЕНИЕ, ИНТРОДУКЦИЯ И МЕРЫ ОХРАНЫ НЕКОТОРЫХ ДИКОРАСТУЩИХ ВИДОВ РОДА *ALLIUM* L.**

**Бобоев Т., Бобоев М.Т., Куллаев Ш., Ёкубов С., Бобоев Ш.**

В статье рассматривается хозяйственное значение и меры охраны некоторых дикорастущих видов рода *Allium* L. интродуцированных в Кулябском ботаническом саду.

**Ключевые слова:** род *Allium* L., хозяйственное значение, охрана, интродукция, ботанический сад.

**ECONOMIC IMPORTANCE, INTRODUCTION AND MEASURES OF PROTECTION SOME SPECIES GENUS *ALLIUM* L.**

**Boboev T., Boboev M.T., Kullaev Sh.J., Yoqubov S., Boboev Sh.**

The characteristics about economic meaning (importance) and protection some natural of species - genus *Allium* L., introduction in Kulob botanic garden are resulted.

**Keywords:** genus *Allium* L., economic importance, protection, introduction, botanic garden.

## ТОЗА НИГОҲ ДОШТАНИ ОБ - ВАЗИФАИ МУҚАДДАС

**Бояҳмадов Ш., омӯзгори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар асри XXI, ки оғози ҳазорсолаи сеюм ба шумор меравад, масъалаи ҳифзи табиат ва муҳити зист яке аз масъалаҳои муҳими инсоният маҳсуб мегардад, зеро табиат на танҳо сарчашмаи асосии зиндагии инсон, балки манбаи дониш, маълумотгирӣ ва маҳорату малакаи инсонӣ мебошад. Ҳифзи саломатии инсон, таъмини

он бо маводи зарурӣ, тоза нигоҳ доштани муҳити атроф аз масъалаҳои мубрами замони ҳозира мебошад.

Дар садаи бистум ҷомеаи ҷаҳонӣ тавре рӯ ба пешравию тараққӣ ниҳод, ки натиҷаҳои ниҳоии он махсусан, дар истифодаи захираҳои табиӣ, амалҳои инсоният дар ривоҷи техника ва озмоишҳои истифодаи яроққои гуногуни атомию муқаррарӣ дар охири сада инсониятро ба гирдоби бухрони экологӣ овард. Акнун дар садаи XXI яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи экология ва нигоҳдории захираҳои табиӣ аст.

Дар баробари масоили гуногуни экологӣ масъалаи об, истифодаи оқилонаи он инчунин, нигаҳдорию захираҳои оби тоза, ки яке аз омилҳои асосии ҳаёти олами ҳайвоноту наботот ва инсоният мебошад, аз масъалаҳои марказӣ дониста шудааст. Об, ҳарчанд аз ҷониби файласуфони Шарқ, ки яке аз чор унсури азал шинохта шудааст, ҳамчун сарвати бебаҳои табиат беохир нест. Агар захираҳои он ноокилона ва исрофкорона истифода гарданд, инсоният ва муҳити зист ба бисёр мушкилотҳои зиндагӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Дар рӯи олам кишварҳое ҳастанд, ки аз набудани оби тоза танқисии бештаре доранд. Тибқи баъзе маълумотҳо 3 миллиард аҳолии кураи Замин аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд. Ҳар сол дар ҷаҳон ба сабаби истеъмоли оби ғализу ифлос 5 млн. нафар одамон ҳалок гашта, беш аз 3 млн. нафари дигар ба бемориҳои мухталиф гирифтор мешаванд.

Аҳамияти муҳим доштани ин масъаларо ба инобат гирифта, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи худ «Тоҷикистон дар остонаи асри XXI» дар радифи дигар масоили сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба масъалаҳои глобалӣ экологии ҷаҳон дахл намуданд. Маҳз бо ибтикорот ва пешниҳоди Президенти кишварамон соли 2003 «Соли умумиҷаҳонии оби тоза», эълон шуд ва он дар сессияи 54 - уми Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид, солҳои 2005-2015 даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» пазируфта шуд. Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид, ҳамчунин дар мубоҳисоти умумии иҷлосияи 70 - уми маҷлиси умумии Созмони Милали Муттаҳид даҳсолаи об ба иҷрои ҳадафҳои рушди устувор қабул гардида, солҳои 2015-2025 - ро Даҳсолаи «Ҳадафҳои рушди устувор» - пешниҳод намуд, ки аз тарафи маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуд. Ҳамаи ин аз муҳим будани ин масъала ва аз муҳаббату эҳтироми мардуми сарзамини мо, алалхусус, Сарвари кишварамон нисбат ба об чун яке аз воситаҳои асосии ҳаёти мавҷудоти зинда гувоҳӣ медиҳад.

Маълум аст, ки бештари кураи заминро об фарогир аст, вале 94 фоизи обҳои он шӯр буда, наметавонанд мавриди истеъмоли инсон қарор гиранд. Танҳо 6 фоизи обҳои замин ширин буда, аз он 4,3 фоизаш обҳои зеризаминӣ ва боқимондааш оби дарёҳою пиряхҳо аст. Аз рӯи баъзе маълумотҳо, танҳо 2,35 фоизи обҳои замин оби софу ширин мебошанду бас.

Солҳои 2015-2025 эълон шудани «Даҳсолаи об ба иҷрои ҳадафҳои рушди устувор» моро водор месозад, ки имрӯз ғами фардо, ғами наслҳои оянда худро бихӯрем. Зарур аст, ки ин масъала дар madди назари хурду бузург, пиру ҷавон бошад. Бояд ин масъаларо тавре ташвиқ намоем, то ҳамагон тадриҷан дарк намоянд, ки ҳар як фарди сайёраи замин ба ҳифз кардани ин муқаддасоти азалӣ масъул аст. Мо бояд хуб донем,

ки обу ҳавои тоза, ҳуррамии гулгашту чаманҳо, сарсабзиву шукуфоии макони ҳар яки мо, қабл аз ҳама, ба мавҷудияти оби тозаву ширин сахт марбут аст.

Дар воқеъ, обҳои Тоҷикистони мо тозатарин обҳои рӯи кураи заминанд. Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди оби тоза мебошад. Барои аҳолии Тоҷикистон 974 дарё, 46 км$^3$ оби тоза, 14, 509 пиряххо, 1300 кӯл, 187км$^3$ обҳои зеризаминӣ ва 720000 га заминҳои обӣ мавҷуд мебошанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аввалин сарвари давлате аст, ки масъалаи тоза нигоҳ доштан ва сарфакорона истифода бурдани онро дар СММ гузошт. Ӯ ғами халқҳои ҷаҳонро хӯрда изҳор кард, ки 3 млрд. аҳолии дунё аз нарасидани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашанд ва дар баромади худ қайд намуд, ки «Арзиши об на камтар аз арзиши нафт, газ ва дигар навъҳои сӯзишвориву манбаҳои энергия мебошад».

Ҳоло ташаббуси Раиси ҷумҳурии моро зиёда аз 150 давлати ҷаҳон дастгирӣ карда, оид ба нигоҳ доштани оби тоза чораҳо меандешанд. Оид ба хавфу хатари канда шудани «дарғот»-и табиии кӯли Сарез сарони давлатҳои ҷаҳонро огоҳонид, ки 18 - 19 феврали соли 1911 дар натиҷаи заминҷунбӣ ба сатҳи дарёи Бартанг (Мурғоб) лағжидани қисми кӯҳ боиси пайдо шудани кӯли чуқур гардид.

Барои пешгирии ин офати табиӣ бисёр созмонҳои байналхалқӣ, бонкҳои ҷаҳонӣ, хазинаи Оғохон 3 млрд, доллари амрикоӣ сармоягузорӣ карданд.

Аз соли 1999 дар Тоҷикистон Агентии тадбиқи лоиҳаи ҳалли масъалаҳои кӯли Сарез таъсис дода шуда буд. Ҳоло ин муассиса дар кӯли Сарез, мушоҳидаҳои гуногун гузаронида, роҳи бехавф гардонидани онро дида истодаанд.

Моҳи март дар конфронси байналхалқӣ оид ба оби тоза дар шаҳри Киотойи Япония баромад намудани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва аз соли 2005 то соли 2015 эълон намудани даҳсолаи муҳофизати оби тоза, бори дигар симои ҷумҳурии мо, сиёсатмадори ҷаҳонӣ будани сарвари моро нишон дод. Таклифи сарвари давлати моро 6000 вакилон ва 147 давлати ҷаҳон тарафдорӣ карданд. Олимон ҳисоб карданд, ки 404 ё худ 3 млрд. нафар аҳолии дунё аз нарасидани оби тоза маҳрум мебошанд. Дар ҷаҳони муосир мунокишаҳои байни баъзе давлатҳои ҷаҳон мушоҳида карда мешаванд, ки мақсади асосии онҳо ба даст овардани захираҳои сӯзишворӣ ва оби тоза мебошад. Инро мо дар муносибати давлатҳои Туркия, Сурия, Исроил ва Урдун дида метавонем. Дар баромади худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки дар давоми 50 сол захираи оби тозаи пиряххои Помир 2 маротиба кам гаштаанд. Сабаби он баланд шудани консентрати атмосфера аст. Яке аз рӯзноманигорони Япония менависад, ки «Тоҷикистон дорои захираи бойи оби нӯшокӣ мебошад, сарвари ӯ ғами халқи ташналаби дунёро мехӯрад. Ин ифодаи сарвари ғамхори як мамлакати хурди кӯҳӣ аст». Мо онро тарафдорӣ мекунем.

Муҳофизат ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ яке аз масъалаҳои ҳалталаби замони ҳозира ба шумор меравад, зеро об ҳамчун манбаи ҳаёт дар табиат мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Мураккабтарин мубодилаҳо дар организм тавассути об рӯй медиҳанд, талафоти 10-20% - и оби организми зинда боиси ҳалокати он гардида метавонад. Одамон аз қадимулайём обро муқаддас мешуморанд ва ҳар як нияти неки инсониро ба об ташбеҳ медиҳанд.

Масъалаи тоза нигоҳ доштани об ва оқилона истифода бурдани он дар мадди аввал меистад. Беэътиноӣ ва амалиётҳои хунукназаронаи инсон ба табиати атроф буд, ки оби бисёр дарёҳо паст шуда, соҳилҳояш аз партовҳо пур ва заҳролуд шуда, дар

натиҷа, бешак, боиси марги мавҷудоти зинда мегарданд. Манбаи ҳосилшавии ин партовҳо обҳои коркарди саноатҳое, ки дар таркибашон хлоридҳо, рангҳои гуногун, кислотаҳо, оҳан, хром, рӯҳ, қӯрғошим, никел, моддаҳои фаъоли сунъӣ, толуол ва нитратҳо доранд, мебошад.

Тарбияи экологӣ яке аз вазифаҳои муҳими таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Зеро ҳифзи саломатии инсон, таъмини он бо маводи зарурӣ, тоза нигоҳ доштани муҳити зист аз масъалаҳои асосии имрӯза маҳсуб меёбад. Ҳавои атмосфера яке аз унсурҳои ҳаётан муҳими табиат буда, тоза нигоҳ доштани он яке аз масъалаҳои мубрами имрӯза мебошад. Ҳамаи ин масъалаҳоро бояд мо ба насли имрӯза, махсусан, ба насли наврас ба хубӣ омӯзонем ва талқин намоем, ки ба табиат муносибати дилсӯзона намоянд.

Пешгирии харобшавии муҳити зист аз масоили муҳими имрӯза аст, ки онро проблемаи глобалӣ низ маънидод кардаанд. Аз ин сабаб, дар вақти таълими ҷуғрофия, биология, химия, физика, таълими меҳнат ба ин ҷиҳати масъала эътибор додан зарур мебошад. Сол ба сол зиёд шудани корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт ва аҳолӣ боиси ифлос шудани ҳаво мегардад. Дар ҷумҳурии мо низ корхонаҳои хурду бузург фаъолият менамоянд, ба мисли Заводи алюминии тоҷик, заводҳои семент, комбинати электрохимиявии Ёвон, заводи нуриҳои нитрогендори Вахш ва ғ-ҳо, ки аз худ партобҳои ба табиат зарароварро мебароранд. Мувазафони ин корхонаҳоро мебояд, ки сехҳои коркарди партовбҳоро ба роҳ монанд, то ки ҳаворо заҳролуд насозанд. Дар конфронси Дублинск, ки соли 1992 таҳти унвони «Об ва мувозинати экологӣ» баргузор шуда буд, дар масъалаи тоза нигоҳ доштани об дар қарни XXI қайд шудааст: «Об дорои арзиши иқтисодӣ мебошад ва новобаста аз истифодаи мухталиф, онро бояд ҳамчун мол эътироф кард».

**Калидвожаҳо:** об, узв, микроб, табиат, инсон, дарё, тозагӣ, заҳролуд, экология, укёнус, ифлосӣ, ҳаво.

**Адабиёт:**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Даҳсолаи об барои ҳаёт. Душанбе-«Ирфон»2011.
2. Фархуддинов И., Ҳ. Мақсадов. Экологияи умумӣ. Душанбе, «Матбуот», 2016.
3. Сатторов А. Методикаи таълими биология. Душанбе. «Ирфон» 2009.


## ХРАНЕНИЕ ЧИСТОЙ ВОДЫ - СВЯШЕННЫЙ ДОЛГ

**Бояҳмадов Ш.**

В этой научной статье речь идёт об основных целях объявления межнационального десятилетия (2005 - 2015г.) «Вода для жизни», которое было принято Организацией объединённых наций (ООН) по инициативе Республика Таджикистан.

**Ключевые слова:** вода, организм, вирус, природа, человек, река, чистый, бактерия, экология, океан, грязный, атмосфера и т.

## TO KEEP THE CLEANING WATER – SACRED DUTY

**Boyahmadov Sh.**

The main subject in this science article is about an announce of international decade (2005-2015) «Water for the life» which was accepted by UNO by initiative of Republic of Tajikistan.

**Keywords:** water, an organism, a virus, the nature, the person, the river, pure, a bacterium, ecology, ocean, dirty, atmosphere.

# ТАМОЮЛИ РУШДИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Мирсаидов М. Н., н.и.и., и.в. дотсент, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар рушди иқтисодиёт ва беҳтар кардани некуаҳволии аҳолӣ сармоягузорӣ нақши калидӣ дошта, он ҳамчун сарчашмаи асосии тараққиёт ба ҳисоб меравад. Сармоягузорӣ дар рушди инфарасохтори коммуникатсионӣ, бахши хусусию фаъолияти соҳибкорӣ, рушд ва таҷдиди иқтисодиёт таъсири мусбат ва манфӣ дорад.

Таъсири мусбат ва манфии он аз омилҳои объективӣ ва субъективии вобаста мебошад. Ба омилҳои объективӣ ин меъёри фоида, дараҷаи фоизи қарз, меъёри андоз, дараҷаи таваррум ва беқурбшавии пули миллӣ дохил мешавад. Ба омилҳои субъективӣ қарори сармоягузорон оид ба маблағгузорӣ дохил мешавад, ки ин омил дар навбати худ аз вазъи сиёсӣ, вазъи иқтисодӣ, мавқеи ҷуғрофӣ, сиёсати давлатӣ ва ҳатто фаъолияти роҳбарони мақомоти масъули давлатӣ вобаста мебошад.

Бояд қайд намуд, ки тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаҷми умумии сармоягузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядеҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2014 афзоиш ёфтааст. (Нигаред ба диаграммаи №1).

**Диаграммаи №1.**

**Тамоюлҳои рушди сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2014**

(бо нархҳои амалкунанда, млн. сомонӣ)




**Сарчашма:** Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ.- Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011. - 17-18 с., Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. - 13с.

Аз рақамҳои дар диаграммаи №1. дарҷгардида маълум мегардад, ки нишондиҳандаи воқеии сатҳи маблағгузорӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои сармоядеҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014-ум 7 млрд. 492,7 млн. сомониро ташкил дод, ки ин

нишондиҳанда нисбат ба соли 2000-ум 7 млрд. 384,1 млн. сомонӣ, яъне 68,9 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҳиссаи сармоягузорӣ дар Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирёбанда буда, аз 2,7 фоизи соли 2000 ба 11,9 фоиз дар соли 2014 расидааст. (Нигаред ба диаграммаи №2).

**Диаграммаи №2.**

**Ҳиссаи сармоягузорӣ дар ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2014, бо фоиз**




**Сарчашма:** Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011.-10-11, 2015.-10-11

Чунон ки аз маълумотҳои омории ҷадвали №1 бармеояд, дар солҳои 2010-2014 ҳиссаи сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби давлатӣ (35,9% то 41,4%), хоҷагиҳои деҳқонӣ (0,1% то 0,1%), саҳомӣ (4,6% то 3,7%), аҳолӣ (7,6% то 7,2%) ширкатҳои ҶДММ (7,6% то 11,4%), корхонаҳои шахсӣ (3,8 % то 8,4 ), Тоҷикматлубот (0,4% то 0,1%), корхонаҳои муштарак (1,8% то 68%), сармоягузории хориҷӣ (38,2 % то 21,0%) ташкил додааст, ки дар он ҳиссаи бузурги сармоя ба давлатӣ ва сармояи хориҷӣ рост меояд. (Нигаред ба ҷадвали №1).

**Ҷадвали №1**

**Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо фоиз**

| Солҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| давлатӣ | 35,9 | 49,9 | 44,5 | 41,8 | 41,4 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| саҳҳомӣ | 4,6 | 5,3 | 2,8 | 4,5 | 3,7 |
| аҳолӣ | 7,6 | 9,1 | 9,3 | 8,0 | 7,2 |
| ҶДММ | 7,6 | 4,0 | 6,2 | 8,1 | 11,4 |
| корхонаҳои шахсӣ | 3,8 | 3,9 | 6,1 | 8,6 | 8,4 |
| Тоҷикматлубот | 0,4 | 0,4 | 0,1 | 0,1 | 0,1 |
| корхонаҳои муштарак | 1,8 | 5,4 | 8,1 | 8,8 | 6,7 |
| сармоягузории хориҷӣ | 38,2 | 21,9 | 22,8 | 20,0 | 21,0 |

**Сарчашма:** Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015.-12-13

Таҳлилҳои рақамҳои ҷадвали №2 нишон медиҳад, ки сармоягузорӣ дар сохтори технологии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2000 – 2014 аз ҷумла: корҳои сохтмону васлгарӣ 96,5 маротиба; таҷҳизот ва асбобу анҷом 27,4 маротиба; дигар корҳои асосӣ ва хароҷот 11,4 маротиба зиёд шудааст. (Нигаред ба ҷадвали №2).

**Ҷадвали №2**

**Сохтори технологии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(бо нархҳои амалкунанда, ҳазор сомонӣ)

| Солҳо | 2000 | 2005 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 108637 | 682542 | 4669365 | 4988319 | 4540213 | 5796846 | 7492677 |
| корҳои сохтмону васлгарӣ | 69454 | 509548 | 4127136 | 4154779 | 3895723 | 4988164 | 6701535 |
| таҷҳизот ва асбобу анҷом | 21550 | 98814 | 315123 | 549009 | 308645 | 544971 | 589622 |
| дигар корҳои асосӣ ва хароҷот | 17633 | 74180 | 227106 | 284531 | 335845 | 263711 | 201250 |

**Сарчашма:** Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011.-26-27, 2015.-20-21

Мусаллам аст, ки сармоягузориро аз рӯйи объектҳои таиноти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ ҷудо мекунанд. Аз мушоҳидаҳои омории ҷадвали №3 дар солҳои 2000 - 2014 маълум мегардад, ки тағйироти рақамӣ дар объектҳои таъйиноти истеҳсолӣ ва ғайристеҳсолии сармогузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст. Масалан объектҳои таиноти истеҳсолӣ дар соли 2000-ум 73% ва ғайристеҳсолӣ 27%-ро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2014 -ум 49,7% ба 50, 3% расидааст. (Нигаред ба ҷадвали №3).

**Ҷадвали №3**

**Сармоягузорӣ аз рӯйи объектҳои таъйиноти истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ дар солҳои 2000-2014**

| Солҳо | Бо нархҳои амалкунанда, ҳазор сомонӣ | | | Ба ҳисоби фоиз нисбати ҷамъбаст (%) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла дар объектҳои | | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла дар объектҳои | |
| | | истеҳсолӣ | ғайри истеҳсолӣ | | истеҳсолӣ | ғайри истеҳсолӣ |
| **2000** | 108637 | 78978 | 29659 | 100 | 73 | 27 |
| **2001** | 194783 | 142955 | 51828 | 100 | 73 | 27 |
| **2002** | 206959 | 94777 | 112182 | 100 | 46 | 54 |
| **2003** | 318452 | 154770 | 163681 | 100 | 49 | 51 |
| **2004** | 592043 | 282707 | 309335 | 100 | 48 | 52 |
| **2005** | 682542 | 368302 | 314240 | 100 | 54 | 46 |
| **2006** | 1214499 | 687012 | 527487 | 100 | 57 | 43 |
| **2007** | 2828663 | 2002281 | 826382 | 100 | 71 | 29 |
| **2008** | 4341444 | 3173660 | 1167784 | 100 | 73 | 27 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **2009** | 3899376 | 2481478 | 1417898 | 100 | 64 | 36 |
| **2010** | 4669365 | 2797983 | 1871382 | 100 | 60 | 40 |
| **2011** | 4988319 | 2664916 | 2323403 | 100 | 53 | 47 |
| **2012** | 4540213 | 2485145 | 2055068 | 100 | 55 | 45 |
| **2013** | 5796846 | 2813754 | 2983092 | 100 | 48,5 | 51,5 |
| **2014** | 7492677 | 3726993 | 3765685 | 100 | 49,7 | 50,3 |

**Сарчашма:** Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011.-28-29, 2015.-20-21

Дар солҳои 2010-2014 сармоягузорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла: саноат - 303301 ҳазор сомонӣ; нақлиёт ва алоқа - 529603 ҳазор сомонӣ; сохтмон ва саноати сохтмони конструксия ва қисмҳои бинокорӣ - 917485 ҳазор сомонӣ; савдо ва хӯроки умумӣ - 291529 ҳазор сомонӣ; сохтмони манзил (якҷоя бо манзили хусусӣ) - 562621 ҳазор сомонӣ; хоҷагии коммуналӣ - 137027; маориф - 52260; тандурӯстӣ - 468638 ҳазор сомонӣ зиёд ва соҳаи кишоварзӣ бошад - 42840 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. (Нигаред ба ҷадвали №4).

**Ҷадвали №4**

**Сармоягузорӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2014**

(бо нархҳои амалкунанда, ҳазор сомонӣ)

| Соҳаҳо | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| **Маблағгузорӣ - ҳамагӣ** | **4669365** | **4988319** | **4540213** | **5796846** | **7492677** |
| аз ҷумла ба соҳаҳои: | | | | | |
| саноат | 1923337 | 17819334 | 1645190 | 1750925 | 2226638 |
| кишоварзӣ | 58373 | 56543 | 48095 | 4746 | 15533 |
| нақлиёт ва алоқа | 646356 | 710955 | 639834 | 829095 | 1175959 |
| сохтмон ва саноати сохтмони конструксия ва қисмҳои бинокорӣ | 29238 | 11332 | 61434 | 339403 | 946723 |
| савдо ва хӯроки умумӣ | 17333 | 35093 | 34222 | 228988 | 308862 |
| сохтмони манзил (якҷоя бо манзили хусусӣ) | 703304 | 704936 | 682550 | 1295264 | 1265925 |
| хоҷагии коммуналӣ | 106219 | 135469 | 98990 | 274341 | 243246 |
| маориф | 233064 | 260862 | 267506 | 339593 | 285324 |
| тандурустӣ | 34095 | 137831 | 111866 | 274535 | 502733 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. - 302с.,

Нишондиҳандаҳои омории диаграммаи №3 нишон медиҳад, ки дар солҳои 2000-2014 сармоягузорие, ки барои ҳифзи муҳити зист равона карда шудаанд 6,8 баробар зиёд шудааст. Ин сармоягузорӣ асосан барои иншоотҳои обтозакунӣ, ҳифзи ҳавои атмосфера, соҳилмустаҳкамкунӣ ва ғайра равона гардидааст. (Нигаред ба диаграммаи №3)

**Диаграммаи №3**

**Сармоягузорӣ барои ҳифзи муҳити зист**
**дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2014**

(бо нархҳои амалкунанда, ҳазор сомонӣ)




**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.// Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2011.-48-49, 2015.-28-29

Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рӯйи тақсимоти ҳудудӣ ба 4 минтақаи махсус ҷудо мекунанд, ки ин: Вилояти Хатлон, Вилояти Суғд, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ва шаҳри Душанбе мебошад. Сатҳи воқеии сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои мазкур муайянкунандаи сатҳи сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ мебошад. Албаттара, ҷалби сармоя аз фаъолнокии кори аҳолии минтақаҳои мазкур, ташкилоту корхонаҳо ва мақомотҳои давлатӣ он вобастагии калон дорад. Маълумотҳои ҷадвали №5 гувоҳи ҳолати ҷалби сармоя дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Масалан агар соли 2000-ум Вилояти Хатлон -30,79%, Вилояти Суғд -38,49%, ВМКБ -10,86%, НТҶ-10,91%, шаҳри Душанбе-8,92% Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода бошанд, пас дар соли 2014 –ум ҳиссаи Вилояти Хатлон -18,56%, Вилояти Суғд -18,42%, ВМКБ -3,22%, дар сатҳи ҷуиҳурӣ кам гардида, ҳиссаи НТҶ-23,11%, шаҳри Душанбе-36,65% дар сатҳи ҷумҳурӣ зиёд шуда, мавқеи ҷойгиршавиашон тағйир ёфтааст.

Бояд қайд намуд, ки аз лиҳози рушди сармоягузорӣ дар солҳои 2000-2014 минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла: Вилояти Хатлон - 41,5 маротиба, Вилояти Суғд - 33 маротиба, ВМКБ -20,4 маротиба, НТҶ-146 маротиба, шаҳри Душанбе-283,3 маротиба афзоиш ёфтааст. (Нигаред ба ҷадвали№5)

**Ҷадвали№5**

**Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**дар солҳои 2000-2014**

(бо нархҳои амалкунанда, ҳазор сомонӣ)

| Солҳо | Вилояти Хатлон | Вилояти Суғд | ВМКБ | НТҶ | ш. Душанбе |
|---|---|---|---|---|---|
| **2000** | 33457 | 41822 | 11808 | 11858 | 9692 |
| **2001** | 64998 | 62196 | 17485 | 30900 | 19204 |
| **2002** | 50856 | 50447 | 5003 | 37467 | 63185 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **2003** | 94230 | 54023 | 31006 | 69965 | 69229 |
| **2004** | 165367 | 93159 | 61130 | 73941 | 198446 |
| **2005** | 220147 | 120129 | 88555 | 126211 | 127501 |
| **2006** | 520937 | 178212 | 26920 | 203292 | 285087 |
| **2007** | 1469991 | 407219 | 123535 | 282064 | 545854 |
| **2008** | 1815224 | 796828 | 59098 | 833375 | 836919 |
| **2009** | 1020988 | 849019 | 87518 | 1193940 | 747911 |
| **2010** | 1884876 | 610622 | 243752 | 996794 | 933321 |
| **2011** | 984904 | 902738 | 121884 | 1557906 | 1420887 |
| **2012** | 1021234 | 1047624 | 102170 | 1298213 | 1070971 |
| **2013** | 1242395 | 1230006 | 163341 | 1155884 | 2005221 |
| **2014** | 1391304 | 1380863 | 241840 | 1732104 | 2746566 |

**Сарчашма:** Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011.-94-99с., 2015.-51-54с.. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015.-205-206 с.

Тибқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти сармояи умумии хориҷӣ дар солҳои 2000-ум агар 28840,2 ҳазор доллари ИМА-ро аз ҳисоби мамлакатҳои шарик дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2014-ум ба 909254,4 ҳазор доллари ИМА расидааст, ки 31,5 баробар тамоюли рушди сармояи умумии хориҷиро таъмин намудааст. (Нигаред ба диаграммаи №4)

**Диаграммаи №4**

**Воридоти сармояи умумии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2000-2014**

(ҳазор доллари ИМА)




**Сарчашма:** Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон, 2011. – 441с., Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. – 218 с.,

Аз ҳаҷми умумии воридоти сармояи хориҷӣ, ки 909254,4 ҳазор доллари ИМА дар соли 2014-ум мебошад, 377425,7 ҳазор доллари ИМА сармояи мустақими хориҷӣ, 1418 ҳазор доллари ИМА сармояи ҷомадонӣ (портфелӣ) ва 530410,7 ҳазор доллари ИМА дигар сармояҳои хориҷӣ ташкил мекунанд. (Нигаред ба диаграммаи №5).

**Диаграммаи №5**

**Воридоти сармояи умумии хориҷӣ аз рӯйи намудҳои фаъолият дар соли 2014**

(ҳаз. доллари ИМА)




**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. – 219 с.,

Яке аз масъалаҳои асосии васеъшавии раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт ин убури сармояҳо аз сарҳадҳои давлатҳо мебошад. Дар соли 2014 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 41 давлати ҷаҳон сармояи хориҷӣ ворид намудаанд, ки бештар онҳо аз ҷониби **Федератсияи Россия** – 183471 ҳазор долл. ИМА -20,2%, **Ҷумҳурии Мардумии Чин-** 152021,5 ҳазор долл. ИМА- 16,7%, Люксембург -97276,4 ҳазор долл. ИМА – 10,7%, **Британия Кабир** – 96036,6 ҳазор долл. ИМА – 10,6%, **Иёлоти Мутаҳидаи Амрико** – 87358,4 ҳазор долл. ИМА - 9,6%, **Эрон** – 80988,6 ҳазор долл. ИМА – 8,9%, **Қазоқистон -** 41943,4 ҳазор долл. ИМА – 4,6%, Швейтсария- 30813,6-ҳазор долл. ИМА – 3,4%, **Олмон-** 21416,4 ҳазор долл. ИМА – 2,4%, **Нидерланд-** 20454,5 ҳазор долл. ИМА – 2,2%, **Қатар** – 16927 ҳазор долл. ИМА-1,9, Арабистони Саудӣ- 14978,4 ҳазор долл. ИМА-1,6%, **АМА-** 12027 ҳазор долл. ИМА -1,3%, **Австрия -** 10190,1 ҳазор долл. ИМА-1,1%, **Ҳиндустон -** 5517,8 ҳазор долл. ИМА-0,6%, **Гибралтар -** 5000 ҳазор долл. ИМА-0,5%, **Фаронса -** 4442,3 ҳазор долл. ИМА- 0,4%, **Кипр -** 3338,4 ҳазор долл. ИМА- 0,3%, **Италия -** 3042,8 ҳазор долл. ИМА-0,3%, **Латвия -** 3031,4 ҳазор долл. ИМА-0,3% мебошад. (Нигаред ба ҷадвали№6)

**Ҷадвали №6**

**Воридоти сармоягузории хориҷӣ аз рӯйи мамлакатҳои шарик бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014**

ҳазор доллари ИМА

| | **Сармояҳои мустақим** | **Сармояи ҷомадонӣ** | **Дигар сармояҳо** | **Сармояи хориҷӣ-ҳамагӣ** |
|---|---|---|---|---|
| **ҲАМАГӢ** | **377425,7** | **1418,0** | **530410,8** | **909254,5** |
| аз он ҷумла: | | | | |
| Мамлакатҳои ИДМ | **62020,0** | **32,7** | **167426,9** | **229479,6** |
| **Озарбойҷон** | 2700,0 | - | 0,6 | 2700,6 |
| Қазоқистон | 11760,7 | - | 30182,7 | 41943,4 |
| Қирғизистон | 480,8 | 31,3 | 847,1 | 1359,2 |
| Украина | - | - | 5,5 | 5,5 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **Русия** | 47078,6 | 1,4 | 136391,0 | 183471 |
| Мамлакатҳои хориҷи дур | **315405,7** | **1385,3** | **362983,9** | **679774,9** |
| **Австрия** | - | - | 10190,1 | 10190,1 |
| Афғонистон | 1099,4 | - | - | 1099,4 |
| **Белгия** | - | - | 2000,0 | 2000 |
| Британиёи Кабир | 78765,1 | - | 17271,5 | 96036,6 |
| Ҷазираҳои Виргин | - | - | 2079,9 | 2079,9 |
| Олмон | 1215,4 | - | 20201,0 | 21416,4 |
| Гибралтар | - | - | 5000,0 | 5000 |
| Ҳиндустон | 4367,8 | - | 1150,0 | 5517,8 |
| Инданезия | - | - | 38,6 | 38,6 |
| Эрон | 77288,6 | - | 3700,0 | 80988,6 |
| Италия | - | - | 3042,8 | 3042,8 |
| Канада | - | - | 200,0 | 200 |
| Чин | 105307,1 | - | 46714,4 | 152021,5 |
| Кипр | 3338,4 | - | - | 3338,4 |
| Қувайт | - | - | 773,9 | 773,9 |
| Қатар | 16927,0 | - | - | 16927 |
| Латвия | 1031,4 | - | 2000,0 | 3031,4 |
| Литва | 72,2 | - | - | 72,2 |
| Лихтенштейн | - | - | 2000,0 | 2000 |
| Люксембург | 1000,0 | 1385,3 | 94891,1 | 97276,4 |
| Нидерланд | 1385,3 | - | 19069,2 | 20454,5 |
| АМА | 2000,0 | - | 10027,0 | 12027 |
| Покистон | 1254,3 | - | - | 1254,3 |
| Лаҳистон | 14,9 | - | 3,5 | 18,4 |
| Ҷумҳурии Корея | 0,5 | - | - | 0,5 |
| Арабистони Саудӣ | - | - | 14978,4 | 14978,4 |
| ИМА | 14975,1 | - | 72383,3 | 87358,4 |
| Сингапур | - | - | 2400,0 | 2400 |
| Арабская Республика | 133,0 | - | - | 133 |
| Туркия | 403,7 | - | - | 403,7 |
| Филиппин | - | - | 2355,4 | 2355,4 |
| Чехия | 16,0 | - | 1,5 | 17,5 |
| Фаронса | 1171,4 | - | 3270,9 | 4442,3 |
| Швейтсария | 3579,1 | - | 27234,5 | 30813,6 |
| ЮАР | - | - | 6,9 | 6,9 |
| Ҷопон | 60,0 | - | - | 60 |

**Сарчашма:** Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. – 237-238с.

Ҷадвали №6 нишон медиҳад, ки сармояи хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикитон назаррас буда, сол то сол афзоиш ёфта, ҳиссаи мамлакатҳои ИДМ - 25,2%, ки ин баробар аст ба 229479,6 ҳазор доллар ИМА ва ҳиссаи мамлакатҳои хориҷӣ дур 74,8%, ки ин баробар аст ба 679774,9 ҳазор доллар ИМА ташкил мекунад.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фазои сармоягузорӣ марҳила ба марҳила беҳтар гардида, ба тамоюли рушди сармоягузорӣ дар кишвар таъсири мусбӣ расонида,

навҷорисозии технологияҳои муосир ва коркарди нави молҳоро ба вуҷуд оварда истодааст.

**Адабиёт:**

1. А.Ю. Андрианов, С.В. Валдайцев. Инвестиции в вопросах и ответах. Учебное пособие. М: Проспект, 2015 г.;
2. Тағоев Ҷ.Ҳ., Мирсаидов М.Н., Сафаров А.А. Фаъолияти сармоягузорӣ (Васоити таълимӣ) - Душанбе: «ПРОМЭКСПО», 2016. - 111с.
3. Сомонаи расмии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://gki.tj/;
4. Тоҷикистон: 20-соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. - Душанбе:Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2011. 912 с.;
5. Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011-137 с.;
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. - 466 с.;
7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. - 466 с.;
8. Маҷмӯаи омории минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015. - 219 с.;
9. Сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмӯаи оморӣ. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015-80 с.

## ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ИНВЕСТИЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Мирсаидов М.Н.**

В статье изучены тенденции развития инвестирования в республике Таджикистан как реальное явление и имеющее научное значение. Автор сделал свои анализы на основе статистических данных, реальных показателей развития инвестирования в Республике Таджикистан показав посредством таблиц и диаграмм.

**Ключевые слова:** инвестиция, иностранные инвестиции, портфельная инвестиция, развитие экономики, глобализация.

## TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF INVESTMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**Mirsaidov M.N.**

The article studies the trends in the development of investment in the Republic of Tajikistan as a real phenomenon and has scientific value. The author, having made his analyzes on the basis of statistical data, showed the real development of investment indicators in the Republic of Tajikistan through tables and diagrams.

**Keywords:** investment, foreign investment, portfolio investment, economic development, globalization.

# ГУРӮҲБАНДИИ ОМИЛҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ
# ВА АЛОҚАМАНДИИ БАЙНИ ОНҲО

**Шаҳнозаи Содиқ, ассистенти кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории ДДК ба номи А.Рӯдакӣ,**
**Ҳасанова Ф.Ш., ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

Рушди иқтисодӣ ҳамчун тағйироти миқдорию сифатии истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар натиҷаи таъсири як қатор омилҳои иқтисодию сиёсӣ таъмин карда мешавад. Сатҳи баланди иқтисодӣ метавонад муаммоҳои иҷтимоиро ҳал намуда, некеаҳволии мардумро баланд бардорад. Имрӯз давлатҳои Ғарб ба сатҳи баланди иқтисодӣ рафта расидаанд, ки вазъи иҷтимоии мардумонашонро хуб арзёбӣ кардан мумкин аст. Барои ҳал кардани муаммои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва даромади миллӣ (ДМ) ба сари аҳолӣ зиёд карда шавад. Ин масъаларо пурра таъминсозии рушди иқтисодӣ ҳаллу фасл карда метавонад. Ҷумҳурии мо ба гурӯҳи давлатҳое шомил мешавад, ки маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) бар сари аҳолӣ кам буда, рушди он то андозае суст аст.[1] Мақсад аз баррасии мавзӯи мазкур муайян кардани он омилҳое мебошад, ки ба рушди иқтисодии кишвари мо таъсири бевосита мерасонанд. Рушди иқтисодии ҳар як давлат дар асоси омилҳои гуногун муайян карда мешавад, ки онҳоро метавон ба омилҳои арза, тақозо ва самаранокӣ гурӯҳбандӣ намуд.

Омилҳои арза омилҳое мебошанд, ки иқтидори инкишофи иқтисодӣ ва суръати рушди иқтисодӣ аз мавҷудияти онҳо сахт вобаста мебошад.

Ба ин гурӯҳи омилҳо дохил мешаванд: шумора ва сифати захираҳои табиӣ; шумора ва сифати захираҳои меҳнатӣ; мавҷудияти сармояи асосӣ; прогресси илмӣ - техникӣ. Чунин омилҳои рушди иқтисодӣ вакили воқей ва техникии инкишофи истеҳсолот буда, дар иқтисодиёт ба зиёд кардани ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) мусоидат менамоянд.

Чи тавре ки зикр гардид, яке аз омилҳои рушди иқтисодӣ - ин шумора ва сифати захираҳои табиӣ мебошад. Давлатҳое, ки миқдори зиёди захираҳои табиӣ ва имконияти истифодабарии онҳоро доранд, метавонанд нисбат ба дигар давлатҳо рушди иқтисодиёташонро тезонанд. Вале набояд фаромӯш кард, ки агар давлат дорои захираҳои зиёди табиӣ бошад, аммо имконияти истифодаи онҳоро надошта бошад, пас наметавонад ба рушди иқтисодӣ ноил гардад, яъне то ёфтани имконият аз ин захираҳо ягон манфиате ба даст оварда наметавонад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба гурӯҳи он давлатҳое шомил аст, ки дорои захираҳои бойи табиӣ мебошад, вале аз имкониятҳои истеҳсолӣ, бинобар сабаби таъсири омилҳои молиявӣ маҳрум мебошад.

Олимони ҷумҳурӣ захираҳои калони намаки ошӣ, ангиштсанг, нефт, газ, мармар, уран ва дигар боигариҳои табииро ошкор кардаанд, лекин дар кишвари мо коркард ва истеҳсоли онҳо то ҷойи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Набояд фаромӯш кард, ки нафақат миқдор, балки сифати захираҳо низ ба рушди иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Омили дигари рушди иқтисодӣ - ин шумора ва сифати захираҳои меҳнатӣ (қувваи корӣ) мебошад. Ба захираҳои меҳнатӣ пеш аз ҳама аҳолии қобили меҳнат дохил мешавад. Ҷумҳурии мо имрӯз аз рӯйи миқдор, қувваи кории кофиро дорост, вале ҳамаи

онҳо бо кор таъмин нестанд, ки боиси нигаронист. Сабаби асосии ин паст будани сифати қувваи корӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки қувваи кории инкишофёфта дар ҳама ҳолат метавонад аз уҳдаи кори мушкил барояд, ҳол он ки кори одиро низ карда метавонад. Ин ҳолат барои таъмини рушди иқтисодӣ замина фароҳам меорад. Аммо қувваи кории одӣ бошад дар ҳеҷ кадом ҳолат аз уҳдаи кори мушкил баромада наметавонад, ки ин ҳолат барои таъмини рушди иқтисодӣ мушкилӣ пеш меорад.

Мавҷудияти сармояи асосӣ низ, ҳамчун омили дигари рушди иқтисодӣ ба инкишофи иқтисодӣ таъсири худро мерасонад. Сармоя ин сарчашмаи даромад аст.

Ҳар як ташаббус сармоя талаб мекунад. Фаъолияте нест, ки бе сарфи сармоя фоида ба бор орад. Аз ҳамин ҷиҳат барои рушди иқтисод, истеҳсолот ҷойи махсус дорад ва барои рушди он сармоя лозим аст.

Моро лозим аст, ки барои лоиҳаҳои хурд сармояи дохилӣ ва барои лоиҳаҳои калон сармояи хориҷиро ҷалб намоем. Барои ҷалби сармоя фароҳам овардани шароити мусоид муҳим мебошад, ки дар замони муосир аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ барои ин чораҳои зарурӣ андешида шудааст. Аз вохӯрии Президенти кишвар бо соҳибкорон (15-уми январи соли 2010) маълум гардид, ки сармоягузорони дохилӣ моҳияти сармоягузориро дарк намуда, ба сармоягузорӣ шурӯъ намудаанд. Ғайр аз ин зиёд кардани сармояи асосии корхонаҳо низ барои рушд муҳим аст. Барои ин зиёд кардани ҳосилнокии меҳнат ва омили навбатӣ – пешрафти технология нақши муҳим мебозад.

Прогресси илмӣ-техникӣ муҳимтарин воситаест барои рушди босуръати иқтисод. Маҳз пешравии технология буд, ки давлатҳои Ғарб бо инқилоби саноатӣ (нимаи охири асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX) рушди босуръатро соҳиб гашта, даҳсолаҳо аз давлатҳои дигар пеш гузаштанд. Гарчанде омили якум ба рушди Ҷопон таъсири манфӣ расонад ҳам, ӯ новобаста аз надоштани захираҳои табиӣ аз омили технология истифода кард ва бо давлатҳои пешқадами дунё рақобат карда истодааст.

Давлатҳое, ки дар ҳамаи ин омилҳо бартарият доранд, соҳиби рушди босуръат мебошанд. Давлатҳое, ки истеҳсолкунанда ва содиркунандаи ашёи хом ҳастанд, сатҳи иқтисодии хуб надоранд. Тоҷикистон низ истеҳсолкунанда ва содиркунандаи ашёи хом мебошад. Аз ин лиҳоз, агар мо аз технология истифода бурда, ашёи хоми ватаниро коркард карда, ба фурӯш барорем, метавонем сатҳи рушди иқтисоди мамлакатро баланд бардорем. Имрӯз, дар ҷумҳурӣ тамоюл ба саноат зиёдтар шуда истодааст. Рӯз ба рӯз соҳибкорон рӯй ба истеҳсолоти саноатӣ оварда истодаанд. Вале ин суръат суст аст, мо бояд суръати саноатикунониро тезонем, то ки сатҳи рушдро баланд бардорем.

Барои амалигардонии иқтидори истеҳсолии инкишофёфтаи худ, ки аз тарафи омилҳои таклифот таъмин карда мешаванд, хоҷагиҳои хонагӣ, (ташаббускорон) ва органҳои маъмурӣ бояд қариб тамоми ҳаҷми умумии молу хадамоти дар иқтисодиёт истеҳсолшударо харидорӣ намоянд. Вақте ки ин амалӣ мешавад, зиёдшавии захиракуниҳои ғайринақшавӣ ба назар намерасанд ва манбаъҳо мувофиқи нақшаи пешакӣ дар ҳаҷми пурра истифода бурда мешаванд. Рушди иқтисодӣ барои амалигардонии табдилдиҳии ҳаҷми маҳсулот, ки аз ҳисоби иқтидори истеҳсолӣ дастрас мешавад, зиёдкунии ҳаҷми умумии хароҷотро (талаботи мардумро) тақозо менамояд.

Яке аз роҳҳои дигари рушд ин зиёд кардани талаботи мардум мебошад. Ин омилро омили талабот меноманд. Вале ин амал бояд аз рӯи нақша ба иҷро расад, вагарна ба барзиёдистеҳсолкунӣ оварда мерасонад. Барзиёдистеҳсолкунӣ бошад, ба муфлисшавӣ оварда мерасонад, ки боиси кам шудани ММД мегардад. Агар сатҳи

молиявии аҳолӣ хуб бошад, бо роҳи истеҳсоли молҳои нав ва реклама талаботи мардумро зиёд кардан мумкин аст. Зиёд шудани талабот мувофиқи қонуни он ба зиёдшавии таклифот оварда мерасонад ва даромади миллӣ зиёд мегардад. Ин омил хоси давлатҳоест, ки дар он ММД бар сари аҳолӣ зиёд аст ва эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи аҳолӣ пурра қонеъ гаштааст. Ин омил ба иқтисоди мо на он қадар таъсир мерасонад, зеро қисми зиёди мардуми мо даромади баланд надоранд ва ҳанӯз аз паси қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аввалиндараҷаи худ мебошанд. Барои расидан ба иқтидори истеҳсолии худ, иқтисодиётро лозим меояд, ки на танҳо пурра аз худ кардани манбаъҳоро таъмин намояд, балки самаранок ва сарфакорона истифода бурдани онҳоро низ ба роҳ монад.

Барои истеҳсоли молу хадамоти интихобшуда, ки некуаҳволии ҳадди аксари одамонро таъмин менамояд (самаранокии тақсимот), иқтисодиёт захираҳои худро бояд бо имконияти ҳадди ақалли хароҷот (хароҷоти камтарин) истифода барад (самаранокии истеҳсолот). Қобилияти афзоиш додани истеҳсолот вобаста аз пурра истифода кардани манбаъҳои мавҷудбуда, боз ҳам барои ба даст овардани имконияти рушди босуботи иқтисодӣ кофӣ нест. Аз ин сабаб лозим меояд, ки самаранок истифода бурдани захираҳои мавҷударо таъмин намоем.

Самаранокӣ ба рушди иқтисод ҳам таъсири мусбат дорад ва ҳам сифати рушдро баланд мебардорад. Он метавонад пеши роҳи исрофкориро гирад. Самаранок истифода бурдани захираҳо метавонанд хароҷотҳоро кам кунанд ва фоидаи зиёд ба даст оранд.

Кишоварзони кишварро лозим меояд, ки ҳар як порчаи заминро самаранок истифода бурда, аз масоҳати кам бо хароҷоти кам маҳсулоти зиёд истеҳсол намоянд. Дар давлатҳои хориҷӣ шахсоне ҳастанд, ки дар боми хонаашон гул парварида ба фурӯш мебароранд. Боз ҳастанд шахсоне, ки барои эҳтиёҷоти ҳаррӯзаи худ дар дохили қуттӣ сабзавот (помидор, занҷабил, бодиринг ва ғ) мерӯёнанд. Омилҳои талабот, таклифот ва самаранокӣ, ки рушди иқтисодро таъмин менамоянд, байни ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Бекорӣ, ки боиси камшавии маҷмӯи талабот мегардад (омили талабот), метавонад сатҳи афзоиши сармояи навро паст кунад (омили таклифот) ва хароҷотро ба кофтукоб кам намояд (боз як омили таклифот) ва баръакс, хароҷоти кам ба навоварӣ ва маблағгузорӣ (омили таклифот) метавонад боиси коҳиш ёфтани маҷмӯи талабот (омили талабот) ва афзоиши сатҳи бекорӣ гардад. Ғайри самараноку назаррас истифода бурдани захираҳо (омили самаранокӣ) метавонад, арзиши молу хадамотро баланд бардорад, ки ин боиси фоидаи нисбатан камтар мешавад ва ғуншавии сармояро кам менамояд.

Ҳамин тавр, рушди иқтисодӣ – раванди динамикӣ буда, дар он омилҳои таклифот, талабот ва самаранокӣ аз ҳамдигар вобастагии зич доранд. Як қисми олимон омилҳои истеҳсолотро низ омилҳои рушди иқтисод меноманд, ки онҳо аз нигоҳи марксизм: қувваи корӣ, ашёи меҳнат ва воситаҳои меҳнат буда, аз нигоҳи маржиналистон бошад: замин, сармоя, меҳнат ва фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Омилҳои рушди иқтисодие, ки аз тарафи нависандагони китоби "Экономикс"[2] пешниҳод шудаанд, васеътар ва пурратар буда, омилҳои истеҳсолотро ҳам аз нигоҳи марксизм[3] ва ҳам аз нигоҳи маржинализм [4] дар бар мегиранд. Зеро қувваи корӣ воситаҳои меҳнат ва худи меҳнат ба сарчашмаҳои захираҳои меҳнатӣ шомиланд. Ашёи меҳнат ва заминро ба захираҳои табиӣ ва фаъолияти соҳибкориро ба самаранокӣ шомил кардан мумкин аст.

Чунки дар иқтисоди бозорӣ самаранок истифода бурдани захираҳои маҳдуди ҷамъият аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ (соҳибкорон) ба роҳ монда мешаванд. Мо омилҳои асосиро мухтасаран зикр намудем, ки ба рушди иқтисодии ҳар як давлат таъсир мерасонанд. Ҳар як омил дар алоҳидагӣ тадқиқоти илмиро талаб менамояд. Вазифаи рушди иқтисод дар ин ҷо ошкор кардани омилҳо, ба тартиб гузоштани онҳо мувофиқи аҳамияташон ва нишон додани роҳу усулҳо мебошад. Рушд бояд муайян кунад, ки кадоми онҳо аҳамияти зиёд дорад ва кадоми онҳоро бояд ба мадди аввал гузошт. Рушди ҳар як омил ба иҷрои навигариҳои он вобаста асту назорати он бошад бар дӯши давлат вогузор аст. Ин омилҳо ба ҳамдигар алоқаманд ҳастанд, аз ин ҷиҳат онҳоро якҷоя бояд инкишоф дод.

Ғайр аз ин омилҳое низ ҳастанд, ки ба рушди иқтисодӣ ба воситаи дигар фишангҳои иқтисодӣ таъсири манфии худро мегузоранд, ба монанди фасод, непотизм, институтсионализм, озодии иқтисодӣ ва дигарон мебошанд, ки солҳо боз давлат алайҳи онҳо мубориза бурда истодааст.

**Калидвожаҳо:** таснифот, омил, инкишоф, алоқа, ММД, пешниҳод, талабот, самаранокӣ.

**Адабиёт:**


1. http://en.wikipedia.org/wiki/List_of_countries_by_GDP_(nominal)
2. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс. -М.: Инфра-м, 1999. с-412.
3. Маркс К., Энгельс Ф. Сочинение. 23 том (Капитал). М.: Издательство Политической литературы,1960.
4. Добрынина А.И., Тарасаевич Л.С. Экономическая Теория. Учебник. -Санкт-Петербург. Питер, 2000. с -44-45.
5. Peter Goff. Factors affecting economic growth in developing countries. Development Economics Web Guide, Unit 5B. Issue 1. May 2003.
6. www.jumhuriyat.tj


## КЛАССИФИКАЦИЯ ФАКТОРОВ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА И СВЯЗЬ МЕЖДУ НИМИ

**Шахноза С., Хасанова Ф.**

В данной статье классифицированы факторы экономического роста, и показана связь между ними, которая предложена учеными экономистами. Каждая группа фактора проанализирована согласно нынешнего экономического положения Республики Таджикистан.

**Ключевые слова**: классификация, фактор, рост, связь, ВВП, предложение, спрос, эффективность.

## CLASSIFICATION OF GROWTH FACTORS AND THEIR RELATIONSHIP

**Shakhnoza S., Hasanova F.**

In given article classifies factors of economic growth, and shows the relationship between them, which are suggested by economic scientists. Each group of factors are analyzed according to current economic situation of the Republic of Tajikistan.

**Keywords**: classification, factor, growth, relationship, GDP, supply, demand, efficiency.

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Абдулов Д., унвонҷӯи ДМТ кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ,**
**Сафаров А.Г., муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва баҳисобгирии бухгалтерӣ, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.**

Муаммоҳои рушди босуботи иқтисодӣ ва омилҳои мусоидаткунанда дар илми назарияи иқтисодӣ баҳсҳои доманадор ва тӯлониро ба вуҷуд овардааст. Пайдоиши тамсилаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ далели гуфтаҳои боло мебошанд. Сабаби чунин мавқеъ пайдо кардани масъалаи таъмини рушд дар иқтисод, ин алоқамандии он бо ҳалли масълаҳои дохилию берунии иқтисодӣ мебошад. Пеш аз рушди босуботи иқтисодӣ имкон медиҳад, ки бозорӣ дохилии мамлакат ба молу хадамоти зарурӣ таъмин карда шуда, ҷойҳои холии корӣ зиёд гардад ва дар ин асос манбаҳои даромади аҳолӣ ва давлат густариш ёфта, қобилияти харидории аҳолӣ ва сатҳи зиндагии он боло раванд.

Муҳимтарин омиле, ки метавонад рушди босубот ва суръатноки иқтисоди Тоҷикистонро таъмин намояд пеш аз ҳама захираҳои фаровони захираҳои табиӣ он ба ҳисоб меравад. Далели ин андеша кашфи зиёда аз 400-кони канданиҳои фоиданок мебошад,ки аксарияти онҳо коркарди саноатии худро бо пуррагӣ интизоранд. Саволе пеш меояд, ки имрӯз сарватҳои табиӣ бо доираи истифодаи саноатӣ ҷалб шуда истодаанд. Иқтисоди Тоҷикистон то фарорасии замони истиқлоли давлатӣ ҷузъи иқтисодии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб мерафт ва дар қабули қарорҳо оид ба масълаҳои иқтисодӣ дар madди аввал манфиатҳои давлати абарқудрат гузошта мешуд.[48]

Чунин муносибат ба равандҳои иқтисодӣ боиси он гардид, ки аксарияти канданиҳои фоиданоки Тоҷикистон ба коркарди саноати ҷалб шуда истодаанд. Ҷумҳурие, ки дар қаламраваш бузургтарин конҳои намаки ошӣ (конҳои Хоҷамуъмин ва Хоҷасартез) мавҷуд аст,[49] ки бо давлатҳои дур ва хориҷи наздик содирот карда мешавад. Аз нигоҳи муносибатҳои бозорӣ ин содирот барои иқтисодиёти мо фоидаи калон меорад. Истиқлолияти давлатӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ мавқеъи захираҳои табииро дар таъмини рушди иқтисодӣ куллан тағйир медиҳад. Дар марҳалаи нав давлат бо мақсади таҳкими асосҳои иқтисодиаш ва ҳалли муаммоҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ муносибатро бо сарватҳои табиӣ дигаргун кард. Дар шароити кунунӣ Ҳукумати Тоҷикистон дарк кардааст, ки ҷалби сарватҳои табиӣ бо доираи истифодаи саноатӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди босуръати иқтисодии худро таҳия ва тадбиқ менамояд.

Имрӯз як қатор конҳои кашфшудаи канданиҳои фоиданок дар якҷоягӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд (конҳои тилло, сурма, симоб ва ғайра). Ба андешаи мо вақти он расидааст, ки коркарди комплексии ин сарватҳо аз истихроҷи ашё то истеҳсоли маҳсулоти тайёр ба роҳ монда шуда истодааст.

[48] Конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун омили баландшавии некӯаҳволии аҳолӣ»ДМТ, Душанбе, 9.12.2015, саҳ .122-125.

[49] Баротов Р.Б. «Каменное чудо» Таджикистана. Душанбе, Ирфон 1988.

Ба назари мо муҳимтарин самте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд мавриди таваҷҷӯҳи хоси қувваҳои соҳибкории дохилию хориҷӣ ва давлат қарор гирад,т захираҳои энергетикии мамлакат мебошад.

Маълум аст, ки Тоҷикистон соҳиби конҳои ангиштсанг, маъданҳои полиметалӣ, шпати плавикӣ, оҳаксанг, намаки ошӣ, тилло ва дигар канданиҳои фоиданок, инчунин, соҳиби ҳайвонот ва набототи гуногун мебошад. Лекин дар ҷумҳурӣ то имрӯз системаи зарурии интихоб, таҳлил ва такмили дастовардҳои мамлакатҳои пешқадам дар соҳаҳои технологияи маводи сӯзанда, маҳсулотҳои пластикӣ, чӯб ва боқимондаҳои он, доруворихои табиӣ ва синтетикӣ, маҳсулоти косметикӣ, атторӣ ва ғайра рӯз ба рӯз тараққӣ ёфта истодааст.[50]

Инкишофи саноатӣ ва захира намудани бойгарӣ дар мамлакатҳои пешқадам (Олмон, Ҷопон, Фаронса, Италия, Австрия, Швейтсария ва ғайра) на танҳо тавассути истифодаи захираҳои табиӣ на он қадар зиёд, балки бо шарофати истифода бурдани технологияҳои пешақадами ҷаҳонӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои такмили он таъмин мегардад. Ба доираи истифодаи саноатӣ ҷалб кардани захираҳои табиӣ имкон медиҳад, ки соҳаи энергетика ҳамчун локомотиви иқтисодӣ, рушди соҳаҳои дигари иқтисоди миллиро таъмин намояд.

Тоҷикистон асосан аз ду намуди захираҳои энергетикӣ ангиштсанг ва об бой мебошад. Бояд қайд намоем, ки захираҳои ангишти Тоҷикистон дар баробари манбаи энергетикӣ буданашон ҳамчунон ашёи пурқимати кимиёвӣ низ ба ҳисоб меравад. Бузургтарин манбаи ангишти Тоҷикистон дар кони Фон-Яғноб ҷойгир аст. Тибқи ҳисобҳои дар замони Шӯравӣ анҷом додашуда захираи ин кони бузург аз 1,5 млрд. тонна зиёд мебошад ва истифодаи он танҳо ҳамчун манбаи энергия исрофкорӣ ҳисобида шудааст. Қисми зиёди конҳо дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубу Шарқӣ воқеъ гардидаанд. Дар айни замон дар ҷумҳурӣ 36-кони ангишт ба ҳисоб гирифта шудааст. Аз ин 7-тои он аҳамияти санотӣ дорад. Калонтарини онҳо кони ангишти Фону Яғноб, Киштуту Заврон, Миёнаду Моғиён, Зиддӣ ва Назарайлоқ мебошанд.

Захираи умумии ангишт ба 4-милиард тонна мерасад, ки аз ин як миллиард тоннашро ангишти коксдиҳанда, инчунин конҳои ангишти сиёҳтоб низ дида мешавад.[51] Чунин хулосабарорӣ ба далелҳои илмӣ такя мекунад. Ангишти ин кон таркиби мураккаб дошта дар он пайвастагиҳои зиёди кимиёвӣ мавҷуд мебошад. Зиёда аз 60-сол муқаддам муҳаққиқони соҳаи геология дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти илмӣ муайян кардаанд, ки дар натиҷаи сӯхтани ангишти кони Фон-Яғноб газҳое ҷудо мешаванд, ки коркарди минбаъдаи онҳо имкон медиҳад, ки барои қонеъсозии талаботи Осиёи марказӣ басанда аст.[52]

Ҳамчунин дар тадқиқоти олимони тоҷик (Баротов Р.Б. ва Новиков В.П.) таркиби мураккаби ангишти Фон-Яғноб дар асоси омӯзиши газҳои аз сӯхтани маводҳои serizamini таркиби газҳои хориҷшаванда метан, бутан, гидрогени озод ва гидросулфур хеле зиёд мебошанд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки номгӯи маҳсулоти тавлидшаванда дар мамлакат зиёд гардида, ҳамчунон масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ,

---

[50] Маҷаллаи илмии-ҷумҳуриявӣ «Фонус» №1 (11),Бунёди фарҳанги байналмилалӣ. Душанбе. 2013 саҳ 24-27

[51] Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. «Географияи Тоҷикистон» Маориф ва фарҳанг. Душанбе,2 011. саҳ 34-39.

[52] Х.Аброров. Самтҳои истифодаи оқилонаи ангиштсанги кони Фон-Яғноб. Энергетика ва саноат. 2010 №6-7.14-16.

аз ҷумла бекорӣ ҳал карда шавад. Умуман релефи ҷуғрофии Тоҷикистон ҳамчун омили манфӣ дар рушди кишоварзӣ амал карда водор месозад, ки инкишофи минбаъдаи давлатамон дар аоси пешрафти соҳаҳои саноат ва тараққиёти илм таъмин карда шавад. Дар ҳудуди ноҳияи Рашт кони ангишти Назарайлоқ бо сифати баланди худ ҳамчун антрасид дар ҷаҳон машҳур мебошад. Захираи геологии кон 400 млн тоннаро ташкил медиҳад. Сифати онро мутахасисон бо кони ангишти беҳтарини ҷаҳонӣ Ха-Ту-и Ветнам дар як радиф мондаанд. Кони ангишти Назарайлоқ аҳамияти стратегӣ дошта, онро ҳамчун ашёи технологӣ дар соҳаи саноат васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Манбаи дигари табиӣ, ки рушди босуботу босуръати Тоҷикистонро таъмин мекунад, боиси афзоиши нерӯи содиротии он мегардад, истифодаи оқилонаи комплексии захираҳои обӣ мебошад. Вақти он расида аст, ки бо ин неъмати табиӣ ватанамон аз нигоҳи иқтисодӣ баҳо диҳем. Тараққиёти саноати ҷаҳон ва афзоиши босуръати аҳолӣ масъалаи бо оби ошомиданӣ таъмин намуданро ба миён овардааст. Дигар давлатҳо захираҳои табииашонро (нефт, газ, ҷангал ва ғайра) ҳамчун мол ба бозори ҷаҳонӣ содир карда, аз ин ҳисоб бурди зиёди иқтисодӣ ба даст меоранд. Мо низ бояд обро бо ин мақсад истифода намоем ва ба давлатҳои эҳтиёҷманд хусусан ба давлатҳои халиҷи Форс бо қубурҳо монанди нафту газ оби ошомиданӣ фурӯшем (содирот намоем).

Самти муҳими истифодаи оби дарёҳои Тоҷикистон ин истеҳсоли қувваи барқ мебошад Рушди соҳаҳои иқтисодӣ миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи зисту зиндагонии аҳолӣ бидуни мавҷудияти барқи фаровон ва арзон ғайри имкон аст. Маблағгузории дохилӣ ва хориҷӣ ба иқтисодиёти ҳар як мамлакат дар ҳолате самараи дилхоҳ медиҳад, ки агар корхонаҳои бунёдшаванда самаранок фаъолият кунанд ва бо эдеҳи баланди ин маблағҳоро таъмин намоянд. Норасогии барқ ва ё тибқи меъёр истифодабарии он наметавонад фаъолияти босамару фоиданокии корхонаҳоро бо қувваи барқ таъмин кунад. Ба андешаи мо ҳар як мамлакат дар истифодаи захираҳои худ комилҳуқуқ аст. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон лоиҳаҳои ҷолиби инвеститсиониро дар соҳаи энергетикаи обӣ пешниҳод карда истодааст, ки бо истифодаи обҳои дохилиаш ва баъдтар бо обҳои сарҳадгузар асос ёфтаанд. Асосноксозии техникию иқтисодии ин лоиҳаҳо бояд саривақт анҷом дода шаванд ва онҳо дастраси маблағгузориҳои доимиро соҳиб бошанд. Дар оғози мақола қайд гардид, ки релефи ҷуғрофии Тоҷикистон мураккаб мебошад ва ин ҳолат метавонад ба тадбиқи амалии лоиҳаҳои энергетикӣ таъсири манфӣ расонад. Хусусан, сатҳи пасти инкишофи коммуникатсияҳои нақлиётӣ омили боздоранда дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи лоиҳаи бузурги инфрасохторӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби манбаҳои маблағгузории дохилию хориҷӣ имкон медиҳад, ки дар солҳои наздик муаммоҳои коммуника-тсияи нақлиётӣ дар мамлакат ҳал карда шуда истодааст. Имрӯз давлати мо қариб, ки пурра аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо ёфта истодааст.

Сохтмони нақбҳо, пулҳо, роҳҳои автомобилгарди замонавӣ, роҳҳои оҳан далели ин гуфтаҳост. Бунёди зерсохторҳои муосир имкон медиҳанд, ки тибқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ - комплекси сӯзишворию энергетикии мамлакат арзон гарданд. Ин ҳолат қобилияти онҳоро барои маблағгузорони дохилию хориҷӣ бештар мегардонад. Дар ҷаҳони имрӯза, ки бо буҳрони шадиди экологӣ дучор шудааст, тадбиқи лоиҳаҳои энергетики Тоҷикистон аз лиҳози экологӣ низ ҷолиб мебошанд, зеро онҳо бо муҳити зисти одамон таъсири манфӣ намерасонанд. Самти дигари истифодаи захираҳои табиӣ

ҳамчун омили мусоидаткунанда бо рушд, инкишофи босуръати истеҳсоли ҷавоҳирот мебошад.

Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди минбаъда ва ояндаи коркарди сарватҳои табиӣ Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.06.2016 сол №1321; 04.07.2016 сол №1322)

**Моддаи дуюм:** Мабалғгузорӣ ба коркард ва истифодаи сарватҳои табии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, дар соли 2016
6146 681 млн сомонӣ ҷудо шуда буд. Аз инҳо:

- хоҷагии манзилию коммуналӣ, экология ва хоҷагии ҷангал - 661830 сомонӣ;
- комплекси сӯзишвори энергетикӣ – 4069007 сомонӣ;
- кумитаи заминсозӣ ва хоҷагии об - 430204 сомонӣ;
-коркард ва истифодаи қаъри замин, саноати вазнин - 121156 сомонӣ;
- нақлиёт ва коммуникатсия - 864484 сомонӣ;

Дар Тоҷикистон қариб тамоми заминаҳо барои инкишофи ин соҳа мавҷуд мебошад.

Мавҷудияти конҳо ва истеҳсоли металҳои қиматбаҳо тилло ва нуқра ва сангҳои қиматбаҳо. Омили дигари инкишфои соҳаи мазкур фарвонии қувваи корӣ мебошад. Давлат метавонад бо таъмини шароитҳои хуб (имтиёзҳо дар воридоти мошинҳо ва дастгоҳои соҳавӣ, содироти маҳсулоти соҳа, имтиёзҳои андозӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва ғайра) ба инкишофи ин соҳа мусоидат намояд. Истеҳоли ҷавоҳирот соҳаи меҳнатталаб ба ҳисоб рафта, боиси афзоиши ҷойҳои нави корӣ мегардад. Умуман дар таъмини рушди минбаъдаи Тоҷикистон нақши сарватҳои табиӣ ниҳоят бузург ва умедбахш мебошад.

**Калидвожаҳо:** конҳо, сарватҳои табиӣ, иқтисодиёт, ҳифзи муҳити зист, захираҳои обӣ.

**Адабиёт:**


1. Конференсияи илмӣ-амалӣ-ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Рушди иқтисодии Тоҷикистон ҳамчун омили баландшавии некӯаҳволии аҳолӣ». ДМТ.Душанбе,09.12.2015, саҳ 122-125.
2. Баротов Р.Б. «Каменное чудо» Таджикистана. Душанбе, Ирфон,1988.
3. Маҷаллаи илмӣ-ҷумҳуриявии «Фонус», №1 (11). Бунёди фарҳанги байналмилалӣ. Душанбе, 2013 саҳ. 24-27.
4. Муҳаббатов Х.М., Раҳимов М.Р. «Географияи Тоҷикистон». Маориф ва фарҳанг. Душанбе, 2011. Саҳ. 34-39.
5. Аброров Х. Самтҳои истифодаи оқилонаи ангиштсанги кони Фон-Яғноб. Энергетика ва саноат. 2010. №6-7.14-16

**ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Абдулов Д., Сафаров А.**

Муаллиф дар мақолаи илмӣ доир ба самти истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ, пардохти андоз ва дигар намуди амалиётҳоро нишон дода, дар мақолаи худ бо самтҳои афзалиятноки ҳифзи муҳити зист ва чорабиниҳои онро ба инобат гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** конҳо, сарватҳои табиӣ, иқтисодиёт, ҳифзи муҳити зист, захираҳои обӣ.

**EFFECTIVE UTILIZATION OF NATURAL RESOURCES AS THE FACTOR OF ECONOMIC DEVELOPMENT IN REPUBLICS TAJIKISTAN**

**Abdulov D., Safarov A.**

Author of scientific papers on the proper use of natural resources, taxes and other forms of action is shown in the article with excellent field of environmental protection and the measures taken in vnimanie.

**Kaywords**: mines, natural resources, the economy, environmental protection. irrigation resources.

## НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ТУРИЗМ ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

**Талбаков Л.Қ. ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Солҳои охир дар аксари кишварҳои дунё туризм ба яке аз соҳаҳои сердаромад табдил ёфтааст. Тибқи маълумоти СММ, сайёҳӣ дар бархе давлатҳо аз ҷиҳати даромаднокӣ дар соҳаҳои мошинсозӣ, кимиё ва энергетикаро кайҳо гузаштааст. Ҳамчунин тибқи иттилои Созмони ҷаҳонии «Сибак», имрӯз дар сартосари дунё бахши сайёҳӣ 7%-и сармоягузориҳоро ташкил дода, аз ҷиҳати даромад баъди фурӯши нафт меистад. Масалан, ба шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб соли гузашта 75 миллион сайёҳ ворид шудааст ва даромад аз туризм дар он кишвар 35%-и даромади умумии давлатро ташкил медиҳад.

Ба Қирғизистони ҳамсоя, ки сарзаминаш аз бисёр ҷиҳат ба Тоҷикистон монанд аст, тибқи гузориши шабакаи телевизионии «МИР-24», соли гузашта 3 миллион сайёҳ ворид шуда, ба буҷаи он 218 миллион доллар фоида ворид шудааст.

Ҳамин тавр, вобаста ба имкониятҳое, ки Тоҷикистон дорад, агар соҳаи сайёҳӣ дуруст ба роҳ монда шавад, аз ин соҳа манфиати бештар гирифтан имконпазир аст, зеро Тоҷикистон дорои сарватҳои нодир ва фарогири ёдгориҳои арзишманди таърихӣ аст. «Тахти сангин», «Қалъаи Ҳисор», «Чилдухтарон», «Саразм» ва ғайра, ки имрӯз чун ёдгориҳои таърихӣ дар сатҳи байналмилалӣ шинохта мешаванд, аз зумраи онҳо мебошанд.

Ҳамчунин, кӯҳҳои сарбафалак кашидаи Бадахшон, ба вижа қуллаи Исмоили Сомонӣ ва обҳои шифобахшу мавзеҳои фароғатӣ, аз ҷумла «Искандаркӯл»-и ноҳияи Айнӣ ва монанди инҳо.

Номукаммалии асосии барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар он аст, ки мутахассисони соҳа бе назардошти талаботи бозори соҳаи туризм омода карда мешаванд ва ба онҳо ҳатто як забони хориҷӣ мукаммал омӯзонида намешавад. Аз ҷадвалҳои дарсии онҳо аён мегардад, ки соатҳои омӯзиши забони хориҷӣ ва дарсҳои амалӣ каманд. Ин ҳолат барои бо таври зарурӣ аз худ кардани фан мусоидат карда наметавонад. Ба ғайр аз Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон аз ҷониби дигар муассисаҳои таълимӣ ягон ташаббусе баҳри сайқал додани дониши толибилмон ба назар намерасад.

Аз ин лиҳоз, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки омодасозии кадрҳои соҳаи туризмро бо назардошти талаботи бозори меҳнат ба роҳ монда, бештар ба масъалаи норасоии мутахассисони техникии соҳаи туризм, аз ҷумла роҳбалад, роҳбалад - тарҷумон ва ғайра таваҷҷӯҳ намояд. Шумораи роҳбаладон айни замон, мутаассифона, талаботи рӯзафзуни туристони хориҷиро қонеъ наменамояд.

Фазлиддин Қодиров, декани факултаи туризм ва хадамоти гумрукии Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, дар ин хусус чунин иброз дошт:

- Аз соли 2006 инҷониб факултаи туризм ва хадамоти гумрукӣ дар Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони баландпоя дар соҳаи туризм фаъолият дорад, ки муассисаи пойгоҳии таҳсилоти олии тахассусӣ дар бахши сайёҳии кишвар ба ҳисоб меравад. Дар донишкада аз рӯйи ихтисосҳои сайёҳат ва меҳмондорӣ, менеҷменти сайёҳати байналмилалӣ, маркетинг дар сайёҳӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи туризм, бо назардошти урфу одат, анъана ва дигар хусусиятҳои миллӣ, ҳамзамон ба эътибор гирифтани стандартҳои байналмилалии соҳаи туризм мутахассисон омода карда мешаванд.

Азбаски туризм хусусияти байналмилалӣ дорад, таълими фарҳанги меҳмондорӣ ва дигар ҷанбаҳои хизматрасонии байналмилалӣ, ҳангоми тайёр кардани кадрҳо ба назар гирифта мешаванд. Аз ҷумла "Иқтисодиёти туризм" "Экотуризми Сари Хосор - муаммо, мушкилот ва дурнамо", "Асосҳои туризм", "Фаъолияти сайёҳӣ", "Менеҷменти туризм", "Технологияи интернет дар сайёҳӣ", "Асосҳои меҳмоннавозӣ", "Саёҳатшиносӣ" имрӯз ба сифати адабиёти таълимӣ истифода мешаванд, ки миқдорашон хеле каманд. На танҳо адади нашри асарҳо кам аст, балки пеш аз ҳама номгӯи чунин асарҳои барои толибилмон муфид бо забони модарӣ ангуштшумор мебошанд. Бештари асарҳоеро, ки дар боло зикр кардем, устодону кормандонн Доншкадаи соҳибкорӣ ва хизмат таълиф намудаанд. Агар номгӯ ва адади нашри чунин асарҳо бо забони ноби тоҷикӣ зиёд карда нашаванд, сифати таълим беҳ намегардад. Дар ин ҷо ҳамкории ҳамаҷонибаи мо бо мутахассисони баландпояи хориҷӣ нақши муҳим мебозад. Танҳо дар натиҷаи чунин ҳамкорӣ, таълиму тадрис бо назардошти стандарти байналмилалӣ сурат гирифта, ба бозори меҳнати кишвар мутахассисони хуби соҳа пешкаш мегарданд.

Ба ҷуз таълифи дастурҳои таълимӣ мо ба таҳияи лоиҳаи ҷумҳуриявии роҳу усулҳои тайёр кардани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ машғулем. Барои таҳияи лоиҳаи мазкур аз буҷаи ҷумҳурӣ маблағ ҷудо гардидааст, ки фаъолияти моро дар ин самт пурқувват месозад.

Ҳамчунин бо ташаббуси донишкада ва Вазорати маориф ва илми кишвар Маркази ҷумҳуриявии таълими методӣ оид ба туризм дар назди донишкада ташкил ёфт, ки он дар омодасозии кадрҳои баландихтисос мусоидат хоҳад кард. Ин марказ аз ҳамаи муассисаҳои таълимии кишвар, ки дорои бахши сайёҳӣ мебошанд, якнафарӣ аъзо

дорад. Вақте ки мо китобҳо ва нақшаи таълимиро тайёр мекунем, он мавриди баррасии коршиносони Маркази ҷумҳуриявии илмӣ - методӣ оид ба туризм қарор мегирад, то стандарти нодурусти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ паҳн нагардад. Забондонӣ дар соҳаи сайёҳӣ вазифаи аввалиндараҷа аст. Дар факултаи мо бештар ба омӯзиши забони русӣ аҳамият дода шудааст, зеро аксари сайёҳоне, ки ба кишвари мо меоянд, аз давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мебошанд, - гуфт Фазлиддин Қодиров ва афзуд, - Донишҷӯёни мо тӯли 4 сол забони англисиро чун мутахассисони соҳаи туризм меомӯзанд ва дар соли охир таҳсил ихтиёр доранд, ки забони олмонӣ ё фаронсавӣ омӯзанд. Инчунин, дар назар аст, ки солҳои наздик омӯзиши забони чинӣ низ ба таври васеъ ба роҳ монда шавад. Зеро Ҷумҳурии Мардумии Чин бо кишвари мо ҳамсарҳад буда, дар оянда аз ин мамлакат сайёҳони зиёд ба ватани мо ворид хоҳанд шуд. Чунин методи таълим, яъне афзалияти бештар додан ба забономӯзӣ, дар ҳама донишгоҳу донишкадаҳо бояд кори аввалиндараҷа бошад. Чунки забондонӣ ва суханварии хуб дар туризм яке аз вазифаҳои аслии кормандон мебошад. Азбаски соҳаи туризм дар кишвари мо падидаи нав аст, ҳоло мушкилиҳо, махсусан дар бахши забономӯзӣ ва таълифи адабиёти ҷаҳонгардӣ зиёданд.

Ҳоло 14 нафар донишҷӯйи донишкада дар ширкатҳои туристӣ таҷрибаомӯзанд. Донишҷӯёни мо дар аксари ширкатҳои туристие, ки ҳоло дар каламрави мамлакат фаъолият доранд, метавонанд таҷрибаомӯзӣ кунанд. Соли сипаригашта аз 14 нафар хатмкунандагони факултаи мо 12 нафарашон дар осоишгоҳи «Баҳористон» ва 2 нафари дигар дар меҳмонхонаи «Ҳайат-Реҷенан» коромӯз мебошанд.

Шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ оид ба туризм тағйирёбанда аст. Теъдод як сол бисёру соли дигар хеле кам мешавад. Масалан, агар соли гузашта факултаи туризм ва хадамоти гумрукиро 47 нафар хатм карда бошад, имсол 34 нафар хатм мекунад. Ҳамчунин дар дигар мактабҳои олии кишвар, ки бахшҳои таълимӣ оид ба туризмро доранд, хатмкунандагон кам ба назар мерасанд.

Донпшгохи миллии Тоҷикистонро наздики 45-50, Донишкадаи санъатро тақрибан 20, Донишкадаи тарбияи ҷисмониро зиёда аз 30, Донишгоҳи омӯзгориро низ тахминан 30 нафар хатм мекунанд, ки дар маҷмӯъ ба ҳисоби миёна ҳамчун мутахассиси соҳаи сайёҳӣ, имсол 150 нафар мактабҳои олии кишварро хатм мекунанд. Ҳол он ки барон ба таври зарурӣ ба роҳ мондани ин дар кишвар, камаш 10 ҳазор мутахассиси баландихтисос ва пуртаҷриба лозим аст.

Ба ақидаи Фазлиддин Қодиров, аксарияти кормандопи осоишгоҳҳо, меҳмонхонаҳо ва дигар муассисаҳои хизматрасонии туристӣ, ки феълан дар кишвар маъруфанд, аз хориҷи кишвар даъват мешаванд. [53]

"Сабаби асосӣ хуб надонистани забон, технологияи нав ва дигар фарқиятҳои тахассусӣ мебошад. Барои бартараф намудани чунин мушкилиҳо, албатта, муаллимоне заруранд, ки таҷрибаи кофӣ доранд ва аз имтиҳони соҳаи туризм гузаштаанд. Агар мо сифати таълим ва омодасозии мутахассисонро беҳтар нагардонем ва кадрҳои даркориро бештар омода насозем, рушди соҳа мушкил мегардад.

Масалан, чанд сол аст, ки ноҳияи Балҷувон минтақаи туризми байналмилалӣ эълон шудааст. Азбаски кормандони таҷрибадор ва таҳсилдида ниҳоят каманд, туризми

[53] Балабанов И.Т.,Балабанов А.И. Экономика туризма: Учеб пособием.ДООЗгод сах.2-119

байналмилалӣ эълон гардидани ин минтақа қариб натиҷае надод. Барои он ки таваҷҷӯҳи сайёҳони хориҷӣ ба кишвари мо бештар гардад, бояд сифати хизматрасонӣ беҳтар ва муҳити туристӣ дар қаламрави кишвар ба вуҷуд ояд. Аз ҷумла, муаррифии расму оин ва дигар анъанаҳои миллӣ лозим аст. Масалан, ҳангоми пухтупази хӯрок анъанаҳои миллии тарзи тайёр кардани онҳо нишон дода шаванд, то ки барои меҳмонон ҷолиб бошанд. Вале ба ҳамаи ин мутахассис ва кормандони таҷрибадор лозиманд.

Омили дигаре, ки метавонад барои беҳтар омода намудани мутахассисон мусоидат кунад, ҳамкории субъектҳои хоҷагидори туристӣ бо муассисаҳои таълимии соҳаи мазкур аст. Яъне пешннҳод намоянд, ки барояшон муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мувофиқи эҳтиёҷи онҳо мутахассис омода созанд. Агар дар кишвар имкониятҳои мавҷудаи табиӣ, фарҳангӣ ва таърихии соҳаи сайёҳӣ хуб истифода шаванд, солона метавонем аз ҳисоби он бештар ба буҷаи давлат даромад ворид созем.

Ҳол он ки барои ташкил ва тараққӣ додани ин соҳа на он қадар сарфи маблағ зарур меояд, ки барои таъсиси корхонаҳо ва бунёди неругоҳҳои барқӣ лозим ст.

«Зоркӯл»-у чашмаҳои гарму ҷӯшони «Тамдикӯл»-и ноҳияи Ҷиргатол, «Чилучорчашма»-и ноҳияи Носири Хусрав, гармчашмаҳои ноҳияҳои Файзобод, Ванҷ, Рӯшон ва садҳо чашмаҳои шифобахшу мавзеъҳои фароғатӣ, ки дар дигар гӯшаву канори кишвар мавҷуданд, фароғатгоҳи рӯйи замин будани Тоҷикистонро баръало собит месозанд. Чунин зебоӣ ва сарватҳои нотакрори сарзамини Тоҷикистон метавонанд омили рушди туризм дар кишвар гардида, ба буҷаи он садҳо миллион доллар ворид созад.

*Дар* хориҷи кишвар низ имрӯз одамоне, ки мехоҳанд сарватҳои нодир ва маконҳои дилрабои кӯҳсори Тоҷикистонро аз наздик тамошо кунанд, зиёданд. Махсусан мавзеҳои таъри*хӣ* ва чашмаҳое, ки умри чандҳазорсола доранд, ё барои муолиҷа мехоҳанд аз чашмаҳо ва обҳои шифобахши диёрамон истифода бубаранд.

Аз дигар паҳлу барои мардуми Аврупо ва кишварҳои дигар сайру сайёҳат дар соҳили баҳру уқёнус ба як чизи муқаррарӣ мубаддал гаштаву ҳоло ба тамошои кӯҳсорони диёри мо майл доранд.

Аммо нарасидани кадрҳои туристӣ имрӯз дар Тоҷикистон садди пешравӣ дар ин соҳаи даромаднок гаштааст. Пас муассисаҳои таълимие, ки ҳоло оид ба тайёр кардани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон фаъолият мебаранд, то куҷо метавонанд мушкилии норасоии кадрҳоро бартараф созанд? Оё шароити таҳсили тодибилмони чунин муассисаҳо дархӯри талаботи бозори меҳнат мебошад?

Абдукарим Қурбонов, мутахассиси соҳаи сайёҳии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин хусус чунин мегӯяд:

«Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди таъсис ёфтани бахшҳои омодасозии кадрҳои соҳаи туризм дар ҳафт макотиби сатҳи олӣ ва миёнаи кишвар, сатҳи дониши хатмкунандагони онҳо ба талаботи бозори соҳавӣ ҷавобгӯй намебошанд. Аксари онҳо бинобар сабаби сатҳи пасти донишҳои касбӣ ва забондонӣ дар бозори меҳнат мавқеи худро ишғол накардаанд». [54]

Хулоса, соҳаи туризм бо ақидаҳои коршиносони Созмони Умумиҷаҳонии Туристӣ ва боназардошти дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин кӯшишҳои

[54] Азар В.И. Туманов С.Ю. Экономика туристского рынка. М. 1998 год саҳ79-84

пайгиронаи масъулини бахши туризми Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвари мо дар ояндаи наздик метавонад ба минтақаи туристии хеле маъмул табдил ёбад. Барои босамар инкишоф ёфтани тиҷорати туристӣ аз ҷониби давлат ба сармоягузории инфрасохтори соҳа, тайёр кардани мутахасисони кордон, омӯхтани таҷрибаи давлатҳои дигар таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад. Саноати туристӣ бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, ки фаъолияти онҳо ба соҳаи туризм алоқаманд мебошад, бозори хизматрасонӣ ва маҳсулотҳои туристӣ бошад таркиби мураккаб дошта, нишондодҳои иқтисодии хосеро, ки танҳо ба он марбут аст, дорост.[55]

**Калидвожаҳо:** туризм, туризми минтақа, мавзеъҳои таърихӣ, роҳбалад, забонҳои хориҷӣ, иқтисодиёт, ҷалби туристҳо.

## РОЛЬ (ЗНАЧЕНИЕ) И ВАЖНОСТЬ ТУРИЗМА В РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

**Талбаков Л.**

Автор попытался показать место и положение сферы туризма в Таджикистане, приводя примеры специалистов этого отрасля.

А также, дал научно-методические рекомендации, пути повышения и подготовки специалистов в вышеуказанной сфере.

**Ключевые слова**: туризм, региональный туризм, исторические местности, проводник, экономика, привлекание туристов.

## ROLE (VALUE) AND IMPORTANCE OF TOURISM IN DEVELOPMENT OF NATIONAL ECONOMY OF TAJIKISTAN

**Talbakov L.**

The author the tourism sphere in Tajikistan resulting examples from experts of it of branch has tried to show a place and position.

And also, has given scientifically-methodical the recommendation of a way increase and preparation experts on the above-stated sphere.

**Keywords:** tourism, regional tourism, historical district, a conductor, economy, attracting tourists.

[55] Абдуалимов А.,Қодирова М.И.-Иқтисодиёти туризм ҶДММ «Комрон+П»,Д-бе,2012саҳ 58-68.

# ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ
# ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

## АСОСҲОИ ҲАЁТӢ ВА ИЛМИИ ПОВЕСТИ ИЛМӢ – ФАНТАСТИКИИ АБДУМАЛИК БАҲОРӢ «УМЕДИ ЯГОНА»

**Содиқов Ёралӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик,**
**ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

*«Илм дар шароити муосир нақши калидӣ дошта, ба рушду тараққиёти давлат мусоидат менамояд. Мутаассифона, дар кишвари мо ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҳанӯз кам буда, бозёфтҳо дар илмҳои дақиқ, техникиву технологӣ назаррас нестанд».*

(Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 22 декабри соли 2016*)*

Дар роҳи иҷрои ин дастури мушаххаси Пешвои миллат адабиёти бадеӣ метавонад ёрирасони ҷиддӣ бошад. Зеро танҳо адабиёт аст, ки бо фарогирии мураккаботи зиндагӣ дар тарбияи инсон, хусусан инсони ҷавон, нақши фаъол бозад. Дар ин ҷабҳа месазад, ки адибони дар роҳи Ватан ҷоннисори мо кӯшишҳо дошта бошанд. Домани андеша дар ин боб фарох аст. Вале диққати мо дар ин мақола ба яке аз соҳаҳои муҳимми адабиёти бадеӣ – фантастикаи илмӣ ва адиби пешсафи ин жанр - Абдумалик Баҳорӣ равона аст.

Абдумалик Баҳорӣ яке аз сермаҳсултарин адибони бачагонаи тоҷик аст. Вай ҳам барои калонсолон ва ҳам барои наврасон асарҳои ҷолиб таълиф намудааст. Роҳи ӯ ба адабиёти бадеӣ аз мақолаҳои рӯзномавӣ сар шуда (ӯ аз соли 1951 дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» кор мекард ва он ҷо аввалин мақолаҳояш чоп шудаанд), дар назм, наср ва драматургия тақвият ёфта, ба камол расидааст. Баъдтар дар эҷодиёти ӯ асарҳои илмӣ – фантастикӣ низ пайдо шуданд. Дар баробари ин, оид ба масъалаҳои танқидӣ - адабии бачагона низ як миқдор мақолаҳои ҷолиб навиштааст.

Солҳое, ки А.Баҳорӣ ба эҷоди асарҳои илмӣ – фантастикӣ машғул гардид, ин жанр ҳанӯз дар адабиёти тоҷик роҳ наёфта буд. Вале дар адабиёти рус ва бисёр халқҳои дигари СССР ба давраи нави инкишоф мерасид. Аввалин ҳикояи фантастикии А. Баҳорӣ «Сандуқи пӯлод» соли 1958 таълиф шуда бошад (1), повести «Умеди Ягона» соли 1989 ба анҷом расида, соли 1991 дар рақами яки маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расид (2). Яъне аз миён зиёда аз 25 сол гузашт ва табиист, ки нависанда дар ин муддат дар эҷоди асарҳои фантастикӣ таҷрибаи фаровон ҳосил карда буд.

Эҷодиёти А. Баҳорӣ, аз ҷумла асарҳои фантастикии ӯ, солҳост, ки мавриди омӯзиши мунаққидон қарор гирифтааст(3), вале повести «Умеди Ягона» то ҳол аз назар дур мондааст (ё мо бехабарем). Ҳикояҳо ва қиссаҳои А. Баҳорӣ масъалаҳои гуногуни илму техника, ҳаёти имрӯза ва оянда, мавқеи инсон дар замин ва кайҳонро дар бар мегирад. Гуногунии мавзӯъҳо ва баёни шавқовар асарҳои адибро барои наврасон ва ҷавонон шавқовар ва хонданбоб кардаанд. Ҷолиб аст, ки худи нависанда ҳам гоҳ – гоҳ доир ба хусусиятҳои жанрии фантастика фикру мулоҳизаҳо баён мекунад. Ин фикру мулоҳизаҳои назарӣ ва амалии ӯ дар омӯхтани эҷодиёташ мададрасони муҳаққиқон хоҳад шуд. Масалан, дар мақолаи «Талаботи мухлисон» чунин навиштааст:

«Фантастикаи тоҷик аз сарчашмаҳои безавол бархӯрдор аст. Эҷодиёти даҳанакии халқ ва адабиёти классикии мо аз унсурҳои фантастика ғанианд. Ғайр аз ин инқилоби илмию техникӣ, кашфиёти нодири таркиби атом ва ҳуҷайраи зинда, асрори коиноти беаввалу охир, проблемаҳои муҳимми иҷтимоӣ ва мадании замони мо ба санъаткор майдони фарохи амалиёту мавзӯъ мекушоянд, ба эҷоди асарҳои баландғояву дилошӯб имконият фароҳам меоваранд»(4).

Ҳамон замон аз маҷаллаи «Садои Шарқ» қиссаи «Умеди Ягона» -ро хонда, дар бораи мундариҷаи умумӣ ва ғояи асосии повест дар конференсияи ҳамонсола маърӯзаи кӯтоҳе кардам. Ин мақола, ки ба мутолиаи шумо пешниҳод мешавад, дар асоси ҳамон маърӯза таълиф ёфтааст.

Қиссаи нави адиби номдор ҳосили дигаргуниҳои нимаи дуюми солҳои 80 –уми асри гузашта аст. Ин қисса дар он рӯзҳо як асари хеле ҷасурона, зарурӣ ва мувофиқи матлаб буд. Ба назари ман чунин менамуд, ки А. Баҳорӣ бисёр қолабҳои устувор ва шахшудаи адабиро шикастааст.

Бояд таъкид намоем, ки эҷодиёти устод Абдулҳай Қаландар тайи 25-30 соли охир диққати аҳли нақдро ба худ ҷалб намудааст. Доир ба хусусиятҳои ғоявию бадеӣ ва тозанигории ин шоири шинохта адабиётшиносони маъруф, аз ҷумла профессор Атахон Сайфуллоев, шоири тавоно ва олими шинохта Муҳаммад Алии Аҷамӣ, Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб, профессор Искандар Икромов, дотсент Ёралӣ Содиқов мақолаву фикрҳои арзишманде баён намудаанд. Хусусан, дотсент Шоҳвалӣ Сайидҷаъфаров доир ба вижагиҳои шеъри Абдулҳай Қаландар рисолаи илмӣ таҳти унвони «Тафаккур ва тахайюл» ба анҷом расонидаанд, ки паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти шоирро аз назари таҳлили илмӣ гузаронида, манзури хонандагон гардонидааст.

Мо дар мақолаи худ дар бораи ду достони шоир: «Илму одам» ва «Парчами ваҳдат» мулоҳизаҳои шогирдонаи худро иброз медорем.

Ба назари мо, достонҳои номбурдаи Абдулҳай Қаландар сиёсӣ-публитсистӣ мебошанд. Дар ин достонҳо ба воқеъаву ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри гузашта аз назари сиёсиву таърихӣ ва публитсистӣ, иҷтимоӣ баҳо дода шудааст. Аз ин рӯ, достони «Илму одам» аз се пора иборат аст. Дар қисми аввал, ки «Бунёди илм» номгузорӣ шудааст, шоир кӯшиш ба харҷ дода, ки мавқеи бунёди илмро дар таърихи мардуми фарҳангсолори тоҷик нишон диҳанд. Маҳз илм ва фарҳанги воло боис гардид, ки дар ҳама давру замонҳо фарзандони ҷоннисори халқ рисолати азалии худро иҷро намудаанд. Чунончӣ;

Илми олам пеш аз одам будааст,
Одамӣ як ҷузъи олам будааст. (1, 118)

Шоир ба таъкид тасвир намуда, ки аз қадим дар байни аҳли илму нотавонбинон зиддияти ҷиддӣ буд. Агар баъзе аз аҳли илму адаб баҳри ободию пешравии ҷомеа хизмат карда бошанд, баъзеи дигар ба фишору нокомиҳои сахт рӯбарӯ мешуданд. Мулоҳиза фармоед:

Родмарде кошифи дунё бишуд,
Нотавонбин душмани эҳё бишуд.
Илму дониш дошта Нӯшервон,
Номи ӯ машҳур Одил дар ҷаҳон.
Рӯдакӣ бо сеҳру эъҷози сухан,
Навҷавонӣ дод дунёи куҳан.
«Шоҳнома» дафтари аъмоли мост,
Сарнавишти талху шарҳи ҳоли мост.(3,17)

Дар қисми дуюм, ки «Ҷаҳолат» номгузорӣ шудааст, шоир бо андӯҳи гарон менависад, ки бо васвосаи шайтонӣ ҷаҳлу нодонӣ боло гирифта, ин халқи соҳибтамаддун аз гиребони якдигар мегирифтагӣ шуданд ва модарону хоҳарон, бародарон хун мегиристанд:

Як замоне ҷаҳлу кин боло гирифт,
Дар дили як зумра шайтон ҷо гирифт…
Хост халқ аз асли худ ғофил шавад,
Рустаму Суҳроби ӯ ботил шавад.
Тоҷики ман рехт хуни якдигар,
Модари бечора шуд хуни ҷигар.
Бо ғаму дарди писар дилхун падар,
Хоки олам мезадо ҳар дам ба сар.
Модаре мекард чун фарёду оҳ,
Деви шуми ҷанг мезад қоҳ-қоҳ!...(120)

Шоири некбин рӯҳафтода нашуда, «Ҳамчу Хуршед аз паси абри сиёҳ, Ҷилвагар шуд Сарвару ворисиi мо»- гуфта, ҳамчун паёми сулҳу ваҳдат ба сари қудрат омадани фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмонро, ки рамзи ғалабаи илму хирад бар ҷаҳолату торикӣ буд, бо як рӯҳбаландии ватандӯстона чунин сароидааст:

Такя бар халқи бафарҳангаш намуд,
Бар хирад бар ҳикмату пандаш намуд.
Чун Суруди миллӣ азбар карда шуд,
Аҳриман шармандаю бепарда шуд.
Аз қудуми Пешвои ҷоннисор,
Ҷанг шуд мағлубу Ваҳдат пойдор.

«Парчами Ваҳдат» аз қисматҳои «Тоҷикам», «Тоҷикистон», «Роҳгумӣ», «Тоҷи давлат» иборат аст. Дар пораи аввал шоир бо як ҳиссиёти ба худ хос ва самимият бо лафзу маъниҳои пухта аҳамияти амалии Ваҳдатро гӯшзад намудааст.

Роҳи дилҳо шоҳроҳи Ваҳдат аст,
Кӯлворам бори нанги миллат аст.

Хеле қадима ва дар арсаи таърихи башарӣ маълуму машҳур будани миллати худ-тоҷикро, ки тоҷи Каёнӣ бар сар дорад,

Тоҷикам, Тоҷи Каёнӣ бар сарам,
Миллате машҳур дар баҳру барам,

таъкид намуда, сонӣ басе хоксоронаю маънидорона оид ба хислатҳои ибратбахш ва инсондӯстона доштаи гузаштагони маърифатпарвари худ сухан меронад. Ин маврид Абдулҳай Қаландар алайҳи баъзе ҳамқаламонаш, ки вақти ба қалам овардани чунин як мавзӯъ ба тафохуроти дилгиркунанда ва ситоиши аз ҳад зиёд роҳ медиҳанд, басе хоксорона ва пайгирона хусусиятҳои дар тӯли асрҳо ба ранги ибратбахш ба шакл даромадаи халқашро равшан ба қалам медиҳад. Тадқиқи шоиронаи хислатҳои ибратомӯзонаи гузаштаю ҳозираи халқи азизаш ба ранге сурат гирифтааст, ки хонандаи ҳар халқу миллат аз мутолиаи он маъниҳо бардошта, ба фикрҳои ба риштаи назм даровардаи шоир розӣ мешавад.

Воқеъан ҳам хусусиятҳои шоистаеро, ки мардуми тоҷик аз қаъри таърих аз ниёгон қабул кардаанд ва ифодаҳои гуфтори нек, кирдори нек ва пиндори нек маълуму машҳур мебошанд, ба ҳамагон чун оина равшан мебошад. Чунин як ҳақиқати таърихиро набояд инкор кард. Ба ин тариқа:

Некгуфтору накӯпиндор ман,
Бо дили бедор хушрафтор ман.
Ман накарда бад ба кас андар ҷаҳон,
Ҳар чӣ бад омад, ба худ кардам ҳамон.
Субҳи содиқ аз сафоям равшан аст,
Донишу фазлам ба тан чун ҷавшан аст.

Абдулҳай Қаландар дар қисми дуюми асар бо унвони «Тоҷикистон» аз он ифтихор менамояд, ки кишвари азизаш аз нав эҳё шудааст. Соҳиби он тоҷу тахте гардида, ки дар замони Сомониён гашта буд. Дар маркази шаҳри Душанбе бо тоҷи заррин баланд қомат афрохтани Шоҳ Исмоил қомати тоҷиконро дубора баланд намуд. Бо вуҷуди ин болидан ва сарфарозиҳои муаллиф дар ин пораи он беинтиҳост. Чаро наболад, ки чун Зарафшони зарфишон, Хуҷанд ва Темурмалик, Суғду Бадахшон, Файзободу Рашт, водии Шумон, Вахшонзамину Кӯлоби бостон сарзамине дорад, ки бо зарфишониву лаъли серборашон, заминҳои неъматофарину боғоти сарсабз, тиллои сафеду оби зулол ва нону намакаш олами мутамаддинро ба ҳайрат гузоштааст. Ин ҳама васфи бойигариҳои табииву моддӣ нотамом менамояд, агар мо дар ҳамин қисмат он суханони ибтикорӣ ва дилнишинро баёд наоварем, ки шоир дар давоми достон нисбат ба қаҳрамонҳо, аҳли санъату маданият, адабиёту фалсафа, неруи бемислу монанди онҳо эҷод кардааст. Хушбахтона, мехоҳам барои хонандаи муҳтарам ба такрор бигӯям: Абдулҳай Қаландар он сифатҳои нотакрори фарзандони бузурги халқашро шоирона эҷод кардааст:

Худ ба худ меболам аз ҳар кори нек,
Аз ҷавонмардии он Темурмалик.
Устод Аккашариф- марди ҳунар,
Буд чун хуршеди маънӣ дар назар.
Мисли Турсунзода мардеро кӣ дид?
Аз ниҳоду зоҳираш гул гул бичид!

Қисмати фуроварди пораи мазкур бо ҳамон суханҳое хотима меёбад, ки аз табиати худододи худи адиб сар мезанад. Яъне бо суханҳои ҳикматноку носеҳонае, ки дар хотираҳо накш мебандад:

Тоҷикистонам, чу як узви ҷаҳон,
Хонаи умеди кулли тоҷикон.
Ростӣ аз роҳҳот омӯхтам,
З-ишқи ту як машъала афрӯхтам…
Ҳафт бурҷат бод умре гулбасар,
Ҳамчу фарзандони неки як падар.(4,14)

Шоир ба таассуф дар пораи «Раҳгумӣ» он давраҳоеро ба ёд меорад, ки ин халқи бонангу номуси ӯ ба фиреби макри аҳриманӣ афтоду ба сари бародари худ теғ кашид:

Сад ҷавонмарде бишуд гул-гулкафан,
Дигаре бехонумон андар Ватан…

Ҳайф буд дар коми гирдоби бало,
Халқи ман, гардӣ ту аз дигар фано.

Қисми анҷоми асар «Тоҷи давлат» номгузорӣ шуда, дар он сухан дар бораи Иҷлосияи тақдирсоз меравад, ки пояи устувор гардид ба муваффақиятҳои минбаъдаи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон:

Дар Хуҷанд истора- Бахти мо шукуфт,
Халқ бар сар тоҷи давлатро нуҳуфт.
Баргузор иҷлосия шуд бо сипос,
Буд иҷлосияи тақдирсоз.(4,151)

Дарвоқеъ, тақдир дар ҳамин иҷлосия ба халқи бузурги тоҷик шахсеро эҳдо намуд, ки бо ҷуръати ҷавонмардона ва ҷоннисорона дар мамлакат Сулҳу оштӣ ва Ваҳдату ягонагиро таъмин ва тавсиа намуд. Ин абармарди сиёсат Эмомалӣ Раҳмон буд, ки баъдтар халқҳои кишвараш ӯро бо унвонҳои олии Қаҳрамони Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат муфтахир гардониданд.

Ҳамин тариқ, достонҳои «Илму одам» ва «Парчами Ваҳдат»-и Абдулҳай Қаландар бо хусусиятҳои ғоявию бадеии худ бозёфти ҳунарии шоир маҳсуб меёбанд. Ҳар як байту мисраъ мамлуъ аз ғояҳои ватандӯстона, ваҳдатгаро буда, бо бадеият ва навпардозиҳо аз якдигар фарқ менамоянд:

Ҳамчу Хуршед аз паси абри сиёҳ,
Шуд намоён нурафзо- Пешво.
Зери парчам ӯ ба ин Модар-Ватан,
Хурда савганде ба нақди ҷону тан.(4,152)

Муҳтавою мазмун, тарзи ифодаи фикр ва санъати шоиронаи тасвир дар асарҳои номбурда ба он далолат мекунанд, ки шоири ҳаётдида ранҷи зиёде кашидааст, то ганҷи маънӣ ба даст дарорад. Ва осори дилписанди ӯ, аз ҷумла достонҳои мазкур ба

истиқболи 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва 20-солагии Ваҳдати миллӣ дастовези муносиб ба ҳисоб меравад.

**Калидвожаҳо:** ваҳдатгаро, фарҳангсолор, рисолати азалӣ, эъҷози сухан, илму хирад, Парчами ваҳдат, некгуфтор, некрафтор, некпиндор.

**Адабиёт:**

1. Адибони Тоҷикистон. Душанбе, «Адиб» - 2014, саҳ.267.
2. Абдулҳай Қаландар. Тоҷик ва тоҷи офтоб. Душанбе, «Адиб», 2013.саҳ. 167.
3. Абдулҳай Қаландар. Роҳи дилҳо. Душанбе. «Адиб», 2011-2012.

«Адиб», 2014, са 117.

4. Сайидҷаъфаров Ш. Тафаккур ва тахайюл. Душанбе, «Шарқи озод», 2005, саҳ. 97.

**ИДЕЙНО- ХУДОЖЕСТВЕННОЙ АНАЛИЗ ПОЭМЫ АБДУЛХАЯ КАЛАНДАРА «НАУКА И ЧЕЛОВЕК» И «ЗНАМЯ ЕДИНСТВО»**

**Касимова З.**

В данной статье анализируются поэмы А.Каландара «Наука и человека»и «Знамя единство» с идейно-художественной точки зрения. Подчеркивается, что победа ума и знания над невежеством, послание единства таджикскому народу составляют основную тему и идею произведений современного поэта.

**Ключевые слова:** желатель единство, культурный, вечная миссия, чудо слов, наука и мудрость, знамя единство, благословенный, благожелательный, добродушный.

**IDEOLOGICALLY - ART THE ANALYSIS OF POEM ABDULHAI KALANDAR «THE SCIENCE AND THE PERSON» AND «THE BANNER UNITY»**

**Kasimova Z.**

In given article A.Kalandara's poems «The Science and the person» and «The Banner unity» from the ideologically-art point of view are analyzed. The victory of mind and knowledge over ignorance is underlined, that, the unity message to the Tajik people make the basic theme and idea of products of the modern poet.

**Keywords:** wishing unity, cultural, eternal mission, a miracle of words, a science and wisdom, a banner unity, blest, benevolent, good-natured.

## ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКОЕ ЗНАЧЕНИЕ В СОПОСТАВЛЕНИИ С ЛЕКСИЧЕСКИМ

**Сайдамирова К. Дж. ст. преподаватель кафедры современного русского языка, КГУ им. Абуабдуллох Рудаки**

Фразеологизмы любого языка имеют особое, специфическое значение, которые обычно называют фразеологическим. Это значение является обобщенно- целостным, хотя степень целостности может быть различной. При этом, чем больше компоненты фразеологизма, и наоборот. Эта закономерность не знает отклонений.

При определении специфики фразеологического значения следует прежде всего опираться на те элементы языковой структуры, которые непосредственно участвуют в реализации значения фразеологизма.

Важную функцию в этом отношении выполняют компоненты фразеологизма, поскольку фразеологическое значение имеет компонентную основу, а в отдельных случаях общее значение фразеологизма вытекает из ослабленного значения его компонентов.

Степень участия компонентов в образовании целостного значения фразеологизма определяется способностью фразеологической единицы противопоставляться эквивалентному свободному словосочетанию. Если фразеологизм при наложении на свободное словосочетание дает на его фоне метафорический эффект, то доля участия каждого компонента в создании в смыслового целого приблизительно одинаковая, а весь фразеологизм обладает в таком случае целостным мотивированным значением (ср.: *выносить, сор из избы, гонять собак, гоняться за двумя зайцами, греть руки* (на чем)*лежать на печи* и т.д.).[62] Напротив, если фразеологизм с точки зрения современного языкового восприятия не налагается на свободное словосочетание ввиду невозможности его образовать, а в общее значение фразеологической единицы оказывается мотивированным, то значение фразеологизма становится частично целостным (ср.: *на скорую руку, находить общий язык* и т.д.). В этом случае отдельные компоненты обнаруживают семантическое тяготение, смысловую соотнесенность (но не тождество!) с однозвучными словами свободного употребления.

В отличие от фразеологического значения словесное (лексическое) значение определяется морфемами. Следует подчеркнуть, что доля участья разных морфем в образовании лексического значение слова неодинаковая. Основную семантическую нагрузку в слове выполняет корневая морфема (корень), значительно меньшую смысл указательную роль играют словообразовательные аффиксы, в формообразующие аффиксы и окончание являются носителями категориального (лексическо-грамматического) и грамматического значения.

Такая специализации морфем часто обнаруживается при толковании смысла слова. Например, слова *смятенность* означает «свойство и состояние смятенного». Слова- идентификаторы «свойство и состояние» известным образом замещают отвлеченный суффикс- *ость* и указывают на наличие в смысловой структуре толкуемого слова лексико- грамматического значения предметности, тогда как слово *смятенный* отражает понятийное содержание, заключенное в корневой морфеме *смятен*.

Таким образом, морфемы в структуре слова отличаются значительно большей специализацией, чем компоненты фразеологизма. Так, у аппликатируемых (налагаемых) фразеологизмов с целостным значением типа *брать быка за рога*все знаменательные компоненты принципиально равноправны, чего нельзя сказать о простом производном слове, где смыслообразующая функция всегда принадлежит корневой морфеме.

К сказанному можно добавить, что количество морфем в русском языке определенным образом ограниченно. Например, в «Школьном словообразовательным словаре» З.А. Потихи приводится более или менее исчерпывающий перечень приставок и суффиксов современного русского языка. Количество корней в русском языке может быть также исчислено. По этому поводу отечественный лингвист А.

---

[62]Шанский Н. М. Фразеология современного русского языка. М., 1969.

Будилович писал следующее: «Каких-нибудь 500-600 корневых звукосочетаний, комбинированных между собой на разные лады и усиленных сотнями двумя то простых, то сложных аффиксов, оказываются достаточным для словесного выражения бесконечного множества предметов и феноменов, при всевозможных формах их взаимодействия и соотношений». Компоненты фразеологизма, в отличие от морфем слова, значительно труднее поддаются количественной оценке.[63]

Факторы, определяющие роль и место морфем или компонентов в смысловой структуре слова или фразеологизма, связанны с особенностями мотивировки фразеологизма и слова. Значение большинство фразеологизмов не обусловлено ни значением его отдельных компонентов (так как они лишены семантической самостоятельности), ни тем более значением тех слов свободного употребления, которые входят в переменное словосочетание такого же лексического состава(ср.: *доярка от доить, учитель от учить, конюх от конь* и т.д).

Лишь иногда значение фразеологизма может быть обусловлено значением его компонентов. Такие фразеологизмы не могут быть противопоставлены эквивалентному свободному словосочетанию. По характеру мотивированности подобные фразеологизмы близки к сложным словам, употребляющимся в прямом значении.

От того, какое место занимает компонент или морфема в семантической структуре фразеологизма или слова, во многом зависит «механизм» образования физиологического или лексического значения. Так, фразеологическое значение образуется в результате слияние понятийного содержание с категориальным значением (если оно налицо). Лексическое же значение формируется вследствие органического соединение понятийного содержание со словообразовательным и категориальным значением.

В подавляющей части случаев фразеологическое значение, в отличие от лексического, не осложнено словообразовательным значением, что и составляет существенную особенность фразеологической семантики. Важно при этом отметить, что выделенные признаки лексического значения передаются единой оболочкой слова; выделенные же признаки фразеологического значения могут передаваться по- разному: понятийное содержание передается, как правило, всем устойчивым звуковым комплексом компонентов, если они не являются факультативными; категориальное значение фразеологизма передается грамматически господствующим компонентом (если оно налицо): у глагольных фразеологизмов- глагольными компонентом, у именных- именным и т.д. при невозможности выделить грамматически господствующий компонент категориальное значение фразеологизма устанавливается синтаксически- посинтаксической роли фразеологизма в структуре предложения.

Попутно отметим, что отношения между морфемами внутри слова нельзя приравнивать к внутрикомпонентным отношениям в составе фразеологизма. Дело в том, что словообразовательные и формообразовательные отношения частично пересекаются в области описательных оборотов типа *одержать победу* (= *победить*), которые не относятся к собственно фразеологизмам. В структуре же подлинных фразеологизмов деривационное значение, т.е значение, создаваемое словообразовательными аффиксами, ограничивающее и уточняющее

[63] Сидеренко М. И. О смысловой структуре фразеологизмов.- В сб.:Очерки по русскому языку и истории его развития. Л., 1969.

вещественное значение корня, нейтрализуется, десемантизируется, утрачивается под влиянием целостного значения фразеологической единицы.

**Литература:**


1. Бертагаев Т.А., Замин В. И. О синонимии фразеологических словосочетаний в современном русском языке.-«Русский язык в школе», 1960, №3.
2. Виноградов В. В. Основные типы лексических значений слова.- «Вопросы языкознания», 1953, №5.
3. Жуков В.П. Об управлении при глагольных фразеологизмах русского языка.- «Филологические науки», 1971, №1.
4. Жуков В.П. семантика фразеологических оборотов. М.1978.
5. Кодухов В. И. Контекст как лингвистическое понятие.- В сб.: Языковые единицы и контекст. Л., 1973.
6. Копыльнеко М.М. Сочетаемость лексем в русском языке. М., 1973.
7. Котелова Н. З. Значение слова и его сочетаемость. Л.,Ю 1975.
8. Сидеренко М. И. О смысловой структуре фразеологизмов.- В сб.: Очерки по русскому языку и истории его развития. Л., 1969.
9. Шанский Н. М. Фразеология современного русского языка. М., 1969.


**МАЪНОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР МУҚОИСА БО МАЪНОИ ЛУҒАВӢ**

**Сайдамирова К.Ҷ.**

Мақолаи мазкур ба таҳлил ва муқоисаи маъної фразеологӣ ва маънои луғавӣ бахшида шудааст. Муаллиф дар асоси мисолҳои мушаххас нақши ҷузъҳои фразеологизмҳоро бо маънои луғавии калимаҳои ибораҳои озод муқоиса менамояд.

**Калидвожаҳо:** маънои фразеологӣ, муқоисакунӣ, ҷузъҳои фразеологӣ, ибораҳои озод, маънои луғавӣ, аффиксҳои калимасоз, маънои грамматикӣ.

**PHRASEOLOGICAL VALUE IN COMPARISON TO THE LEXICAL**

**Saidamirova K.J.**

Given article is devoted the analysis and comparison of phraseological and lexical values. The author on the basis of concrete examples considers a role of the components making a phraseological unit, and their comparison with the words which are a part of free word-combinations is spent.

**Keywords**: phraseological value, comparison, components of phraseological units, free word-combinations, lexical value, word-formation affixes, grammatical value.

# ОСОБЕННОСТИ ИЗЪЯСНИТЕЛЬНОЙ ПРИДАТОЧНОЙ ЧАСТИ СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ РУССКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

**Толибова О., ассистент общеуниверситетской кафедры русского языка КГУ имени Абуабдуллох Рудаки**

Исследуя синтаксические особенности сложноподчинённых предложений с придаточной изъяснительной частью в русском и таджикском языках, следует ещё раз констатировать мнение на существующее правило в обоих языках о том, что придаточные предложения, это грамматические конструкции, в которых придаточная часть относятся к одному слову в главном предложении.

Как и все типы сложноподчинённых предложений, СПП с придаточным изъяснительным строится по принципу смысловой и структурной неполноты в главной части, что является необходимым условием наличия придаточной как дополняющего и поясняющего компонента. У синтаксических конструкций этого типа в главной части, как правило, отсутствует один из членов: подлежащие или дополнение. Задача придаточной части – восполнить недостающие элементы, пояснить их, если нужно, распространить.

Придаточное изъяснительное требуется сложному предложению, в главной части которого есть:

1. Глаголы лексико-семантических групп: «восприятие»: ощутить, услышать, почувствовать и др.; «эмоциональное - психологическое состояние»: хотеть, скучать, радоваться, грустить, сожалеть и др.; «говорения»: пояснить, договориться, рассказать, кричать, вопить, говорить и др.; «мыслительный процесс»: считать, понимать, думать и др.; «эмоциональное сообщение»: угрожать, молить, жаловаться.

2. Прилагательные, выполняющие функцию управления и выражающие разные оттенки эмоциональных состояний: счастлив, согласен, виноват.

3.Модально-предикативные единицы: нужно, больно, жаль. В предложении придаточное изъяснительное всегда находится после определяемых слов. Этот критерий является главным ограничением. Место придаточного может быть после главного или же внутри него.

В русском языке придаточные изъяснительные отвечают на вопросы дополнения, то есть на **вопросы косвенных падежей**, а в таджикском языке, где отсутствуют падежные формы имён существительных, придаточные изъяснительные отвечают на вопросы, что?, откуда?, чего?, почему?.

Как в русском и в таджикском языках, придаточные изъяснительные распространяют главное слово в главном, нуждающееся в разъяснении и выраженное **глаголом, существительным, прилагательным, наречием**. Например: *Дети чувствуют, кто их сильно любит. Кӯдакон эҳсос менамоянд, кӣ онҳоро бисёр дӯст медорад.*

В СПП с придаточной изъяснительной частью русского и таджикского языков придаточные изъяснительные могут прикрепляться к главному предложению с помощью союзов:(что, чтобы, как, будто, как будто), союза-частицы ли; союзных слов(кто, что, который, какой, чей, где, куда, откуда, когда, зачем, почему и др.) . Н-р: *Саодат Азизовна, начальник велел, чтобы Вы никуда не уходили. Саодат Азизовна, сардор супориш доданд, ки Шумо ба ҳеҷ куҷо наравед.*

Как видно из данного предложения, в главном предложении могут быть (но не обязательно) указательные слова, выполняющие функцию дополнения.

Другое грамматическое свойство придаточных изъяснительных то, что они обычно стоят после слова, к которому относятся. Однако возможна и их позиция перед главным словом. Н-р: *Началось с того [с чего?], что Рахим отнял у меня ножницы. Ҳамааш аз он шуруъ шуд, ки Раҳим аз дасти ман қайчиро гирифт.*

Союзы, которые присоединяют придаточную часть к главной, помогают выразить некоторые смысловые отношения, возникающие между конструкциями СПП, например: Придаточное изъяснительное с союзом что повествует о фактах, которые реальны и имеют место быть: *Я не ошибся в утверждении, что гроза начнётся не раньше вечера.*

Союз как в СПП относится к тем словам в главном предложении, которые связаны с выражением мыслительных процессов и восприятия: Н-р: *Мы заметили, как из общей массы конников выделился один и поскакал чуть поодаль.Мо мушоҳида намудем, ки чи тавр аз миёни анбуҳи саворaҳо яке ҷудо шуда дуртар аспдавонӣ мекард.*

Придаточное изъяснительное, присоединённое к главному союзами словно, как будто, как бы и др. придают предикативной единице общий оттенок смысловой неуверенности, элемент предположительности того, о чём в нём сообщается: Ему показалось, будто мать им не совсем довольна. Таких дополнительных оттенков, естественно, достаточно много.

Благодаря им, расширяются коммуникативно-информационные рамки сложноподчинённых предложений и увеличивается их общее количество в нашей речи.

В изъяснительных придаточных наиболее разнообразные средства связи (и союзы, и союзные слова), причём некоторые из них (что, как) могут быть как союзами, так и союзными словами.

Поэтому, следует быть особенно внимательным при разграничении союзов и союзных слов для обозначения желательности, возможности, необходимости, оттенка неуверенности, предположительности.

Например: *Саодат просила [о чём?],* ***чтобы*** *ей разрешили ещё раз видеться с матерью. Саодат хоҳиш кард,* ***ки*** *ба ӯ бо як маротиба иҷозати дидани модарашро диҳанд.*

*Издалека был виден свет, будто в доме есть кто-то. Аз дур равшанӣ намудор буд, гӯё касе дар хона ҳаст.*

В таких случаях союзы употребляются в придаточных изъяснительных, то от главного слова задается вопрос косвенного падежа, а само придаточное содержит сообщение, а также отвечая на падежные вопросы поясняют слова главной части сложноподчинённого предложения. Лексическое значение этих слов таково, что они нуждаются в дополнительном разъяснении.

Без придаточного изъяснительного такие предложения были бы неполными, не законченными в смысловом и грамматическом отношении, а в качестве поясняемых выступают слова разных частей речи, обозначающие мысли, чувства, восприятия

человека, его речь. Изъяснительная придаточная часть выполняет в сложноподчиненном предложении ту же роль, что и многие дополнения в простом предложении. Придаточное изъяснительное присоединяется к главной части с помощью союзов и союзных слов.

В отличие от собственно определительных придаточных, которые всегда стоят после того существительного, к которому они относятся, местоименно-определительные придаточные могут стоять и перед определяемым словом, придаточные изъяснительные (дополнительные) относятся к слову (чаще — к сказуемому) со значение речи, мысли, чувства, состояния, которое находится в главной части и нуждается в разъяснении.

Исследование особенностей сложноподчинённых предложений с изъяснительной придаточной частью сложноподчинённых предложений русского и таджикского языков, прежде всего способствует совершенствованию навыков построения и употребления в речи сложноподчиненных предложений с придаточными изъяснительными, продолжению отработки навыков постановки знаков препинания в предложениях таких конструкций.

В связи с этим, при изучении русского и таджикского языках в школах с таджикским языком обучения, следует познакомить учащихся с придаточными изъяснительными предложениями, входящими в состав СПП. В качестве о*бучающих компонентов урока на эту тему следует разработать цикл упражнений с такими заданиями как:* находить придаточные изъяснительные в составе сложноподчинённых предложений; средства их связи с главным; правильно расставлять знаки препинания в СПП с придаточными изъяснительными; составлять схемы сложноподчинённых предложений с указанными придаточными ;различать придаточные определительные и изъяснительные с одинаковыми средствами связи. В этом плане р*азвивающей* целью уроков должна быть совершенствование пунктуационных навыков, практических навыков анализа сложного предложения, навыков грамотного письма; развитие орфографической зоркости, памяти, внимания, аналитического мышления учащихся, их способность систематизировать знания и самостоятельно делать выводы.

В общем, регулярное проведение уроков по грамматике, особенно в сопоставительном плане, воспитывает интерес учащихся к изучению языков.

**Ключевые слова:** синтаксис, особенности, предложение, компонент, лингвистика, придаточная часть, средства связи.

**Литература:**

1. Аксёнова, М. П. Русский язык по-новому: уроки 18-23 Текст.: учеб. пособие: в 3-х ч. / М. П.

2. Белая, Е. И. Сложноподчинённые предложения с собственно-вопросительной связью частей как компонент текста Текст. : дис. . канд. фил. наук / Е. И. Белая. Липецк, 2001. - 167 с.

3. Виноградов, В. В. Основные типы лексических значений слова Текст. / В. В. Виноградов // Вопросы языкознания. 1953. - № 5. - С. 12-26.

4. Исмоилова М.Я. Методика изучения сложноподчинённых предложений (для студентов гуманитарных факультетов), статья /М.Я.Исмаилова //«Наука и инновация. 2014-№3.-С. 162-168.

5. Шанский Н. М. Вопросы лингвистического описания русского языка в учебных целях Текст. / Н. М. Шанский, Е. А. Быстрова // Русский язык в национальной школе. 1984. - № 4. - С. 3-9.

**ХУСУСИЯТҲОИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДАИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБИ ТОБЕЪ ДАР ЗАБОНҲОИ РУСӢ ВА ТОҶИКӢ**

**Толибова О.**

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои ҷумлаи пайрави пуркунандаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ таҳқиқ шудаанд. Ба андешаи муаллиф, дар ҳар ду забон ҷумлаи пайрави пуркунанда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ бар эзоҳи хабари сарҷумла омада, онро пурра мекунад.

**Калидвожаҳо:** навҳ, хусусиятҳо, ҷумла, ҷузъ, забоншиносӣ, ҷумлаи пайрав, воситаҳои пайвастшавӣ.

**THE FEATURE OF THE VERBS OF SUBORDINATE PART OF COMPLEX SENTENCES IN RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES**

**Tolibova O.**

This article analyses the peculiarities of the verbs of subordinate part of complex sentences in Russian and Tajik languages.

According to the author, in both languages that subordinate clauses is the grammatical construction in which the subordinate part is the same word in the main clause.

**Keywords**: syntax, features, offer, component, linguistics, subordinate part, the means of communication.

## МАҚОЛА ҲАМЧУН ЖАНРИ ТАҲЛИЛӢ ДАР МАТБУОТИ МИСР

**Исмоилова Фарзона, ассистенти кафедраи журналистика, ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Мақола яке аз жанрҳои маъмулии таҳлилӣ дар матбуоти Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Дар ин матлаби худ мо мавқеи мақоларо дар матбуоти Ҷумҳурии Арабии Миср мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Дар матбуоти Миср низ ин жанрро мақола ва баъзан онро «модатун» низ мегӯянд. Чун асоси жанри мақола таҳлили ақидае, таҳлили фикре ҳаст, аз ин рӯ, рӯзноманигорон низ кӯшиш мекунанд, ки дар доираи ин жанр оид ба масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавод нависанд.

Дар бораи навъҳои мақола ақидаи муҳаққиқон яксон нест. Профессор И. Усмонов мақоларо ба чор гурӯҳ ҷудо намудааст: «Сармақола, мақолаҳои директивӣ, мақолаҳои пропагандистӣ ва мақолаҳои мубоҳисавӣ»[64]. Муҳаққиқон Саъдуллоев А., ва Гулмуродзода П., мақоларо ба ду навъ: «…мақолаи проблемавӣ ва мақолаи назариявӣ»[65] ҷудо кардаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки аксарияти мақолаҳои матбуоти Миср дар замони инқилоб мақолаҳои проблемавӣ ҳастанд. Дар ин гуна мақолаҳо рӯзноманигорон

[64] Усмонов И. Жанрҳои публитсистӣ.-Душанбе, 2009.- С. 64.
[65] Саъдуллои А., Пайванди Г.-Жанрҳои таҳлилии матбуот.-Душанбе, 1998.- С. 21.

мавзӯъҳои мубрамро таҳлил намуда, хулосаҳои худро мегӯянд. Масалан, дар рӯзномаи «Ал-Ватан» Абду Алмаътӣ мақолае бо сарлавҳаи «Ҷавонони Миср навиштааст, ҳоло вақти ибтидои таърихи нав аст». Дар ин мақола журналист нақши ҷавононро дар пешрафти соҳаҳои гуногуни кишвар, як қувваи бузург будани онҳо баррасӣ намудааст. Барои тақвияти андешаҳои худ рӯзноманигор мисолҳои мушаххас аз рӯзгори ҷавонони Олмон, Ирландия ва дигар кишварҳо овардааст, ки ин ҷавонон рӯзгори сангинеро пушти сар карданд, аммо чун идеяи созандагӣ ва фикри ихтироот доштанд, дар соҳаҳои мухталиф муваффақ шуданд. Пас аз овардани чанд мисол аз рӯзгори ҷавонони ихтироъкори ҷаҳонӣ рӯзноманигор ба зиндагии ҷавонони Миср бармегардад. Рӯзгори онҳо ва шароитҳои мавҷударо барои ҷавонон таҳлил мекунад ва аз онҳо даъват мекунад, ки «Ҳоло вақти муносиб аст барои ҷавонони мисрӣ, барои ихтироот ва барои пешрафт. Зеро дигар касе мутахассис нест дар ин роҳ. Вақте аст, ки ҷавонон ин карахтии 30-соларо аз миён бубаранд…».[66]

Дар мақолаи мазкур мушкили асосӣ аз омӯзишу ихтироот дур мондани ҷавонон, норасоии мутахассисон дар кишвар ва фаъол набудани ҷавонон дар вазифаҳои роҳбарикунанда, ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро ҳамроҳ шуда, даст ба бетартибиҳо задани онҳо аст ва рӯзноманигор кӯшиш кардааст, ки дар ин мавзӯъ мақолаи хубе нависад. Аммо мавзӯи мазкур то ҳадди зарурӣ таҳлил нашудааст, рӯзноманигор бошад, ақидаву фикри худро баён кардааст, вале мисолҳо ва факту далелҳо барои пурра тақвият додани фикр кофӣ нест. «Хусусиятҳои жанри мақола талаб мекунанд, ки проблемаҳои ҳаётӣ амиқтар ва фактҳо ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор гиранд»[67]. Дар мақолаи мазкур низ факту далелҳо то ҳадди лозима таҳлил нашудааст. Аксар коршиносони сиёсӣ бар он назаранд, ки инқилобро нахуст дар ин кишвар ҷавонон шурӯъ кардаанд ва ҳадафи журналист низ аз навиштани ин мақола даъвати ҷавонон ба ободкорӣ ва ихтироъкорист, аммо рӯзноманигор натавонистааст ба ҳадафи худ бирасад.

Пас аз гузаштани ду моҳи инқилоб дар рӯзномаи «Ал-Аҳром» мақолае бо номи «Садои инқилоб» нашр шуд. Бояд гуфт, ки дар баробари муҳтаво, бояд аввалан сарлавҳаи мақола кӯтоҳ ва диққатҷалбкунанда бошад. Аммо чунин номгузорӣ шудани сарлавҳаи мақолаи макзур начандон ҷолиб аст. Зеро дар ин давра қариб дар тамоми сарлавҳаи мақолаву хабарҳо калимаи инқилоб истифода мешуд. Дар ин мақола сабабҳои инқилоб ва омилҳои сар задани он аз ҷониби рӯзноманигорон баррасӣ шудааст. Рӯзноманигор дар аввал таъкид мекунад, ки «ҳарчанд ҳама инқилобҳо ба хотири тағйироти ҷиддӣ дар ҳаёти омма ва системаи сиёсист, аммо аз таърих ба хубӣ медонем, ки на ҳама инқилоб барои мардум истиқлолу озодӣ меорад»[68]. Пас аз овардани ин ҷумлаҳо муаллиф дар бораи нокомиҳои инқилоб, кушташудани шумораи зиёди одамон дар натиҷаи ноороомиҳо, пастравии иқтисодиёт, дар як маҷрои номуайянӣ қарор доштани системаи сиёсӣ сухан гуфта, вазъияти сиёсии кишварашонро ба риштаи таҳлил мекашад. Дар ин мақола ҳар як сухан бо факту далел гуфта шуда, хулосаҳои муаллиф низ воқеию қобили дастгирист. Чунин мақолаҳо доир ба сабабҳову омилҳои сар задани инқилоб ва натиҷаи ноороомиҳо дар ин давра дар матбуот хеле зиёд навишта мешуд ва ҳар журналист вобаста ба фаҳму дарки худ сабабҳои онро мегуфт.

---

[66] Ал-Ватан.2014. 10 феврал.
[67] Саъдуллои А., Пайванди Г. Жанрҳои таҳлилии матбуот.Душанбе, 1998.- С.15.
[68] Ал-Аҳром, 2011.13 март.

«Мушкилии конститутсионӣ»[69] сарлавҳагузорӣ шудааст мақолаи проблемавии рӯзномаи «Ал-Ҷумҳурия». Ин мақола аз аввал то охир фарогири таҳлили ин мавзӯъ буда, рӯзноманигор Муҳаммад Абуҷалла андешаҳои худро дар он бо факту рақам тақвият додааст. Мақола бо чунин ҷумлаҳо оғоз мешавад: «Акнун баҳсҳо дар бораи интихоботи президентӣ оғоз шуд. Тибқи ваъдаҳо бояд ин интихобот пурра қонунӣ гузарад. Аммо сарқонуни навқабулкардаи кишвар ба ин иҷозат намедиҳад. Зеро баъзе бобҳои он хилофи ин ақидаҳост..».[70] Сипас, рӯзноманигор бобҳои алоҳидаи сарқонунро, ки ба интихоботи президентӣ бахшида шудаанд, баррасӣ мекунад: «Тибқи моддаи 142-и сарқонун дар сурати ҷамъ овардани 25 ҳазор имзо аз 15 ноҳия ва ҷонибдорӣ кардани 20 нафар намояндаи Маҷлиси намояндагон шаҳрванд ҳуқуқ дорад номзадиашоро ба президентӣ гузорад». Пас аз он рӯзноманигор ба таҳлили ин боб мегузарад ва менигорад, ки ҳар кадом номзад метавонад бо сарфи маблағи зиёд 25 ҳазор имзоро дар 30-40 рӯз ҷамъ биорад, аммо пас аз дохил шудан ба толори Маҷлиси намояндагон аз 450 вакил танҳо 20 нафарашон ба ҷонибдории ӯ овоз диҳанд, номзадиаш мегузарад. Аммо аз миёни 450 вакил танҳо 20 нафар ин нисфи овозҳо ҳам нест, охир. Бо ҳамин тарз рӯзноманигор ҳар як бобро таҳлил намуда, ҳамчунин аз сарқонуни пештара ва интихоботи президентии ду сол қабл мисолҳои мушаххасро меорад.

Дар мақола таҳлил, факту рақамҳо, мисолҳои мушаххас бамаврид истифода шуда, иқтибос аз сарқонуни қаблӣ ва андешаҳои коршиносон дар ин мавзӯъ фикри рӯзноманигорро тақвият медиҳад. Рӯзноманигор бо маҳорати хоса ин мақолаи проблемавиро навиштааст. Мақолаи проблемавиро муҳаққиқ Усмонов И. мақолаи мубоҳисавӣ ва навъи серистифода гуфта, навиштааст, ки «Дар онҳо перомуни проблемаҳои рӯз сухан меравад, лиҳозо онҳоро бо номи мақолаҳои проблемавӣ низ ёд мекунанд».[71]

Қисми зиёди мақолаҳое, ки дар матбуоти мисрӣ чоп мешаванд мақолаҳои проблемавӣ ҳастанд. Дар рӯзномаи «Ал-Мисрия-ал-явм» мақолаи рӯзноманигор Холид Имом нашр шуд. Дар мақола муаллиф доир ба бархурди намояндагони «Ихвон-ул-муслимин» бо нафароне, ки дар дигар дин ҳастанд, андешаи худро бо овардани мисолҳои мушаххас ва таҳлилу баррасии ин мавзӯъ овардааст. Масалан, рӯзноманигор менависад: «…Онҳо худро мусалмон муаррифӣ мекунанду бар зидди «кофирон» мубориза мебаранд. Рехтани хуни ноҳақ, куштани инсонҳои бегуноҳ, қатлу ғорат, магар ин ҳама мусалмонист!»[72]. Муаллиф барои тақвияти андешаҳои худ аз суханони намояндаи ҳизби «Ҳуррият ва адолат» Ёсир Амин иқтибос оварда, мушкили асосиро дар ҷудо кардани шаҳрвандон ба мусалмону ғайримусалмон мебинад. Дар ин мақола мушкилоти доғи ҷомеа таҳлил ва баррасӣ шудааст. Худи мақола низ ҳамин вазифаро доро аст, яъне таҳлили воқеа ва баррасии мавзӯъ, ҳамчунин пешниҳоди ақида доир ба ин мавзӯъ мебошад. Профессор Муродов М. дуруст гуфтааст, ки «Мақола дар журналистикаи таҳлилӣ аз жанрҳои асосӣ ба шумор меравад. Дар журналистика вай барои таҳлили воқеа, зуҳурот ва ҷараёни муҳиму мухталифи иҷтимоӣ истифода

[69] Ал-Ҷумҳурия, 2014.-11 март.
[70] Ал-Ҷумҳурия, 2014.-11 март.
[71] Усмонов И. Жанрҳои публитсистика.-Душанбе, 2009.- С. 66.
[72] Ал-Мисрия-алявм,2012.-13 декабр.

мешавад».[73]

Мақола миёни жанрҳои таҳлилӣ дар матбуоти Миср мақоми хоса дорад. Дар ин давра мавзӯи аксари мақолаҳо сиёсати кишвар, интихоботи президентӣ, ноорамиҳои майдонҳо ва ба ин монанд буд. Аксарияти мақолаҳо проблемавӣ буда, дар онҳо муҳимтарин мавзӯҳои доғи рӯз баррасӣ мегардид. Андешаи журналист, истифодаи фактҳо ва иқтибосҳо барои тақвияти фикрашон хеле хуб истифода мешуд.

**Калидвожаҳо:** мақола, жанр, матбуот, рӯзноманигор, вазъи сиёсӣ, рӯзнома.

### Адабиёт:

1. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналистика. Қ 2.-Душанбе: Эҷод, 2008.-85 с.
2. Саъдуллои А., Пайванди Г. Жанрҳои таҳлилии матбуот.-Душанбе,1998.60 с.
3. Усмонов И. Жанрҳои публитсистика.-Душанбе, 2009.- 139 с.

### Манбаъ:

1. Ал-Аҳром, 2011. 13 март.
2. Ал-Ватан,2014. 10 феврал.
3. Ал-Мисрия-ал -явм,2012.-13 декабр.
4. Ал-Ҷумҳурия, 2014.-11 март.
5. Ал-Ҷумҳурия, 2014.-11 март.

## СТАТЬЯ КАК АНАЛИТИЧЕСКИЙ ЖАНР В СОВРЕМЕННОЙ ПРЕССЕ ЕГИПТА

**Исмаилова Ф.**

В данной статье рассмотрены использования жанра статья как способ освещение проблем общества. Кроме того, автор исследует виды статьи, которые используются в периодической печати Египта. В статье исследованы те виды статьи, которые больше используются журналистами Египта. Статья является одним из популярных жанров, посредством, которого рассматриваются проблемы общества, важную роль играет этот жанр в периодической печати Египта.

**Ключевые слова:** статья, жанр, пресса, журналист, политические ситуации, газета.

## ARTICLE AS THE ANALYTICAL GENRE IN MODERN EGYPTIAN PRESS

**Ismailova F.**

This article describes the use of the articles of the genre as a way of lightening the pressing problems of society. Also, the author explores the types of paper used in the periodical press in Egypt. The article examines the types of paper that are used by journalists in Egypt. Article being one of the varieties of genres, through which deals with the problems of society, the role played by the genre in the press in Egypt.

**Keywords:** article, genre, media, journalist, political situation, the newspaper.

[73] Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналистика.-Душанбе, 2008.- С. 45.

# ҶОНИШИНҲОИ МАНФӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ОНҲО ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

**Муродов Б. муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ,**
**Табаров Ш., муаллими калони кафедраи забони англисии**
**ДДК ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ**

Таҳлили маъноӣ ва сохтории ҷонишинҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тайи солҳои охири таваҷҷуҳи бештари олимонро ба худ ҷалб карда истодааст ва чанд рисолаю мақолаҳо, аз ҷумла доир ба сохтор ва маънои ҷонишинҳои шахсӣ, соҳибӣ ва ишорӣ рӯи чоп омадаанд ва таҳқиқотҳои профессор А. Мамадназаров ва П. Авлиёева аз зумраи онҳо мебошанд [Авлиёева, 2016; Мамадназаров, 2016]. Вале ҷонишинҳои манфӣ назари муҳаққиқонро ҳанӯз ба худ ҷалб накардаанд.

Ҷонишинҳои манфӣ дар забонҳои муқоисашаванда дорои маънои инкори умумӣ мебошанд. Ногуфта намонад, ки ҷонишинҳои манфии забони тоҷикӣ пурра ва ҳаматарафа омӯхта нашудаанд. Маълумоти умумиро дар китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна ва олӣ пайдо кардан мумкин аст. Мутаассифона, то имрӯз ягон тадқиқоти алоҳидае мавҷуд нест, ки ин масъаларо ба пуррагӣ дар бар гирифта бошад. Набудани таҳқиқоти мушаххас моро ба он водор кард, ки ин масъаларо дар муқоиса бо ҷонишинҳои инкорӣ ё манфӣ дар забони англисӣ, ки бештар ва пурратар омӯхта шудаанд, даст занем.

Аксари забоншиносон дар забони тоҷикӣ, аз ҷумла С.Д. Арзуманов, Б. Сиёев [Арзуманов, 1956, с. 91; 1982, с. 216; Сиёев, 1972, с. 198; 1985, с. 171], нисбати ин навъи ҷонишинҳо – **ҳеҷ, ҳеҷ кӣ, ҳеҷ чӣ, ҳеҷ кас, ҳеҷ чиз, ҳеҷ кадом, ҳеҷ як, ҳеҷ гуна** истилоҳи «ҷонишинҳои манфӣ»-ро истифода мебаранд. Вале, дар баъзе асарҳо онҳо бо истилоҳи “ҷонишинҳои инкорӣ” низ ёдрас мешаванд [Ҳусейнов, 1983, с. 229]. Бо эътирофи муҳаққиқон ҷонишинҳои манфӣ мавҷудияти шахс, предмет ё хусусиятеро дар маънои инкор ифода менамоянд. Яъне ҷонишинҳои манфӣ дар ҳар ду забон ба набудани предмет ё аломати он ишора мекунанд [Арзуманов, 1956, с. 104].

Дар байни ақидаҳои забоншиносон, ки ба ҷонишинҳо даст задаанд, назари муҳақиқи рус В.С. Расторгуева фарқ шуда меистад. Муҳақиқ дар забони тоҷикӣ ҷонишинҳои манфиро алоҳида ҷудо накарда, онҳоро ба гурӯҳи ҷонишинҳои номуайянӣ (неопределенные местоимения) дохил мекунад [Расторгуева, 1954, с. 549; Rastorgueva, 1963, p. 51].

Забоншиноси дигар Р.Л. Неменова дар таснифоти худ ин гурӯҳи ҷонишинҳоро алоҳида ҷудо карда бошад ҳам, таъкид мекунад, ки “ба вазифаи ҷонишини манфӣ ҷонишини номуайянии **ҳеҷ** истифода бурда мешавад, агар ҷумла инкорро ифода кунад” [Неменова, 1988, с. 450]. Яъне, Р.Л.Неменова амалан ақидаи забоншинос В.С. Расторгуеваро дастгирӣ карда, ҷонишини “**ҳеҷ**”-ро ҷонишин *номуайянӣ* номидааст.

Илова бар ин, Р.Л. Неменова таъкид мекунад, ки “дар ҷумлаҳои инкорӣ ба маънои ҷонишинҳои инкорӣ ҳамчунин исмҳои **кас** ва **чиз** бо пасванди –е – **касе, чизе** истифода мешавад: **касе наомад**” [Неменова, 1988, с. 451]. Ин нуктаро С.Д. Арзуманов низ таъкид мекунад: “Ҷонишинҳои номуайянии **касе** ва **чизе** дар ҷумлаи хабараш манфӣ кор фармуда шаванд, маънои ҷонишини манфиро медиҳанд: **Касе** ҳам ба вай аҳамият намедод” [Арзуманов, 1956, с. 104]. С.Д. Арзуманов дар китоби дарсӣ барои мактабҳои

олии соли 1982 ба ин нукта ҷонишини **ягонро** илова мекунад. “Ҷонишини **ягон** ва исмҳои **касе** ва **чизе** ба маънои ҷонишини манфӣ низ меоянд” [Арзуманов, 1982, с. 228]. Бояд, таъкид кард, ки ин нукта дар ҳеҷ яке аз асарҳои илмии ба ҷонишинҳо бахшидашудаи Б. Сиёев таъкид нашудааст.

Мо дар таҳқиқоти худ ба таснифоти забоншиносони маъруф С.Д. Арзуманов ва Б. Сиёев такъя карда, чунин мешуморем, ки дар забони ҳозираи тоҷик гурӯҳи алоҳида ҷонишинҳо, яъне ҷонишинҳои манфӣ арзи вуҷуд доранд.

Дар ташаккули ин ҷонишинҳо калимаи **ҳеҷ** мавқеи асосиро ишғол мекунад. Аз ҷумла, ин вожа маъноҳои вобаста ба шахс (**ҳеҷ кӣ, ҳеҷ кас**), предмет (**ҳеҷ чӣ, ҳеҷ чиз**), аломат (**ҳеҷ кадом, ҳеҷ гуна**) ва миқдор (**ҳеҷ як, ҳеҷ ягон**) -ро дар таркиби воҳидҳои гуногуни забонӣ ифода мекунад.

Дар забони ҳозираи тоҷиқ калимаи **ҳеҷ** ба сифати ҷонишини манфӣ истифода шуда пеш аз исмҳо маънои набудани шахс, предмет ё аломати предметҳоро қайду таъкид мекунад. Масалан:

Ӯ хуб медонист, ки вақте ба ҷараёни дохилии халиҷ даромад, чӣ хоҳад шуд. Вале акнун **ҳеҷ коре** карда ҳам наметавонист [Ст. 137]. ~ He knew quite well the pattern of what could happen when he reached the inner part of the current. But there was **nothing** to be done now [St. 136].

Аммо чашми худро аз он чубҳо, хусусан аз он чуби дароз, ки ба сар то сари мактаб мерасид ва ба **ҳеҷ** бача… амон намедод, намекандам... [А. 2, 6] ~ But I still could not tear my eyes away from those canes, particularly the long one that reached from one end of the room to the other and from which **no boy** could escape, no matter how he might huddle in the farthest corner of the schoolroom [A. 2, 225].

Хусусияти хоси истифодабарии ҷонишинҳои манфӣ дар забони тоҷикӣ дар он зоҳир мегардад, ки хабари ҷумла бо ин ҷонишинҳо ба шакли инкорӣ меояд, яъне ҷонишини манфӣ бо шакли инкории феъл меояд. Дар ин ҳолат мо бо инкори инкор сару кор дорем. Яъне бори аввал инкор бо *ҷонишини манфӣ* ва маротибаи дуюм бо *шакли инкории феъл* ифода меёбад. Дар забони муосири англисӣ бошад, қоидаи истифодабарии як шакли инкор дар ҷумла вуҷуд дорад [Жигадло, 1956, 69]. Яъне, азбаски ҷонишинҳои инкорӣ ба сифати воситаи лексикии ифода кардани маънои инкор хизмат мекунанд, хабари ҷумла бояд дар шакли тасдиқӣ истифода шавад. Масалан:

“So I shall be as warm here as I was in the old room”, thought Alice: "warmer, in fact, because there **will be no one** here **to scold me away** from the fire [К.Л. 146]. ~ Яъне барои ман ин ҷо ҳам монанди хона гармакак хохад буд, - фикр кард Алиса. – Ба фикрам, аз хона ҳам гармтар! Дар ин ҷо **ҳеҷ кас** маро аз назди бухорӣ **пеш намекунад** [C. L.78].

I worked in the deep wells for a week and **did nothing** [H. 34]. ~ Ман дар ҷойҳои жарфо як ҳафта гаштам, аммо **ҳеҷ чиз нагирифтам** [Ҳ. 35].

Аз мисолҳои оварда аён аст, ки феъли ҷумлаҳо дар забони англисӣ дар шакли тасдиқӣ ва дар забони тоҷикӣ дар шакли инкорӣ омадааст. Таъкиди ин хусусияти фарққунандаи ҷонишинҳои манфӣ дар забонҳои таҳқиқшаванда барои назарияю амалияи тарҷума ва ҳам таълими хусусиятҳои ҷонишинҳои манфӣ хеле муҳим аст.

Дар забони тоҷикӣ шаклҳои таркибии ҷонишинҳои манфӣ аз ҷонишини **ҳеҷ**, ҷонишинҳои саволӣ **кӣ, кадом** ва калимаи **як** ва ё **исм** таркиб ёфтаанд, ки ҳар яке маънои хоси худро дорад.

Ҷонишини манфии **ҳеҷ** дар таркиби ҷонишини саволии **кӣ** ва калимаи **кас** маънои вобаста ба шахсро ифода мекунанд ва дар забони англисӣ ба ҷонишинҳои манфии **nobody, no one** мувофиқат мекунад. Масалан:

**Ҳеҷ кас** чизҳои пирамардро намедуздид, аммо ба хона бурдани бодбону ресмонҳои вазнин беҳтар буд, зеро таъсири шабнам ба онҳо харобиовар буд [Ҳ.15]. ~ **No one** would steal from the old man but it was better to take the sail and the heavy lines home as the dew was bad for them … [H. 14]**.**

Халифа фарёд мекард: пойҳоямро бурид, сахт натобед! Аммо **ҳеҷ кас** гӯш намедод [А.2.15]. ~ Khalifa cried out, "You're cutting of my legs, don't twist so hard!" But **nobody** paid any attention [A. 2. 230].

Now we are joined together and have been since noon. And **no one** to help either one of us [H. 62]. ~ Акнун аз нисфирузӣ боз тақдири мо ба ҳам пайвастааст. **Ҳеҷ касе** нест, ки ба доди яке аз мо бирасад [Ҳ. 63].

Ҷонишини манфии **ҳеҷ** дар таркиби ҷонишини саволии **кадом** низ маънои вобаста ба шахсро ифода карда метавонад ва дар ин ҳолат дар забони англисӣ ба ҷонишинҳои манфии **none** ва ё муродифи он **not any** мувофиқат мекунад. Масалан:

Аммо дили ман ба ҳоли онҳо месухт, зеро ***ҳеҷ кадоми*** онҳо ба бозӣ раҳбарӣ накарда буданд, ҳамаи корҳоро худи халифа карда буд ... [А.2. 15]. ~ I felt sorry for these boys, because ***none*** of them was a ringleader – it was Khalifa, who had then falsely denounced them into the bargain [A. 2. 230].

Ман ба **ҳеҷ кадоми** пурсишҳои падарам чавоб дода натавонистам [А. 1. 39]. ~ I could **not** answer **any** of my fathers's questions [A. 1. 246].

Ҷонишини манфии **ҳеҷ** дар таркиби ҷонишини саволии **чӣ** ва калимаи **чиз** маънои вобаста ба предметро ифода мекунанд ва дар забони англисӣ ба ҷонишинҳои манфии **nothing** ё ҷонишини номуайянии **anything** мувофиқат мекунад. Масалан:

Ӯ боз дастонашро ба оби шур гузошт. Бегоҳ наздик мешуд ва ӯ ҷуз баҳру осмон **ҳеҷ чизро** намедид [Ҳ. 149]. ~ He put his hands in the water again to soak them. It was getting late in the afternoon and he saw **nothing** but the sea and the sky [H.148].

Айб ба ту не, ба домуллот ва халифаат аст. Онҳо ба ту ҳар чизро тутивор ёд кунондаанд аммо ***ҳеҷ чизро*** ёд надодаанд [А.3. 40]. ~ It's not your fault, it's Domullo's and Khalifa's fault. They have taught you to repeat everything like a parrot, but they **haven't** really taught you ***anything*** [A. 3. 244].

Ба мактабдор чӣ шудааст? – гуфт хатиб бо оҳанги нохушнудона. – **Ҳеҷ чӣ** нашудааст, аммо бесавод аст, – гуфт падарам ва илова кард [А.3. 41]. ~ "What's the matter with the teacher?" asked the khatib pointedly. "**Nothing**'s the matter, except that he's illiterate," my father replied [A. 3. 246].

Аз мисолҳои овардашуда возеҳан аён аст, ки ҷонишиҳои таркибии манфии забони тоҷикӣ **ҳеҷ чӣ** ва **ҳеҷ чиз** ба ҷонишинҳои инкории забони англисӣ **nothing** ва муродифи он ***anything,*** ки мисли ҷонишинҳои забони тоҷикӣ ба чиз ё пердмет ишора мекунанд, маъноян мувофиқат мекунанд.

Ҷонишини манфии **neither (на ин, на он)** ҳамчун ҷонишини манфии исмӣ ва сифатӣ нисбати шахс ва ҳам ғайришахс истифода бурда мешавад. Аз рӯи маъно он ба ҷонишини манфии **none** муродиф мебошад, вале маънои маҳдудтаро, яъне маънои **ҳеҷ яке аз ду, ҳеҷ як, ҳеҷ кадом (**нафар ё чиз) дорад ва фақат бо исмҳо шумурдашаванда истифода бурда шуда метавонад.

**Neither** statement is true [A.M. 545]. ~ **Ҳеҷ яке** аз ин гуфтаҳо дуруст нест [A.M. 545].

Which of the book did you like? **Neither** [A.M. 545]. ~ Кадом аз ин китобҳо ба ту маъқул шуд? **Ҳеҷ кадом** [A.M. 545].

Бояд ёдовар шуд, ки ҷонишини **neither** дар якҷоягӣ бо ҳиссачаи инкории **nor** пайвандаки ҷуфт мебошад, ки ба забони тоҷикӣ ҳамчун пайвандаи ҷуфпи **на... на** тарҷума мешавад:

В формировании личности младшего школьника, с точки зрения С.Л. Рубинштейна, особое место занимает вопрос развития нравственных качеств, составляющих основу поведения. В этом возрасте ребенок не только познает сущность нравственных категорий, но и учится оценивать их знание в поступках и действиях окружающих, собственных поступках. [19, с.58].

На определение роли планирования, как в учебной деятельности, так и в нравственном поведении детей школьного возраста было направлено внимание таких ученых как Л.А. Матвеева, Л.А. Регуш (18) и многих других.

«Практически любая деятельность имеет нравственную окраску», считает О.Г. Дробницкий (9), в том числе и учебная, которая, по мнению Л.И. Божович, «обладает большими воспитательными возможностями». Он представляет учебную деятельность младшего школьника ведущей. В этом возрасте она в большей степени влияет на развитие школьника, определяет появление многих новообразований. В ней развиваются не только умственные способности, но и нравственная сфера личности. (4).

В результате регламентированного характера процесса, обязательного систематического выполнения учебных поручений у школьника складываются нравственные знания, характерные для учебной деятельности, нравственные отношения, указывает И.Ф. Харламов.

Как указали ученые педагоги данная деятельность, являясь в младшем школьном возрасте ведущей, обеспечивает усвоение знаний в определенной системе, создает возможности для овладения учащимися приемами, способами решения различных умственных и нравственных задач.

Учителю принадлежит приоритетная роль в воспитании и обучении школьников, в подготовке их к жизни и общественному труду. Учитель всегда является для учащихся примером нравственности и преданного отношения к труду. Проблемы нравственности школьников на сегодняшнем этапе развития общества особенно актуальны. [22, с.541]. Специфической особенностью процесса нравственного воспитания следует считать то, что он длителен и непрерывен, а результаты его отсрочены во времени.

Существенным признаком процесса нравственного воспитания является его концентрическое построение: решение воспитательных задач начинается с элементарного уровня и заканчивается более высоким.

Процесс нравственного воспитания динамичный и творческий: учителя постоянно вносят в него свои коррективы, направленные на его совершенствование.

Все факторы, обусловливающие нравственное становление и развитие личности школьника, И.С. Марьенко разделяет на три группы: природные (биологические), социальные и педагогические. Во взаимодействии со средой и целенаправленными влияниями школьник социализируется, приобретает необходимый опыт нравственного поведения.

На нравственное формирование личности оказывают воздействие многие социальные условия и биологические факторы, но решающую роль в этом процессе играют педагогические, как наиболее управляемые, направленные на выработку определенного рода отношений.

Одна из задач воспитания - правильно организовать их деятельность. Формируя нравственные качества, возникающие отношения могут влиять на изменение целей и мотивов деятельности, что в свою очередь влияет на усвоение нравственных норм и ценностей организаций. Деятельность человека выступает и как критерий его нравственного развития.

Развитие морального сознания ребенка происходит через восприятие и осознание содержания воздействий, которые поступают и от родителей и педагогов, окружающих людей через переработку этих воздействий в связи с нравственным опытом индивида, его взглядами и ценностными ориентациями. В сознании ребенка внешнее воздействие приобретает индивидуальное значение, таким образом, формирует субъективное отношение к нему. В связи с этим, формируются мотивы поведения, принятия решения и нравственный выбор ребенком собственных поступков.

Необходимое звено в процессе нравственного воспитания - моральное просвещение, цель которого - сообщить ребенку совокупность знаний о моральных принципах и нормах общества, которыми он должен овладеть. Осознание и переживание моральных принципов и норм прямо связано с осознанием образцов нравственного поведения и способствует формированию моральных оценок и поступков.[11, с.8-14].

Учитывая вышесказанное, различные стороны воспитания, в томчисле нравственную воспитанность Правительство Республики Таджикистан вынес «Закон РТ об ответственности родителей за обучение и воспитание детей», в котором намечается роль семьи, общество и школы. Обучение-совместная деятельность родителей, педагога и образовательного учреждения по развитию личности, таланта, умений, умственных и физических способностей ребенка.(10)

Теоретический анализ состояния проблемы нравственного воспитания школьников позволяет сделать вывод о том, что подходы к данному вопросу, которые можно взять на вооружение при повышении нравственного воспитания школьников требуют дальнейшего исследования.

**Ключевые слова**: нравственность, воспитание, бездуховность, безверие, агрессивность, сущность, процесс воспитания, актуальность проблемы, младших школьников, интеллект, негативный характер, педагогика, мораль.

**Литературы:**

1. Аристотель. Сочинения в 4-х томах - М: 1984 , т.4.
2. Архангельский Н.В. Нравственное воспитание. - М.: Просвещение, 1979.
3. Бабанский Ю.К. Педагогика: курс лекций. - М.: Просвещение, 1988.
4. Божович Л.И. О нравственном развитии и воспитании детей// Вопросы психологии. - М.: Просвещение, 1975.
5. Болдырев Н.И. Нравственное воспитание школьников. - М.: Просвещение, 1979.
6. Болотина Л.Р. Педагогика: Учебное пособие для педагогических институтов. - М.: Просвещение, 1987.
7. Васильева З.Н. Нравственное воспитание учащихся в учебной деятельности. - М.: Просвещение, 1978.
8. Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка - М: 1979, т. 11.
9. Дробницкий О.Г. Проблемы нравственности. - М.: Просвещение,1977.
10. Закон Республики Таджикистан от 2 августа 2011 года №762 «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей».
11. Каирова И.А. Нравственное развитие младших школьников в процессе воспитания. - М.: Просвещение, 1979.
12. Ковалев Н.Е., Райский Б.Ф., Сорокин Н.А. Введение в педагогику: Учебное пособие для педагогических институтов. – М.: Просвещение, 1987. – 386с.
13. Краткий словарь по философии - М: 1982.
14. Крупская Н.К. Задачи школы I ступени: пед. соч., в шести томах Т.2. – М.: Просвещение, 1978.
15. Макаренко А.С. Проблемы школьного советского воспитания: Соч. – Т.5. – М.: Просвещение, 1976.
16. Ницше А. Сочинение в 2-х томах - М: 1990, т. 1 НИИОП АПНСССР, 1988.
17.Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка, 2 издание -М: 1995.
18. Регуш Л.А. Развитие способностей прогнозирования в познавательной деятельности (дошкольник-юноша): учеб.пособие к спецкурсу. - Л.: ЛГПИ им. А.И. Герцена, 1983.

**ДУХОВНО- НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ**

**Гиёев А. Х.**

Статья посвящена нравственной воспитанности младших школьников в учебно-воспитательной деятельности. В ней раскрыто духовно- нравственное воспитание детей в данном возрасте.

Автор уделяет особое внимание на нравственные ориентиры подрастающего поколения в бездуховности, безверии, агрессивности и задачи воспитания.

**Ключевые слова**: нравственность, воспитание, духовность, агрессивность, сущность, процесс воспитания, младшие школьники, интеллект, негативный характер, педагогика, мораль.

**SPIRITUALLY - MORAL EDUCATION OF YOUNGER SCHOOLBOYS IN TEACHING AND EDUCATIONAL PROCESS**

**Giyoev A. Kh**

The article is devoted to moral education of younger schoolboys in teaching and educational activities. It discloses the moral education of children in this age. The author pays special attention to the ethical guidelines the younger generation without spirituality, without the posts, and aggressiveness parenting tasks.

**Keywords:** morality, spirituality, education, lack of spirituality,  essence, the process of education, the relevance of the problems of younger schoolboys, intelligence, a negative character, education, morality.

## САҲМИ ОИЛА ДАР ХУДШИНОСИИ НАВРАСОН

**Ҷӯраев Бобохон, саромӯзгори кафедраи таҳсилоти ибтидоӣ,**
**Абдуҷаббор Сафаралӣ, ассистенти кафедраи таҳсилоти ибтидоии**
**ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

*«Худогоҳию худшиносӣ мафҳуми васеъ буда, паҳлуҳои гуногуни ҳастии ҷомеаро дар бар мегиранд. Ин худогоҳӣ аз таърих, аз тамаддуну фарҳанг, худогоҳӣ аз дину оин, аз урфу одат, забону ахлоқ, макону Ватан ва кору амали ибратомӯзу боифтихори онҳо ва ғайра маҳсуб меёбад».*

Эмомалӣ Раҳмон

Таърих ва ҳаёти гузаштаи инсоният дар ёд надорад, ки шахси одӣ то ба шахси сиёсатмадору ходими давлатӣ, ки аз таърихи гузаштаи халқаш огоҳ нест, барои халқаш ягон кори пуршараферо анҷом дода бошад. Ҳанӯз дуҳазор сол муқаддам Канишкаи бузург-Шоҳаншоҳи Кушон навишта буд, ки «Ман аз гузаштагонам ифтихор мекунам, ки онҳо ориёӣ буданд ва забони бобоёни ман ориёӣ буд». Ин таърихдонӣ ва худогоҳӣ буд, ки империяи ташкил намудаи ӯро ворисонащ қариб 400 сол пойбарҷо нигоҳ доштанд.

Ба насли наврас онро омӯзем ва таъкид намоем, ки маҳз хуб донистани таъриху фарҳанг аз рӯзгори гузаштагон ба худшиносии мо боис мегардад.

Дар лаҳзаҳои аввал, чун дуруст назар намоем, худогоҳию худшиносӣ аз оила ибтидо мегирад, ҳарчанд ки он дар шаклҳои сода таҳрезӣ мегардад ва баъдтар дар мактабу ҷомеа ташаккул меёбад. Худшиносӣ аз оила ибтидо мегирад. Оила яке аз омилҳои асосии нумӯ ёфтани инсоният мебошад. Аз ин рӯ, падару мадарро лозим меояд, ки ба тамоми ҷузъҳои тарбия, алалхусус, ба худшиносии фарзандон диққати ҷиддӣ ва ҳаматарафа дода, дар дурусту мақсаднок ба роҳ мондани он камҳавсалагӣ зоҳир намекунанд. Дар оила сар задании мунокишаву ҷанҷолҳо, ба вуқӯъ пайвастани шӯру ғавғо, гоҳ ба амал омадани ҳодисаҳои номатлубу фоҷеаҳои аз кам будани фитрати худшиносист. Сар задани чунин ҳодисаҳои ногувор шаҳодати бепарвоӣ ва ё беэътиноии бузургони оила, бахусус, падару модарон аст.

Инсон нахустин асосҳои феълу атвор рафтор, кирдор, муносибат ба худ ва ба инсонҳои дигар, муносибат ба меҳнат, муносибат ба ҳаёти ҷомеаро маҳз аз оила мегирад.

Оила дар ҳаёти инсони нисбат ба дигар иниститутҳои иҷтимоӣ волотарин ва арзишмандтарин мақомро дорост. Зеро шахсияти кӯдак маҳз дар оила ташаккул ва рушд ёфта, то аз худ намудани нозукиҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ тадриҷан бе мушкилот вориди ҷомеа мегардад. Вобаста ба обрӯю эътибори падару модар ва таъсири онҳо ба кӯдакону наврасон дар оила сифатҳои шахсият ташаккул меёбад, яъне маҳз оила дар инкишофи ҷисмонию маънавӣ ва худшиносии онҳо нақши тақдирсозро мебозад. Аз ин рӯ, яке аз сарчашмаҳои асосии худшиносии кӯдакон, албатта, оила мебошад. чигуна хислату рафтор дошта бошанд, хурдсолон низ тадриҷан ба онҳо пайравӣ мекунанд. Ба онҳо тақлид намуда, ҳар амали иҷрокардаашро ба худ шараф медонанд ва худро дар мавқеи калонсолон мебинанд.

«Бояд падарон ба тарбияи фарзандон аҳамият диҳанд ва онҳоро ба касб намудани ахлоқҳои ҳамида ва парҳез кардан аз корҳои бад ҳидоят созанд».[75]

Зарур ва муҳим аст, ки фарзандони худро аз ададҳои бад, чун: сигоркашӣ, хиёнат, дурӯғгӯй, туҳмат кардану бахилӣ, ҳасудию фитнаангезӣ ва амсоли инҳо бар ҳазар созанд, то ки онҳо аз ин одатҳо дурӣ ҷӯянд,ҳамчунин, падару модарон ба ахлоқи ҳамидаи худ барои фарзандон ибрат бошанд.

Фарзанд ба ҳар навъе, ки бошад, хоҳ хубрӯю хоҳ зишт, хоҳ ҳушёру хоҳ ноқисулақл ва ё солиму имконияти маҳдуддошта барои падару модар азиз аст.

Зода агарчи ҳама хокистар аст,
Сурмаи чашми падару модар аст.

Ҳама фарзандон барои падару модарон бояд дар як радиф бошанд. Нашояд яке нозпарвар бошаду дигаре аз дида дур.

Яке аз масъалаҳои ниҳоят нозук байни фарзандонтафриқа гузоштан мебошад. Дар тадбиқи адолат миёни онҳо беадолатӣ зоҳир менамоянд. Падару модарон бояд ҳамаи фарзандонро яксон меҳрубонӣ намоянд ва ҷоиз нест, ки якеро аз дигар бартар бидонанд. Ҳамаи фарзандон дар оила бояд баробарҳуқуқ бошанд, ҳатто дар меҳру шафқат намудан ҳам.

Ҳаёт собит намудааст, ки фарзандоне аз ҷониби падару модарон пазироии махсусро шарафёб мегарданд, инҷиқу эрка ба воя мерасанд. Ҳамеша ба марҳамати

---

[75]А.Орифӣ. Ахлоқу одоби исломӣ. Душанбе, 2006, саҳ. 51.

падару модарон нигаронӣ мекунанду чашми тамаъ ба сӯяшон медӯзанд. Чунин фарзандон танбалу ноуҳдабаро ва меҳнатгурезу камҳавсала ба воя мерасанд. Дар замири онҳо ҳисси худшиносӣ чандон инкишоф намеёбад. Ба одитарин ҷузъиёти худшиносӣ сарфаҳм намераванд, зеро чунин фарзандон нозпарваранду то ҷое аз донишу маърифат дур.

Ҳар падару модар бояд барои фарзандон дар ҷодаи бедор намуданиҳисси худшиносии онҳо чу шамъ фурӯзон бошанд. Маҳз оила,падару модар аст, ки худшиносии кӯдакон аз онҳо ибтидо мегирад. Нахустин бор кӯдак дар оила бо одитарин нишонаҳои худшиносӣ(ҳурмат намудани аъзоёни оила, одобу ахлоқи ҳамида доштан, дӯст доштани одамон,ҳифзи табиат, донистани гузаштаи худ ва амсоли онҳо, албатта, дар шакли содда ва мувофиқ ба ҷаҳонбинию синну соли онҳог) шинос мегардад, дар сурате ки падару модарон ва дигар аъзоёни калонсоли оила ба ин масъала мутаваҷеҳ бошанд. Нозпарвар кардану якеро аз дигар фарзанд болотар гузоштан барои падару модарон лаҳзаҳоест ногувор ва ин амали онҳо дарахтеро мемонад,ки меваи талх ба бор меоварад. Чуноне шоире гуфтааст.

Нозпарвар масоз фарзанди хеш,
Ки фардо реш гардонӣ дили хеш.

Гузашта аз ин, падару модарон дар ҳама корҳои дигар ба ҳама фарзандон яксон муомила намуда, ҳамеша рафтору кирдори онҳоро зери назорат гирифта, иршод ва раҳнамоӣ намояд.

Дар ин бора Расули Худо (с)мефармояд: «аз худо битарсед ва миёни фарзандон адолат ва баробарӣ намоед».[76]

Бузургон таъкид кардаанд, ки агар хоҳӣ, қадам бар арсаи воломақомии одамият ниҳӣ ва ба пос нигоҳ доштани ҳама он қавоидҳои худшиносӣ зиҳӣ,ибтидо бояд ҳадди хешро бидонӣ ва бо ҳамин шоҳроҳи ҳаёт пай монӣ,то дар зиндагӣ сарсон нагардӣ. Ҳар он касе, ки ҳади худро донад, дигарон низ ба қадри ӯ мерасанду эҳтиромаш менамоянд. Фариддадуни Аттор ба ин маънӣ наку овардааст:

Чу андар даҳр ҳаргиз дар намонӣ,
Бидон ҳадди худатро дар ҷавонӣ.
Агар нашносӣ худро, халқи олам,
Туро нашиносад охир ҷовидонӣ.

Воломақомӣ ва худшиносии одамиятро андозаи амал ва иқдомгузорӣ дар ҳаёт аст. Чун одамӣ аз андоза бурун шуд,ҳамин бурунравиҳо касро беқадр ваобрӯи онро дар ҷомеа коста менамояд. Аз эҳтироми мардум ва қадршиносии умум бебаҳра мондани ҳар шахс ба аз худравию қадршиносииӯ нисбат ба дигарон сар мезанад. Носипосӣ бар афроди атроф ва ғолибияти кибру ғурур ба беқадрии ҳар фард байни омма мегардад. Хусрави Деҳлавӣ мӯшикофона гуфтааст:

Нахоҳӣ,ки зер афтӣ аз ҷои хеш,
Зи андоза бурун манеҳ пои хеш.

---

[76] Ҳамон ҷо, саҳ. 51.

Маҷмӯи унсурҳои ба ақлу хирад ва заковати одамият мақбул гардидаи ҳаёт худшиносии одамироташкил медиҳад ва ҳар як фард бояд берун аз ин хат пай наниҳад. Аз ин рӯ, дар гулистони умр на хор, балки гул бошад ва ба машоми маънавии афрод накҳатбахш гардад, то одамон аз он баҳра бардоранд ва аз ҳаракати дилбастаи хеш суд баранд:

Гул бишав, то одамон бӯят кунанд,
Дидаи умед бар сӯят кунанд .
Бо ту баста меҳри дил шому сабоҳ,
Орзу ба хулқу бар хӯят кунанд.

Дар олами худшиносӣ кибру ғурур, худбехабарӣ, ғаррашавӣ, азхудравӣ ва амсоли инҳо унсурҳои ғайриинсонӣ бошад, ки маҷмӯи ӯ таҷассуми бараълои ҷаҳлу ҷоҳилӣ ва ҷаҳолатпарастӣ бувад. Чуноне ки ҷавҳарро бо санг барнахӯронанд, мазмун: бо чунин ашхос набояд баробар шуд ва равобити амал бо ӯ намуд. Зеро онҳо савори саманди ҷаҳланд ва гар асп фароянд ҳам, аз узангу намефароянд, яъне пой аз рикоби тавсани ҷаҳлу ҷоҳилӣ ва ҷаҳолпарастӣ бар замин нагузоранд ва рӯй бар гулшани худшиносию одамият наёранд.

Машав бо ҷоҳилон ҳаргиз баробар,
Мазан бар санги хоро дурру гавҳар .
Чу нагрифтӣ ба гӯши ҳуш ин панд,
Ту ҳам бошӣ ба ҷоҳилон пайванд.

Умри инсон ба сони оби дарё дар ҷараёну гузарост. Ӯ пас нагарданда аст ва нафаси баромадаро мемонад. Худшиносони даҳр таъкид намудаанд, ки умри ҷавонӣ оби дарёро монад ва зудгузаранда бошаду ноаён. Аз ин рӯ, ҳар як фарди солимақл бояд кӯшиш ба он харҷ созад, то хислатҳои хубу ҳамидаро доро буда, бо дӯстон ва наздикону атрофиён қарин бошаду меҳрубон.

Дареғо, бигзарад умри ҷавонӣ,
Чу оби ҷӯйборон ҷовидонӣ.
Зи назди дӯстонат з-ин гузаргоҳ,
Ту бигзар доимо бо меҳрубонӣ.

Пеш аз ҳама, илму адаб набзи занандаи ҷавҳари маънавӣ дар пайкари одамӣ бувад. Решаи худшиносӣ аз сарчашмаи илму адаб об хӯрад, сабзида ба камол расад ва боровар гардад. Ба дараҷаи камолоти худшиносӣ расидан ҳам аз ӯст. Он касе, ки илм дорад, боадабу соҳибмаърифат асту хирадманд, ва албатта, худшинос мегардаду соҳибватан:

Боадаб бош, то бузург шавӣ,
Ки бузургӣ нишони адаб аст.

Донае аз хирмани худшинос покиза ва поку беолоиш нигоҳ доштани забон аст. Забон шаҳд аст, ки аз он комҳо ширин гардад. Забони гарму мулоим ва гуфтори шаҳдбор нишонрас асту шуниданбоб, дилкашу рӯҳафзост. Маҳз таъсири сухани хушу гуворост,ки аз роҳи бад бигардад ҷоҳилтарин кас. Чуноне ки Фирдавсӣ фармудааст:

Сухан бифканадминбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.

Ҳамчунин забон шамшер асту синон ва аз иштибоҳи ин шамшеру синон садҳо сари сабз ба боди фано равад.Аз шамшеру сином қалбҳо пора гарданд,синаҳо даранд, сарҳо бетан ва ҷонҳо ба ҷонофарин супурда шаванд, дар сурате,ки он ноҷою бемавқеъ ва ноандешида барояд. Расмӣ дар ин росто хуб гуфтааст:

Агар дорӣ хирад эй марди ҳушёр,
Забони бад паси дандон нигоҳ дор.

Ҳастиро қадр кардан, пос нигоҳ дошта шудани иззату эҳтироми тарафайн, меҳру муҳаббат ба ватан, ба аҳд устуворӣ ва вафо, некрафторию ширингуфторӣ, воломақомии одамият ва худшиносии миллиро дар ниҳоди фарзандон аз рӯзҳои аввали ба дунё омадани онҳо падару модар ба роҳ мемонад ва то кадом андоза амалӣ шудани ин хислатҳои неки инсониро бояд зери назорат қарор диҳад.

Худшиносии ҳар як фард вобастаи ақлу фаросат ва донишу фаҳмиши ӯст. Аз нигоҳи суханварӣ шоири шинохтаи асри Х1 Низомии Ганҷавӣ, ҷойгоҳи баланди инсон аз ботин ӯ сарчашма мегирад. Кас бояд дарунмояи худро шиносад, дар роҳи такомули рӯҳии хеш пайваста талошу кӯшиш варзад, зеро худшиносӣ калиди маърифат ва ростгорӣ аз ҳар кори душвори ногаҳонӣ аст.

Дар ҷадвали ин хати сиёсӣ,
Мекӯшад ба хештаншиносӣ.
Ташреҳи ниҳоди худ даромӯз,
К-он маърифатест хотирандӯз.

Шоир дар дарозои ҳаёт пешаи ростӣ ва росткории инсонро амри воҷиб медонад ва маҳз ростиро омили бегазандӣ ва некномию худшиносии ҳар як фарди соҳибақл медонад.

Ростии хеш ниҳон кас накард,
Дар сухани рост зиён кас накард.

Падару модарон вазифадоранд, ки дар оила ба сухангӯйи ва баёни афкори фарзандон диққати ҷиддӣ диҳанд ва ҷаҳд бар он намоянд, ки онҳо ростгӯй ба камол расанд. Ростгӯйӣ низ яке аз рукнҳои худшиносист. Марбут ба ин масъала носеҳи бузурги сари Х1 Унсурмаолии Кайковус ишорае дорад: «Эй писар, сухан рост гӯй ва дурӯғгӯй мабош ва хештанро ба рост гуфтан маъруф кун».[77]

Хирадманию фурӯтани фазилати хуби инсонист. Аз ин боис, ба падарру модарон зарур аст, ки барои фурутану соҳибхирад гардидани фарзандон ҷаҳд намоянд. Зеро хирад аст, ки кас ба ҷое мерасад ва мақсуди хеш амалӣ мегардонад.Чун хирад дар вуҷуди инсон воло гирад, ҳама мушкилиҳои зиндаги бар ӯ осон гардад. Хиради воло раҳнамоест барои бани башар.Ақлу фаросату хирад заминагузор аст, барои касбу

[77]М. Шарифӣ, М. Муллоаҳмад. « Қобуснома». Душанбе, « Маориф ва фарҳанг»-2007, саҳ. 23.

ҳунар. Унсурулмолии Кайковус ба ин маънӣ фармудааст. Агар хирад дорӣ, бо хирад ҳунар омӯз, ки хирад бе ҳунар чун тане бошад бе ҷома ва шахсе бувад бе сурат.

Таҳкурсии худшиносиро оила мегузорад ва он минбаъд дар мактаб рушд намуда, ташаккул меёбад. Зеро дар мафҳуми худшиносӣ, муҳаббат доштан нисбат ба сифатҳои ростиву ростқавлӣ, инсондӯстиву ватанпарварӣ, саховатмандию меҳнатқаринӣ, ҳурмату эҳтироми падару модарон, аз худ бузургсолон ва дӯстону наздикон, сабру таҳаммул, бошармӣ, некӯкорӣ, интихоби дӯсти арзанда, ҳимояи марзу бум барин хислатҳои наҷиби инсонӣ ниҳон аст. Худшинос онест, ки бадкорӣ, туҳмат кардан, худписандӣ, дурӯғгӯйию фитнаангезӣ, беҳаёӣ, суханчинӣ, тамаъҷӯйӣ, дасисабозӣ, рибохӯрӣ, дуздию, бадмастӣ барин хислатҳои бадро фарсаххо дур медорад ва душмани ҷонии худ медонад,

Тарбияи худшиносӣ доманадор ва корест басо заҳматлаб. Аз падару модарон ва омӯзгорон  корбарии дуру дароз заҳмати зиёд ва таҷрибаву дониши баландро талаб мекунад.

**Калидвожаҳо**: оила, тарбия, фарзанд, волидайн, одоб, ахлоқ, хирад, дониш, худшиносӣ, ростӣ, сухан, дӯстӣ, эҳтиром, сабр.

**Адабиёт:**

1.А.Орифӣ. Ахлоқу одоби инсонӣ. Душанбе, 2006, 113 саҳ.

2.М.Шарифова, М,М.Муллоаҳмад, «Қобуснома» Душанбе, Маориф ва фарҳанг, 2007, 199 саҳ.

3.А.Давлатов, Омӯзгор, 26.08.2016, №35.

## ВКЛАД СЕМЬИ В САМОПОЗНАНИЕ ПОДРАСТАЮЩЕЕ ПОКОЛЕНИЕ

**Джураев Б., Абдуҷаббор С.**

В статье рассматривается вклад семьи, а также вопрос ответвенности родителей в повышении самопознания,  обучения и воспитания детей с точки зрения педагогической науки и высказывания персо-таджикских мыслителей.

Приведены ценные мысли касающиеся различных сторон воспитания детей и подростков и роли семьи в этом деле.

**Ключевые слова:** семья, воспитания, дитя, родители, почтительность, нравственность, мудрость, знания, самопознание, правдивость,  дружба, уважение,.

## THE CONTRIBUTION OF THE FAMILY TO SELF-KNOWLEDGE RISING GENERATION

**Juraev B., Abdujabbor S.**

In article the family contribution, and also a question responsibility parents in self-knowledge increase, both training and education of children from the point of view of a pedagogical science and the statement of the perso - tajik thinkers is considered.

Valuable thoughts concerning the various parties of education of children and teenagers and a family role in this business are resulted.

**Keywords**: a family, education, the child, parents, respect, morals, wisdom, knowledge, self-knowledge, truthfulness, a word, friendship, respect, patience.

# ТАРБИЯИ ЭСТЕТИКӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**Розиқова Рухшона, директори МТМУ №53-и ш. Кӯлоб,**
**Яқубова Шамигул, омӯзгор МТМУ №53**

*Сирри бомуваффақияти тарбия дар эҳтироми шогирд мебошад.*
Жан Пол

Дунёи форами овозҳо ва пуробуранги латофат, зебоии табиат танҳо ба онҳое кушода мешавад, ки донишдӯст ва кунҷков мебошанд, касе, ки талаботи васеъ ва амиқ кардани донишҳои бо илми нафосат алоқамандро ҳис мекунад, касе бисёр мехонад, мулоҳиза мекунад, мушоҳида менамояд.

На ҳама инсон метавонад бастакор, нависанда, рассом шавад, вале ҳар кас метавонад дӯст доштан, баҳо додан ва дарк намудани зебоиро дар санъат, дар табиат, дар ҳаёти ҷомеа, дар рафтори одам, дар рӯзгор омӯзад. Ҳар касе ки инсон бошад, ҳаёти ӯ аз нигоҳи маънавӣ бояд бой бошад, ӯ бояд зебоиро бинад ва аз он лаззат бурданро омӯзад. Маҳорати дарк кардани зебоӣ ҳаёти инсонро бомаънӣ, бой, ҳаяҷонбахш мегардонад. Вале зебоӣ натанҳо ба шахс ҳаловат мебахшад, шод мекунад, балки ба ҳисси баланди накукорӣ ва андешаҳо, ба корҳо ва қаҳрамониҳо ҳидоят мекунад. Кӯшиш ба зебоӣ дар рафтор, дар зиндагӣ, дар либоспӯшӣ, дарк намудани зебоии меҳнати эҷодӣ бо ақидаҳои дурусти ахлоқӣ, бо тарбияи завқи баланд бевосита алоқаманд аст. Дар “Большая Советская Энциклопедия” оид ба тарбияи эстетикӣ чунин омадааст: “Тарбияи эстетикӣ раванди мақсадноки дар инсон ташаккул додани муносибати эстетикӣ бо оламӣ ҳақиқӣ мебошад”[78]. Қобилияти ҳис кардан, дарк кардани зебоӣ худ ба худ намеояд, онро аз солҳои хурдӣ мунтазам инкишоф додан лозим аст. Саъю кӯшиш ба ин мақсад ин маънои амалӣ намудани тарбияи зебоипарастиро дорад, ки ба рушди мутаносиби шахсият мусоидат мекунад, дар низоми умумии ҷараёни тарбия дар мактаб мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Вазифаи тарбияи эстетикӣ аз чӣ иборат мебошад? Аз он иборат мебошад, ки тавассути воситаҳои санъат ба ҷаҳонбинӣ, фаҳмиши ахлоқӣ ва рафтори бачаҳо таъсири хуб расонид; маҳорати дидан, дарк кардани зебоиро дар табиат, дар ҳаёти ҷомеа, дар санъат тарбия кардан; тараққӣ додани завқи эстетикӣ, қобилияти бадеӣ, ҷалб намудани онҳо ба эҷодиёти бадеӣ мебошад. Мувофиқ ба консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эстетикӣ яке аз сифатҳои муҳими инсонро ташкил медиҳад. Он дар инсон ҳар гуна зуҳурот эҳсос намудани зебоиро ба вуҷуд меоварад. Манбаи зебои табиат ҳар гуна аксҳо, мусаввараҳо, ҳайкалу муҷассамаҳо, асарҳои бадеӣ, нақшу нигор, иншоот, асарҳои саҳнавӣ, суруду мусиқӣ, сару либос, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, лавозимоти рӯзгор ва ғайраҳо мебошанд, ки дар инсон эҳсоси эстетикӣ ба вуҷуд меоранд. Шинохтани зебоӣ ба шахс илҳом мебахшад. Ӯро рӯҳбаланд намуда, дар олами зебоӣ сайр мекунонад.[79]

Чуноне дар “Эксиклопедияи фалсафа” қайд гардидааст тарбияи эстетикӣ ин “Ташаккул додани маҳорату малакаи муайян дар ин ё он соҳаи фанҳои бадеӣ

[78]oval.ru/enc/86834.html
[79]Консепсияи миллии тарбия 3 марти 2006 №94 моддаи 9.

мебошад”[80]. Тарбияи зебоипарастии хонандагон дар дарсҳои хониш, забони модарӣ, санъат ва мусиқӣ, санъати тасвирӣ, дар дарсҳои берун аз синфӣ, дар маҳфилҳо (санъати тасвирӣ, мактабҳои мусиқӣ) ба роҳ монда мешавад.

Волидайни хонандагон низ бояд аз ҳалли ин вазифаҳои муҳим дар канор набошанд. Дар оилаҳое, ки инро хуб мефаҳманд, тарбияи зебоипарастии бачаҳо хеле барвақт аз оне, ки бачаҳо ба мактаб меоянд, оғоз мешавад.

Ҳайкалтароши маъруф Конёнков менависад: “Ман ҳеҷ гоҳ ба роҳи санъат намерафтам, агар аз кӯдакӣ санъатро дӯст намедоштам. Хотироти кӯдакӣ аз бисёр ҷиҳат ояндаи ҳар як инсонро муайян месозад. Ин ҳамон бешазор мебошад, ки мо аз он нӯшокии файзбор ва ҳаётбахшро менӯшем. Хотироти бачагӣ ба монанди солҳои таҳсил пойдевори ҳаёти бофаҳм ва хотира дар бораи ин рӯзҳои беғубор ва шаффоф мебошад, чун хазинае, ки дар он ҳама чизи фаромӯшаванда нигоҳ дошта мешавад[81]”

Тарбияи эстетикӣ ба китоб дар оила он вақте оғоз мешавад, ки кӯдак аввалин афсонаҳоро дар бораи бузаки ҷингилапо, кӯсаи зирак ва муллоҳои фиребгар, Тоҳир ва Зӯҳро, Бахром ва Баҳман гӯш мекунад. Симоҳои афсонавӣ ба тасаввуроти кӯдак таъсир расонда, дар ӯ ҳусни таваҷҷӯҳро ба амалҳои ҷасурона, шавқу ҳавас ба ҳайвонот, табиат, нафрат ба бадкинӣ, пастӣ бедор месозад, муҳаббатро нисбат ба каломи бадеӣ талқин менамояд. Чӣ кадаре бачаҳо калон мешаванд, ҳамон қадар асарҳои бадеӣ чун воситаи тарбияи эстетикӣ, ташаккули эътиқод аҳамият пайдо мекунанд.

Дар тарбияи эстетикӣ махсусан китобҳое кӯмак мерасонанд, ки бо одамони машҳур, бо даврае, ки онҳо зиндагӣ мекарданд, бо устодон, дӯстоне, ки ба онҳо таъсир расонидаанд, шинос мекунанд. Муҳаббати пурҳароратро ба ватан, ба халқи худ санъаткорони моҳир, ҳайкалтарошон, бастакорон, шоирон дар санъати худ таҷассум кардаанд. Меҳнати ҳар як бастакор, рассом, нависандаи маъруф ин меҳнати пайваста ва бошиддат мебошад. Чуноне шоири маъруф К.И.Чуковский дар бораи Репин ба хотир меорад: «Саҳар баъди ношто ба устохона мешитофт ва дар он ҷо айнан худро бо эҷодиёт азоб медод, чунки ӯ меҳнатдӯсти бесобиқа буд ва ҳатто каме аз шавқу рағбат ба кор шарм мекард, ки ӯро аз саҳар то бегоҳ маҷбур месохт мӯқаламро нагузошта ҳама неруашро ба тасвири манзараҳои табиат бахшад. Ва вақте, ки аз мондашавӣ дар пиронсолӣ дасти росташ ҳаракат намекард ва ӯ мӯқаламро дошта наметавонист, дарҳол бо дасти чапаш навиштанро омӯхт, барои он ки ягон дақиқа аз расмкашӣ дар канор намонад. Фаҳмидан душвор аст, ки чи тавр ӯ моҳирона барои гӯш кардани маърӯзаҳо ва мутолиаи китоб вақт ҷудо мекард. Як маротиба ҳангоми бозгашт аз Питер дар шаби ситоразор ман аз донистани донишҳо дар бораи ситораҳои осмонӣ ҳайрон гаштам. Ӯ номи ҳамаи ситораҳоро номбар намуд ва онҳоро монанди дӯстони наздик муборакбод гуфт»[82].

Дар бораи одамони машҳури олами санъат китобҳои зиёде навишта шудааст. Арзиши тарбиявии ин китобҳо на танҳо аз он иборат аст, ки онҳо дар бораи сифатҳои ахлоқи олии намояндагони маъруфи санъат ба тариқи зинда ва возеҳ нақл мекунанд. Ин китобҳо бо эҷодиёти худи рассомон, бастакорон, нависандагон, бо асарҳои беҳтарини онҳо, ки дар бораашон хондаанд, нақл менамоянд. Дар тарбияи зебоипарастии бачаҳо мусиқи кумак мекунад. Бе мусиқию суруд ягон оиларо тасаввур кардан мумкин нест.

---

[80]Электроний ресурс. http://www.dic.academic.ru/dic.nsf/enc_philosophy/7761/
[81]Столович Я.Н. Жизнь – творчество – человек. Функции художественной деятельности. М., 1985.
[82]НеменскийБ.М.Мудрость красоты: о проблемах эстетического воспитания. – М., 1987

Вале чиро ва чи гуна гӯш мекунанд, месароянд ва мерақсанд? Ана барои чи тарбияи завқи хуби мусиқӣ лозим аст. Агар ту мехоҳӣ мусиқиро дӯст дорӣ ва дарк кунӣ, онро бодиққат гӯш кун. Ва ту онро ҳатман дӯст медорӣ, оҳиста-оҳиста барои худ номаълум хубро аз бад фарқ карда метавонӣ. Ҳамин хел дар ту шавқи хуб пайдо мешавад. Дар ҷое, ки зери оҳанги мусиқӣ гап мезанад, ҷанҷол мекунанд, дарс тайёр мекунанд, китоб мехонанд, онро тамоман намешунаванд.

Муҳҳабат ба зебоипарастиро ҳамчунин тавассути санъати тасвирӣ тарбия намудан зарур аст. Зарурат ба расмкашӣ дар кӯдакон хеле барвақт пайдо мешавад. Аллакай дар синни томактабӣ бачаҳо мекӯшанд он чизро тасвир кунанд, ки хаёлоти кӯдакии онҳоро ба ҳаяҷон меорад. “Азобҳои эҷодӣ”-и аввалинро ҳамаи рассомони хурдакак мечашанд, хусусан вақте мебинанд, ки дар қоғаз на ҳама чизи мехостагиашонро тасвир карда метавонанд. Ҳатто аз ҳама нобарортарин расмҳои кӯдаконаро беҳунарона номидан мумкин нест. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ на танҳо қалам дар даст расмкаширо меомӯзанд, балки мушоҳида намудан, зебоии атрофи худро дидан, хурсандии махсусро ҳис карданро ҳангоми дидани зебоӣ дар атрофи худро аз худ мекунанд. Бигузор гуле, ки кӯдак мехост тасвир кунад, гули садбаргро ба хотир наорад. Аммо қабл аз он, ки кӯдак расм кашад, ба он нигоҳ карда лаззат бурд, тобишҳои гуногуни ранги онро тамошо кард, онро бӯй кашид. Аз ҳама муҳимаш ҳамин аст. Калонсолон ҳангоми тамошо кардани расмҳои кашидаи мактаббачаҳо инро бояд фаромӯш накунанд.

Агар расмҳои кашидаи кӯдак якранга бошад, аз ин мебарояд, ки ӯ ҳанӯз мушоҳида кардан, қайд карда мондани манзараи шавқовари атрофи худро наомӯхтааст. Чи гуна ба кӯдак қобилияти дидан ва ба ҳайрат афтодан, аз он чизи муқаррарие, ки моро иҳота кардааст ба шавқу завқ омаданро омӯзонд?

Кӯдакро ба назди ойинаи тиреза баред, манзараи зимистонро муддате тамошо кунед, муҳокима кунед, ки чи гуна он чизеро ки мебинем дар расм ҷойгир кунем. Дар саҳро гулҳоро мушоҳида кунед, ба он диққат диҳед, ки чи гуна онҳо зебоянд, бо чи онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ва мумкин аст дар кӯдак хоҳиши кашидани расми онҳо пайдо шавад.

Ҳиссиёти эстетикӣ дар кӯдак дар лаҳзаҳое бедор мешавад, ки аз барфи мулоим, барги аввалин дар дарахт шод мешавад, бо чашмони дурахшон ба парвози паррандагон нигоҳ мекунад.

Чи қадаре ӯ бисёр ин лаҳзаҳоро ӯ аз сар гузаронид, ҳамон қадар нисбат ба ҳама зебоӣ бо ваҷд меояд. Имкони дар кӯдакон тарбия намудани ҳисси зебоипарастиро дар оғӯши табиат ҳама волидайн доранд. Мушоҳида кардани табиат чашмро тез мекунад, ҳиссиёти расмкашони наврасро бой мегардонад. Дар онҳо хоҳиши тасвир кардани чизи дидашуда ва аз сар гузаронидаашон пайдо мешавад. Баъзе волидайн ба рассомони ҷавон маслиҳат дода наметавонанд. Дар ин кор ба онҳо китоби санъати тасвирӣ ва дафтари расмкашӣ кумак расонида метавонад. Онҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ нашр шудаанд. Баъзе бачаҳо ба коллексия кардани нусхаҳои чопии сурат шавқу ҳавас пайдо мекунанд. Ин бисёр хуб аст. Баъдтар ба осорхонаи санъати бадеӣ ташриф оварда, бо расмҳо чун шиносони наздикашон вомехӯранд, онҳоро мешиносанд. Албатта, нусхаҳои матбаа худи расмҳоро иваз карда наметавонанд, вале кӯдакро ба дарк кардани онҳо тайёр месозанд. Ин вақте хуб аст, ки дар коллексия кардани расмҳо калонсолон ба бачаҳо расонанд. Бачаҳо мехоҳанд дар бораи ҳар як расм, дар бораи рассом маълумот гиранд. Набояд бо он падару модароне розӣ шуд, ки мегӯянд, ки ба

рушди зебоипарастии бачаҳо бояд мактаб машғул шавад. Дар бачаҳо тарбия кардани ҳиссиёти эстетикӣ, дар онҳо бедор кардани шарораи шавқу ҳавас ба зебоиро ҳар оила дар ҳолате метавонад, ки худи калонсолон ба санъат мароқ зоҳир мекунанд, онро дӯст медоранд.

Синамо ва театрро ҳамаи бачаҳо аз синни томактабӣ дӯст медоранд. Инҷо ба волидайн лозим аст, ки на дар бораи он, ки ба бачаҳо шавқу завқро ба синамо бедор кунанд, балки дар бораи он андеша кунанд, ки онҳоро аз нуқтаи педагогӣ дуруст истифода баранд. Чунки вазифаи театр ва синамо на дар он аст, ки бинандаро хандонад, балки онро тарбия кунад, чашмҳояшро ба идеалҳои баланд кушояд, ӯро поктар, боақлтар, муфидтар созад. Саҳнаҳо ва филмҳои хуб натанҳо фаҳмиши бачаҳоро васеъ мекунад, балки ба ҳаёт зеҳн монданро меомӯзонанд, маҷбур месозанд рафтори ношоистаро дар одамон, муҳити атроф маҳкум намоянд, ба тамошобинон зебоӣ, андешаҳои наҷибона, ҳис кардани рафтори инсонро намоиш медиҳанд. Чиро ва чи қадар вақт талабагони синфҳои поёнӣ дар кинотеатрҳо, театрҳо ва тавассути синамо метавонанд тамошо кунанд? Албатта, ба хатогии калон дар оилаҳое роҳ медиҳанд, ба бачаҳо имкони тамошо кардани барномаҳоро дар телевизион барои калонсолон медиҳанд. Тамошои чунин барномаҳо ба бачаҳо танҳо зарар мерасонад, агар дар танҳо танҳо имкони ҳар рӯз вақтхӯшӣ карданро бинанд. Ба бачаҳо бояд имкон дод, ки танҳо барномаҳои барои онҳо пешакӣ таъйиншударо тамошо кунанд. Кинофилмҳои ба синнусоли бачаҳо мувофиқнабуда метавонанд фаҳмиши нодурустро оид ба ҳиссиётҳои мураккаб, рафтори калонсолон бедор кунанд, ғайр аз ин барвақт диққати онҳоро ба масъалаҳое ҷалб мекунанд, ки фикр кардани онҳо ба бачаҳо ҳоло барвақт аст. Шавқу завқи зиёд ба кино ва театр таъсири манфӣ мерасонад, зеро таассуроти аз ҳад зиёд системаи асаби онҳоро монда мекунад. Педагоги машҳури шӯравӣ А.С. Макаренко ба волидайн тавсия додааст, ба бачаҳо дар як моҳ то се маротиба имкони тамошои киноро диҳанд, то ин ки фаъолияти мактабӣ ва ҳамчунин дигар уҳдадориҳо фаромӯш нашаванд.

Ҳамин тариқ, воситаҳо, усулҳо ва роҳҳои тарбияи эстетикӣ, ки волидайн дар оила метавонанд истифода баранд, ниҳоят гуногунанд. Вале онҳо сатҳи муайяни рушди эстетикӣ, муносибати дурустро ба санъат аз худи волидайн тақозо мекунанд. Барои ҳамин бояд бисёртар ба китобу маҷаллаҳо муроҷиат намуд, дар маърӯзаҳо оид ба тарбияи эстетикӣ иштирок кард.

**Калидвожаҳо:** тарбия, эстетикӣ, санъати бадеӣ, мушоҳида кардан, ташриф ба осорхона, синфи ибтидоӣ, санъати тасвирӣ, расмкашӣ, тамошои кино.

**Адабиёт:**

1. Консепсияи миллии тарбия. 3 марти 2006, №94, моддаи 9.
2. Медведь Э.И. Эстетическое воспитание школьников в системе дополнительного образования. Учебное пособие. ЦГЛ “РОН”, 2002.
3. Неменский Б.М. Мудрость красоты: о проблемах эстетического воспитания. – М., 1987.
4. Столович Я.Н. Жизнь – творчество – человек. Функции художественной деятельности. М., 1985.
5. Электроний ресурс. http://www.dic. academic.ru /dic.nsf/ enc_ philosophy/7761/
6. Электроний ресурс. http://www. festival.1september.ru/articles/580235/

**ЭСТЕТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ**

**Разикова Р., Якубова Ш.**

В данной статье рассматриваются вопросы эстетического воспитания в начальных классах. Автором предлагаются различные методы и приемы эстетического воспитания у младших школьников, также большое внимание уделено участию родителей в решении данного вопроса в домашных условиях.

**Ключевые слова:** воспитание, эстетизм, художественное искусство, наблюдать, посещать музей, начальный класс, изобразительное искусство, рисование, просмотр кино.

**AESTHETIC EDUCATION IN INITIAL CLASSES**

**Rozigova R., Yakubova Sh.**

In given article questions of aesthetic education in initial classes are considered. The author offers various methods and receptions of aesthetic education at younger schoolboys, also the big attention is given participation of parents in the decision of the given question in house conditions.

**Keywords:** education, an aestheticism, art art to observe, visit a museum, an initial class, the fine arts, drawing, cinema viewing.

# МУНДАРИҶА
# СОДЕРЖАНИЕ

### МАҚОЛАҲО ВА МАЪРӮЗАҲОИ ИЛМӢ АЗ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ВИЛОЯТӢ «ТОҶИКИСТОН- ТАШАББУСКОРИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ГЛОБАЛӢ ОИД БА ОБ» ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ


**Хидирзода М.У.,** Тоҷикистон ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалӣ оид ба об........3
**Обидҷони Ш. Қ.,** Аҳамияти ҷаҳонӣ доштани масъалаҳои об ва захираҳои обӣ – энергетикии тоҷикистон барои рушди устувор..........................................................6
**Пиров А.К.,** Аҳамияти иҷтимоӣ ва сиёсии даҳсолаи байналмилалии амал “об барои рушди устувор”..........................................................................................................14
**Бобохонов Ф.Ш., Обидҷони Ш.Қ.,** Хушкшавии баҳри Арал – фоҷиаи экологии минтақаи давлатҳои Осиёи Марказӣ......................................................................17
**Баротов Ҷ.,** Масъалаҳои истифодаи оқилонаи обҳои минтақаи Кӯлоб..........................22
**Бердиев Ҷ.,** Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масъалаҳои экологии марбут ба об...........................................................................................................25
**Муллоев Х.А.,** Захираҳои оби Тоҷикистон ..............................................................28
**Асоев Б. Х.,** Нақши гидроэнергетика дар рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон..........................................................................................................................31
**Мирзоев А.Қ.,** Истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикии дарёи Панҷ ........33


## ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСӢ
## ФИЛОСОФИЯ И ПОЛИТОЛОГИЯ


**Ибодов М., Абдулвоҳидов А.,** Нақши Абӯбакр Муҳаммад Ибни Закариёи Ибни Яҳёи Розӣ дар ташаккули манзараи илмии Олам..........................................................35
**Азамов Х., Г. Муродова,** Молодёжь как субъект общественного производства и общественной жизни.........................................................................................................38
**Абдуллоев Н.** Ташаккул ва рушди институти сарварии сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...................................................................................................................44
**Якубов Ф.,** Некоторые особенности реализации принципа светского государства в Республике Таджикистан......................................................................................49
**Азамов Х.С., Назарова Г.А.** Родоначальники первых политических учений в Древней Греции.............................................................................................................................54


## ТАЪРИХ ВА ҲУҚУҚ
## ИСТОРИЯ И ПРАВО


**Сафаров Х.** Корнамоиҳои Деваштичи суғдӣ.............................................................61
**Бозоров С., Собиров С.,** Муҳофизати сарҳад дар афкори ҳарбии ниёгон......................64
**Алуев А.,** Из истории формирования стратегии российско-таджикского партнерства..69
**Маҳмадов И.** Рушди муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-40 уми асри XX..............................................................................................................................74
**Раҷабова Д.,** Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд–унсури муҳими давлати ҳуқуқбунёд......................................................................................................................80

## ИЛМҲОИ ДАҚИҚ ВА ТАБИАТШИНОСӢ
## ТОЧНЫЕ НАУКИ И ПРИРОДОВЕДЕНИЕ


**Каримов С. К.,** Явления переноса в **$IN_2TE$**......................................................85
**Р. Акбаров, Ш. Мухторова** Задача Гилберта с нагруженными свободными членам и с дополнительными условиями......................................................................91
**Раҳимов Н., Шарифов Ш.,** Ҳал ва тадқиқи масъалаҳои матние, ки ба муодила ва нобаробариҳо оварда мешаванд......................................................................95
**Бобоев Т., Бобоев М.Т., Қуллаев Ш., Ёқубов С., Бобоев Ш.,** Аҳамияти хоҷагӣ ва роҳҳои парваришу муҳофизати баъзе намудҳои ёбоии авлоди *allium* l.......................................99
**Бойаҳмадов Ш.**, Тоза нигоҳ доштани об - вазифаи муқаддас...................................103


## ИҚТИСОДИЁТ
## ЭКОНОМИКА


**Мирсаидов М. Н.,** Тамоюли рушди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон............108
**Шаҳнозаи С., Ҳасанова Ф.Ш.,** Гурӯҳбандии омилҳои рушди иқтисодӣ ва алоқамандии байни онҳо......................................................................117
**Абдулов Д., Сафаров А.,** Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ омили рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон......................................................................121
**Талбаков Л.Қ.,** Нақш ва аҳамияти туризм дар рушди иқтисоди миллӣ.....................125


## ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ
## ФИЛОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


**Содиқов Ё.,** Асосҳои ҳаётӣ ва илмии повести илмӣ – фантастикии Абдумалик Баҳорӣ «Умеди ягона»......................................................................130
**Файзуллоева Ф.** Система упражнений как средство формирования речевых умений и навыков......................................................................135
**Шералиева С.,** Микротопонимия, топонимия, макротопонимия ва забоншиносии тоҷик......................................................................139
**Гафурова М. Х.** Особенности употребления наречий в роли сказуемого......................143
**Қосимова З.,** Таҳлили ғоявӣ- бадеии достонҳои «Илму Одам» ва «Парчами Ваҳдат»-и Абдулҳай Қаландар......................................................................147
**Сайдамирова К. Дж.,** Фразеологическое значение в сопоставлении с лексическим....151
**Толибова О.** Особенности изъяснительной придаточной части сложноподчинённых предложений русского и таджикского языков ..................................................155
**Исмоилова Ф.,** Мақола ҳамчун жанри таҳлилӣ дар матбуоти Миср..........................158
**Муродов Б., Табаров Ш.,** Ҷонишинҳои манфӣ ва хусусиятҳои маъноии онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ......................................................................162


## ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ ВА РАВОНШИНОСӢ
## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


**Рахимова С.Р.** Патриотическое воспитание- основа укрепления государства.........**168**
**Самариддинова З.Н., Умедаи Талаб.,** Принсипи асосии ташкили машғулиятҳо оид ба асосҳои алгоритмсозӣ ва барномасозӣ дар шароитҳои истифодаи компютер дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ......................................................................172

**Давлятов М.А., Курбанов М.С.,** Особенности совершенствования технологий педагогического общения……………………………………………………………………176
**Худойдодова О.,** Педагогические условия эффективности самообразования студентов.........................................................................................................................180
**Сафаров Д.,** Личностно-ориентированный и системно-деятельностный подходы в модернизированном образовании.........................................................................183
**Каримов М.А.,** Способы и пути организации обучения русскому языку на современном этапе в средней школе и в высшем учебном заведении……………….........................188
**Гиёев А. Х.,** Духовно- нравственное воспитание младших школьников в учебно-воспитательном процессе……………………………………………………………......194
**Ҷӯраев Б., Абдуҷаббор Сафаралӣ,** Саҳми оила дар худшиносии наврасон...................200
**Розиқова Р., Яқубова Ш.,** Тарбияи эстетикӣ дар синфҳои ибтидоӣ………….................206

Ба чопаш 16.04.2017 имзо шуд. Андозаи 60x84$^{1}/_{16}$.
Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 12
Адади нашр 150 нусха

Дар матбааи «КОНТИНЕНТ ТҶ» чоп шудааст.
ш. Душанбе, к. Маяковский, 77/66
Тел.: (+992 37) 221-35-05